*ISSN: 2709-7382*

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

# *МУАРРИХ*

## (маҷаллаи илмӣ-назариявӣ)

## № 2 (30) 2022

*Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Муаррих» соли 2015 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 174/МҶ-97 15-уми январи соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла аз 26-уми апрели соли 2018 дар рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз санаи 21-уми феврали соли 2022 таҳти рақами №1520 дар Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия номнавис гардидааст.*

**САРМУҲАРРИР: Насрулло УБАЙДУЛЛО, доктори илмҳои таърих, профессор**

**МУҲАРРИРИ МАСЪУЛ: Ҳамза КАМОЛ, доктори илмҳои таърих, профессор**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**Юсуфшо ЁҚУБШО** - академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
**Ҳайдаршо ПИРУМШО** - узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор;
**Абдулло ҒАФУРОВ** - номзади илмҳои таърих, дотсент;
**Лариса ДОДХУДОЕВА** - доктори илмҳои таърих, профессор;
**Аскаралӣ РАҶАБОВ** -доктори илмҳои таърих, профессор;
**Абдувалӣ ШАРИФЗОДА** - номзади илмҳои таърих;
**Нуриддин САЙФУЛЛОЕВ** - номзади илмҳои таърих;
**Саидмурод БОБОМУЛЛОЕВ** - доктори илмҳои таърих;
**Қосимшо ИСКАНДАРОВ** - доктори илмҳои таърих;
**Виктор ДУБОВИТСКИЙ** - доктори илмҳои таърих (Русия);
**Александр ЧУБАРЯН** - академики Академияи илмҳои Русия, доктори илмҳои таърих, профессор (Русия);
**Франсис РИШАР** - узви вобастаи хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор (Фаронса);
**Анри-Пол ФРАНКФОР** - доктори илмҳои таърих, профессор (Фаронса).

**© Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2022.**

*ISSN: 2709-7382*

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**

**ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ ИМЕНИ АХМАДА ДОНИША**

# *ИСТОРИК*

**(научно-теоретический журнал)**

**№ 2 (30) 2022**

*Научно-теоретический журнал «Историк» основан в 2015 г. и выходит четыре раза в год на таджикском, русском и английском языках. Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под № 174/МҶ-97 от 15 января 2021 г.*

*Журнал с 26 апреля 2018 года входит в перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии (ВАК) при Президенте Республики Таджикистан и с 21 февраля 2022 года под № 1520 входит в перечень ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.*

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР: Насрулло УБАЙДУЛЛО, доктор исторических наук, профессор**

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ РЕДАКТОР: Хамза КАМОЛ, доктор исторических наук, профессор**

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

**Юсуфшо ЁКУБШО** - академик Национальной академии наук Таджикистана;
**Хайдаршо ПИРУМШО** - член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор исторических наук, профессор;
**Абдулло ГАФУРОВ** - кандидат исторических наук, доцент;
**Лариса ДОДХУДОЕВА** - доктор исторических наук, профессор;
**Аскарали РАДЖАБОВ** - доктор исторических наук, профессор;
**Абдували ШАРИФЗОДА** - кандидат исторических наук;
**Нуриддин САЙФУЛЛАЕВ** - кандидат исторических наук;
**Саидмурод БОБОМУЛЛОЕВ** - доктор исторических наук;
**Косимшо ИСКАНДАРОВ** - доктор исторических наук;
**Виктор ДУБОВИЦКИЙ** - доктор исторических наук (Россия);
**Александр ЧУБАРЬЯН** - академик Российской академии наук, доктор исторических наук, профессор (Россия);
**Франсис РИШАР** - иностранный член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана, доктор исторических наук, профессор (Франция);
**Анри-Поль ФРАНКФОР** - доктор исторических наук, профессор (Франция).

**© Институт истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана, 2022.**

*ISSN: 2709-7382*

**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN**

**AHMAD DONISH INSTITUTE OF HISTORY, ARCHAEOLOGY AND ETHNOGRAPHY**

# *HISTORIAN*

## (scientific-theoretical journal)

## № 2 (30) 2022

*The scientific-theoretical journal «Historian» founded in 2015, issues four times a year in Tajik, Russian and English languages. The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under the № 174 / MJ-97 dated of January 15, 2021.*

*Since April 26, 2018 is the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission (HAC) under the President of the Republic of Tajikistan and since February 21, 2022 under No. 1520 HAC Ministry of Education and science of the Russian Federation.*

CHIEF EDITOR: **Nasrullo UBAYDULLO Dr. of History, Professor**

EXECITIVE EDITOR**: Hamza KAMOL Dr. of History, Professor**

**EDITORIAL BOARD:**

**Yusufsho YOKUBSHO -** Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan;
**Haydarsho PIRUMSHO**- corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
the AS Republic of Tajikistan, Dr. of History, Professor;
**Abdullo GAFUROV** - Candidate of History, dotsent;
**Larisa DODKHUDOEVA** - Dr. of History, Professor;
**Askarali RAJABOV** - Dr. of History, Professor;
**Abduvali SHARIFZODA** - candidate of historical sciences;
**Nuriddin SAYFULLOEV**- Candidate of History;
**Saidmurod BOBOMULLOEV** - Dr. of History;
**Kosimsho ISKANDAROV** - Dr. of History;
**Victor DUBOVITSKIY -** Dr. of History, (Russia);
**Alexander CHUBARYAN** - academician of the RAS, Dr. of History, Professor (Russia);
**Francis RISHAR -** foreign corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Dr. of History, Professor (France);
**Henri-Paul FRANKFOR** - Dr. of History, Professor (France).

**© Ahmad Donish Institute of history, archaeology and ethnography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, 2022.**

# МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ-CONTENTS

**ТАЪРИХИ ВАТАНӢ-ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ-NATIONAL HISTORY**

**Ҳамза КАМОЛ.** Хуруҷи Деваштич ........ 5

**НАҶОТОВА Н.Б., ИНОЯТОВА С.Э.**
Баъзе маълумот перомуни вазирони аҳди Ғазнавӣ ........ 14

**НИЯЗОВА А. У.** Храм Навбахор и Бармакиды ........ 26

**АКРАМОВ М.И.** Социально – экономические преобразования в период гражданской войны в Таджикистане в 1918-1923 годах ........ 34

**ҲОТАМОВ Н.Б.** Маҳдудияти маънавии тоҷикон ҳангоми гузаронидани тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна ........ 49

**Фарзона ҒАФФОРЗОДА**. Нақши Созмони Милали Муттаҳид дар истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллии тоҷикон ........ 63

**ТАЪРИХНИГОРӢ ВА МАЪХАЗШИНОСӢ-ИСТОРИОГРАФИЯ И ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ-HISTORIOGRAPHY AND SOURCE STUDY**

**Абдувалӣ ШАРИФЗОДА.** Инъикоси сикказанӣ дар «Футуҳ-ул-булдон»-и Аҳмади Балозурӣ........ 73

**АФСАХОВА Н.С.** К вопросу о «сартах» в газете «Туркестанские ведомости» 83

**ХУСЕНОВ Ф. Р.** Отражение порядка проведения дипломатических сношений двора Газнавидов с Сельджуками на ранних этапах в труде Абулфазла Байхаки «История Масъуда» ........ 100

**НАЗАРОВ Ф.А.** Вклад Хайдаршо Пирумшоева в изучение истории завоевания и присоединения Средней Азии к России во второй половине XIX – начале XX вв. ... 107

**Меликиён Э.Б.** Кашфи асари наве аз Аҳмади Дониш ........ 116

**БОСТОНШИНОСӢ - АРХЕОЛОГИЯ – ARCHEOLOGY**

**РАХИМОВ Н.Т.**
Сырдарья: речной путь в системе коммуникаций Шелкового пути ........ 126

**ТАЪРИХИ ҲУНАР-ИСТОРИЯ ИСКУССТВА-ART HISTORY**

**САЙФУЛЛОЕВА Ш.И.** Античная и раннесредневековая терракота долины Вахша и низовьев Кофарнихона ........ 135

**СОХИБНАЗАРОВ М.Д.** Художественная обработка металла в Тохаристане и Согде эпохи раннего средневековья ........ 144

**КАРИМОВА Г.Б.** Саҳми Б. И. Маршак дар таҳқиқ, таҷдид ва таҳлили бадеии деворнигораҳои Панҷакенти Қадим ........ 153

**ЮСУПОВА Ш.А.** Намоишгоҳ ҳамчун шакли муаррифии ёдгориҳои таърихӣ ва асарҳои санъати тасвирӣ........ 160

**АМРОЕВ У.М.** Гулчеҳра Содиқова ва анъанаи иҷроии мусиқии мардум ........ 166

## ТАЪРИХИ ВАТАНӢ-ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ-NATIONAL HISTORY

**УДК 9 (575.3)**

# ХУРУҶИ ДЕВАШТИЧ[1]

**Соли 2021 аз хуруҷи Деваштич алайҳи аъроб 1300 сипарӣ гардид.**

**Ҳамза КАМОЛ,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши**

Табарӣ дар рухдодҳои соли 103 ҳ.қ./721-722 зикре аз ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд-Деваштич мекунад, ки дар водии Зарафшон, дар мубориза алайҳи арабон бархоста буд. Бино ба қавли Табарӣ ӯ аз шумори ашрофдеҳқонони Самарқанд маҳсуб мешуд, ки номи вай «Девошниг буд ва онро муарраб карданд ва Девошнӣ гуфтанд» [2, 3584].

Гуфтаҳои Табарӣ роҷеъ ба Деваштич миёни ховаршиносон он замон арзиш пайдо намуданд, ки ба тасодуф аз кӯҳи Муғ асноде пайдо гардид, ки номи Деваштич ва корномаи ӯро аз зери ғубори асрҳо берун овард.

Баҳори соли 1932 ба ҳангоми чаронидани рамаи гӯсфандон дар фарози кӯҳи Муғ чӯпоне аз деҳи Хайрободи ноҳияи Захматобод (Айнии ҳозира) ба исми Ҷӯраалӣ Маҳмадалӣ мутаваҷҷеҳ мешавад, ки пойи гӯсфанде ба сӯрохе банд мондааст. Ба ҳангоми раҳоии пойи гӯсфанд аз ин сӯрох як сабади нимапӯсида бо пораи коғази нозуки хокистарии равшан, ки бо хати номафҳум дар он навиштаҳое вуҷуд дошт, пайдо мекунад.

Ҷӯраалӣ ин ёфтаро назди босаводтарин аҳли деҳ – муллои маҳал овард, аммо ӯ натавонист асли матнро ба дурустӣ таъйин кунад. Ин санад чанд моҳ дар рустоҳои болооби Зарафшон даст ба даст мегузашт ва билохира ба дасти Абдулҳамид Пӯлодӣ, ки он замон симати котиби Комитети ҳизби ноҳияи Захматободро ба дӯш дошт, мерасад. Ба ибтикори ӯ ин бозёфт ба шаҳри Душанбе оварда мешавад.

Акси ин санадро котиби илмии он замони базаи тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттиҳоди Шӯравӣ А.И. Василев бо худ ба шаҳри Ленинград ба назди профессор А.А. Фрейман барои шиносоӣ мебарад. Профессор А.А. Фрейман муайян мекунад, ки нусхаи хаттӣ санадест, ки бо хатти шикастаи суғдӣ ба забони суғдӣ навишта шудааст. Ин аввалин бор буд, ки нусхаи хатти суғдӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ, дар қаламрави худи Суғд ёфт шуд, дар ҳоле ки тамоми ёфтаҳои дастнависҳои суғдӣ то ҳоло дар мустаъмароти Суғд дар Чин ба даст омадааст [14,7].

Ин нахустбозёфт, ки дар феҳристи асноди дастнависи бадастомада аз харобаҳои дижи кӯҳи Муғ зери рақами як шуморагузорӣ шудааст [14, 33;

---

[1] Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик» (асри III-аввали асри XX), рақами қайди давлатӣ 0121TJ1211 навишта шудааст.

13,13], номаи сафири Деваштич Фатуварн мебошад, ки аз Чоч ба ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд – Деваштич ирсол шуда буд [14, 34; 13,13].

Рамзкушоии асноду номаҳо ба муҳаққиқон имкон дод, то муайян намоянд, ки дар оғози садаи VIII ин диж паноҳгоҳи ҳокими Панҷакент Деваштич буд, ки муддате чун ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд низ ифои вазифа карда, дар ин ҷо бо ишғолгарони араб вориди охирин набард шуда, онро чун сангари муқовимат алайҳи арабҳо истифода намуд.

Чуноне ки баъдан таҳқиқ гардид, дар фарози ин кӯҳ, ки Ҷӯраалии чӯпон сабадеро бо санаде аз сӯрохе пайдо кард, замоне дижи Абғар (Абарғар) қад барафрохта буд. Интихоби мавзеъ барои дижи Абғар дар фарози кӯҳи Муғ аз нигоҳи амният бисёр муҳим буд. Зеро ин кӯҳро аз се тараф: аз ғарб ва шимол дарёи Зарафшон ва аз шарқ дарёчаи Кум иҳота кардаанд. Танҳо дар самти ҷанубии кӯҳи Муғ майдони ҳамворе дар нишебӣ қарор дорад, ки имкони дастрасӣ ба кӯҳро аз тариқи замин фароҳам мекунад. Вайронаҳои дижи Абғар дар фарози кӯҳи Муғ қарор доранд, ки бо таваҷҷуҳ ба шароити топографии минтақа нуқтаи бисёр муносибе барои дифоъ буда, дар айни ҳол маҳалли бисёр мувофиқе барои назорат аст. Дарёи Зарафшон ва дарёчаи Кум ва доманаҳои нишеби кӯҳ, ки дар бархе нуқот ба деворҳо табдил меёбанд, қуллаи кӯҳро, ки дижи Абғар онҷост, аз се тараф комилан ғайри қобили дастрас гардонида, танҳо ҷойи қобили дастрас аз хушкӣ ҳамон майдони дар нишебӣ қарордошта мебошад, ки дар баъзе ҷойҳо хеле борик мешавад.

Моҳи майи соли 1933 дар дижи Муғ А. Пӯлодӣ ва баъдан А.И. Василев [4,18-32] нахуст мустақилона ва баъдан моҳи ноябри соли 1933 дар ҳайати экспедитсияи АФ Иттиҳоди Шӯравӣ зери роҳбарии А.А. Фрейман ҳафриёт гузарониданд. Дар натиҷа аз ин диж 81 санади дастнавис ёфт шуд, ки забони як санади дар чарм навишташуда муайян нагардид ва 80 адади он чунин шиносоӣ шуданд: 25 санад дар коғази нафиси намунаи чинӣ (22 тои он ба забони суғдӣ, ки пушти 5 тои он матн бо забони чинӣ дорад), 32 санад дар чарм (29 тои он ба забони суғдӣ) ва 23 санад дар чӯб (шохаҳои маҷнунбед, ҳама ба забони суғдӣ) [14,14]. Аз ҷумлаи ин санадҳо ду санад дар чарм ба забони арабӣ навишта шудааст, ки И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская онҳоро бахшҳое аз як санад меҳисобанд [7, 52-90]. Ҳашт санад ба забони чинӣ иншо шудааст, ки онҳоро муҳаққиқ А.С. Поляков шиносоӣ намуд [10, 91-117]. Инчунин ба ҳангоми ҳафриёт аз ин ёдгории таърихӣ теъдоди 400 ашёи фарҳанги моддӣ, мисли пораҳои матоъ, чарм, маснуоти кулолӣ, таҷҳизоти низомӣ (тир ва сипар) ва 6 сикка (як сиккаи нуқра ва боқимонда мис, ки дар мобайнашон сӯрох доранд) ба даст омад. Муқаррар гардид, ки ба шарофати хоки махсуси ин дараи кӯҳӣ асноде, ки дар рӯйи чарм ва коғаз навишта шудаанд, дар зери замин пас аз гузашти сенздаҳ сада комилан ҳифз гардидаанд.

Соли 1934 А.А. Фрейман шарҳи палеографии муфассале аз асноди ёфтшударо таҳия кард ва нишон дод, ки дар миёни мутуни суғдӣ ҳадди ақал ду гурӯҳ аснод – номаҳо ва асноди хоҷагӣ вуҷуд доранд. Феҳристи ин аснод соли 1934 шомили «Согдийский сборник. Сборник статьей о памятниках

согдийского языка и культуры, найденных на горе Муг в Таджикской ССР» шуда, ба нашр расид [15, 33-51]. Тавсифу таҳқиқи ин аснод соли 1962 аз ҷониби А.А. Фрейман анҷом ёфта, дастраси доираи илм гардиданд [13].

Баъди солҳои панҷоҳуми садаи гузашта асноди кӯҳи Муғ аз ҷониби ховаршинос В.А. Лившитс мавриди омӯзиш қарор гирифтанд [11]. Дар ҷараёни рамзкушоии ин аснод ба В.А. Лившитс муяссар шуд, ки аз миёни ин ҳама аснод мутуни ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама қарордодҳоеро ҷудо намояд, ки дар маҷмӯи асноди суғдии таҳиянамудаи А.А. Фрейман аз вуҷуди онҳо сухане набуд. Инчунин маълум шуд, ки асноди кӯҳи Муғ ҳовии иттилооте мебошанд, ки вазъияти сиёсӣ ва низомӣ дар Суғд ва навоҳии ҳамҷавори онро байни солҳои 711-722 муайян мекунанд. Ин аснод бидуни шак ба пажӯҳандагон имкони ироаи тасвири куллие аз низоми иҷтимоӣ ва ҳаёти иқтисодии Суғдро дар ин даврон фароҳам месозад [8, 11-14].

Муайян шуд, ки теъдоди қобили мулоҳизаи ин аснод, аз ҷумла санади арабӣ ба номи Деваштич иртибот мегиранд. Таҳқиқи санади арабии ёфтшуда аз ин диж ба донишмандон И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская имкон дод, ки на танҳо таърихи ин матнро дақиқ намояд, инчунин номи Деваштич (Девасти)-ро бори нахуст вориди доираи илми таърих намуда, вазъияти таърихии замони харобшавии қалъаро низ мунъакис созанд [7, 52-90].

Дар аввалин мушоҳидаи асноди кӯҳи Муғ, -менависад А.А. Фрейман, - таваҷҷуҳ ба ин ҳолати ҷолиб шуд, ки ба Деваштич унвони ихшиди Суғд ва афшини Самарқандро додаанд, ки он мушобеҳи унвони ҳамзамони ӯ Ғурак мебошад, ки соли 710 самарқандиён пас аз сарнагунии Тархун барои гузаштҳояш ба арабҳо, ӯро ба тахти ихшидӣ нишонданд. Аммо Деваштич ин унвонро на дар ҳама аснод дорад, балки он фақат дар теъдоди муайяни номаҳои бидуни таърих, ки дар рӯйи коғаз ва чарм навишта шудаанд ва дар ду санади таърихгузошта ба номи ӯ, ки яке аз онҳо рӯи чарм ва дигар рӯйи коғаз навишта шудааст, зикр мегардад [13, 42].

Бар асоси рамзкушоии асноди суғдии ёфшуда аз кӯҳи Муғ, ки ба умури хоҷагӣ иртибот доранд, донишмандон М.Н. Боголюбов ва О.И. Смирнова ба ин назаранд, ки Деваштич соҳиби мулки Панҷакент буда, лақаби шоҳзодаи онро дошт ва ба далели густариши доманаи мулкҳояш лақаби афшини Панҷро дарёфт намуда, аз соли 720 ё 721 на камтар аз ду сол лақаби афшини Самарқанд ва ихшиди Суғдро ба худ гирифт [12, 104].

Номҳое, ки дар санади ба забони арабӣ навишташуда зикр шудаанд, калиде барои кушодани қуфли таърихи навишта шудани санад гардид. Донишмандон И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская дақиқ муайян намуданд, ки ин санад номаест унвонии фармондори Хуросон Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ, ки аз номи Деваштич на зудтар аз оғози соли 718 ва на дертар аз моҳи апрели соли 719 навишта шудааст [7, 53-54]. Зеро Ҷарроҳ ибни Абдуллоҳ дар охири соли 717 аз ҷониби халифа Умар ибни Абдулазиз фармондори Хуросон таъйин шуда, дар охири моҳи апрели соли 719 аз ин вазифа барканор гардида буд.

И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская ин номаро тафсир намуда, ба ин

назаранд, ки вожаи аввали нома «басмала» (бисмиҳи) баёнгари он аст, ки Деваштич дар ин нома худро мусулмон меҳисобад. Дар идома бо иттико ба манобеи таърихӣ ва адабиёти илмӣ менависанд, ки далелҳое вуҷуд доранд, ки ин шароитро бо сиёсати Умар ибни Абдулазиз иртибот медиҳад. Ин халифа дар оғози хилофати худ пешниҳоди ислом пазируфтанро барои намояндагони силсилаҳои маҳаллӣ дар манотиқи марзии хилофат ирсол кард. Ин пешниҳод на танҳо дар Осиёи Миёна, инчунин дар Ҳинд, эҳтимолан ба унвони як гоми сиёсӣ-дипломатӣ муваффақиятомез буд. Аз ҷумла, ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд Ғурак пазириши исломро эълон кард ва аз ин фурсат истифода намуда, сафорате назди Умар ибни Абдулазиз фиристод, то эҳсоси сулҳхоҳонаи худро иброз кунад. Мушаххас аст, ки Ғурак дар ҳамон сол номаи маъруферо бо лаҳни комилан мутафовут дар робита бо арабҳо барои императори Чин ирсол кард. Ин баёнгари он аст, ки пазириши ислом аз ҷониби ӯ фақат як иқдоми дипломатии сохтагӣ буд. Зеро баъдан дубора аз таблиғи ислом дар Самарқанд мешунавем ва пазириши ниҳоии ислом дар ин минтақа сад сол пас, дар замони халифа Муътасим (833-842) иттифоқ афтод. Шакке нест, ки Деваштич низ ҳамон мусулмонест бо равиши дипломатӣ. Деваштич дар нома худро мутавозиона «мавлои амир» мехонад. Дар таърихи хилофат ин калима маъмулан ба ашхосе итлоқ мешуд, ки баромади нажодии ғайри араб доштанд ва ба унвони ҳимоят чун муштарии бархе аз қабилаҳо ё афроди араб пазируфта мешуданд. Теъдоди онҳо бисёр чашмгир буд ва бо густариши қаламрави давлати арабҳо, бавижа дар манотиқи марзӣ афзоиш ёфт. Деваштич бо истифодаи вожаи «мавло» фақат таъкид кардааст, ки дар ҳоли ҳозир худро дар равобити муттаҳидона бо аъроб мебинад [7, 67-69].

Соли 103 ҳ.қ./721-722 суғдиён алайҳи аъроб шӯриш карданд ва хостанд онҳоро аз Самарқанд берун созанд. Фармондори Хуросон Саъиди Хузайна ду бор лашкаркашӣ алайҳи суғдиёни саркашро роҳбарӣ кард, аммо суғдиён бо ёрмандии туркон зарботи сангине ба лашкари ӯ ворид карданд. Ин қиём ба зудӣ дигар навоҳии Суғдро низ фаро гирифт. Саъиди Хузайна натавонист коре дар чораҷӯии шӯришиён кунад ва аз мақомаш канор зада шуд. Дар ивази ӯ соли 103 ҳ.қ. /721-722 шахси золим ба исми Саъид ибни Амри Ҳараширо ба фармондории Хуросон мансуб карданд [2, 3576]. Саъиди Ҳарашӣ бо сахтгириҳояш дар мубориза алайҳи хориҷиён дар хилофат шуҳрат касб карда буд. Барои Суғд низ фармондории кӯтоҳмуддати ӯ дар Хуросон бо як лашкаркашии танбеҳдиҳанда сабти таърих гаштааст.

Соли 104 ҳ.қ. /722-723 Ҳарашӣ бо мардуми шӯридаи Суғд ба ҷанг пардохт ва «деҳқонони Суғду Самарқандро, ки муртад шуда буданд (яъне ба кеши аҷдоди худ баргаштанд), ҳаме гирифт ва ҳаме кушт ва хостаҳо ҳаме ситад, пас халқе аз эшон аз пеши ӯ (Ҳарашӣ) бигрехтанд ва ба Фарғона шуданд ва аз малики Фарғона фарёд хостанд. Малики Фарғона эшонро ёрӣ надод аз бими Саъид. Эшон аз он ҷо боз гаштанд ва ба Хуҷанд омаданд» [1,1580]. Ҳарашӣ аз ин хабар огоҳӣ ёфт ва аз хашм «Суғду Самарқанд ғорат кард ва ҳар киро ёфт бикушт ва барда кард» [1,1580].

Ин фирори суғдиён аз маконҳои бумии худ ба дарвозаи водии Фарғона - шаҳри дурафтодаи Хуҷанд барои наҷот аз интиқоми арабҳо ба манотиқи амнтар аз лашкаркашиҳои тозиён буд. Баръакси чашмдор арабҳо онҳоро то ин шаҳр низ таъқиб карданд. Сокинони Хуҷанд ҳамбастагии худро ба суғдиён иброз доштанд, ки ба хотири он аз ҷониби аъроб муҷозот шуданд [2, 3578-3586; 6, 67-68].

Аммо Деваштич ва ҳаводоронаш ба ҷониби водии Фарғона нарафтанд ва тарҷеҳ доданд, ки барои идомаи мубориза бо арабҳо ба шарқ, ба болооби Зарафшон, ба мантақаи мушкилгузари кӯҳистонии Абғар, ки дар соҳили ҷанубии Зарафшон воқеъ буд, бираванд. «Девошнӣ (Деваштич) бо мардуми Бунҷикас сӯи қалъаи Абғара рафтанд» [2, 3579] ва ӯ ду писари Тархон – ҳокими собиқи Самарқандро, ки зери муроқибати худ гирифта буд, дар рикоби худ дошт [3, 481].

Деваштич бо дастаи муборизони худ аз Панҷакент ба ҷониби шарқии водии Зарафшон ҳаракат мекунад, то ҷойи муносибе барои муқовимат бо арабҳо дар кӯҳистони мушкилгузари ин водӣ пайдо намояд. Академик Б. Ғафуров ин назари фарзии А.Ю. Якубовскийро ба ҳақиқат наздик медонад, ки Деваштич ният дошт ҳамроҳони худро аз тариқи ағбаи Шаҳристон ба Хуҷанду Фарғона расонад, аммо ба ин ҳадаф нарасид [5, 359].

Деваштич худ барои мубориза бо аъроб вориди тамосҳои дипломатӣ бо ҳокими Чоч ва ҳатто хоқони турк гардида, аммо дар дижи Абғар боқӣ монд [3,481]. Аз ҷумла, Деваштич сафири худ ба исми Фатуварнро бо номае ба назди ҳокими Чоч барои ташкили сангари муштараки мубориза алайҳи арабҳо мефиристад. Ин нома дар шумори асноде, ки аз кӯҳи Муғ ёфт шуд, пайдо гардид ва онро ховаршинос В.А. Лившитс чунин рамзкушоӣ кардааст:[2] «Господину государю, великому оплоту, согдийскому царю, самаркандскому государю Деваштичу от его ничтожнейшего раба Фатуфарна донесение.

Господин государь (тебе), велико славному, много почтения я адресую.

И, господин, я прибыл сюда к чачскому государю. И, господин, я и письма вручил, и то, что следовало устно передать, я полностью, ничего не опуская, изложил – и тудуну, и Азатгриву. И, господин, письмо кагану и письмо ферганскому царю я через ферганского тутука ферганскому царю переслал. И, господин, я потому дальше не могу пойти, ибо, господин, кагана, по слухам, совсем нельзя увидеть. И, господин, от тудуна и от Азатгрива я получил письма и ответы. И, господин, когда я подошел к Аппартакану, то, господин, о Нижней (стране?) сколько-нибудь утешительных известий я не слышу, а Усрушанская область вся сдана(?). И, господин, я один-одинешенек, без спутников, и, господин, не осмеливаюсь я идти. И, господин, потому я вернулся снова в Чач. И, господин, из за этого (чачского) государя я страшно боюсь. И, господин, тудун в соответствии с перемирием с арабами отступил. И,

2 Ба манзури халал ворид нанамудан ба асолати тарҷумаи В.А. Лившитс, ин нома бо асли тарҷумааш ба забони русӣ оварда мешавад.

господин, в соответствии с перемирием Жамраваз и перс-полководец пошли вниз - по слухам (для того), чтобы получить выкуп, и чтобы отвести войско от арабов. И, господин, слухи относительно тюрок (таковы): (они) внезапно исчезли, потому что ушли он(и) наверх и до сих пор никто не вернулся. И, господин, тудун (ранее с Тарбандом заключил соглашение и, господин, все земли он (там) получил. И, господин, по слухам Азатгрив очень опечален последним перемирием и также он боится государя из-за того, что он не прибыл к тебе. И государь, затем о тебе (?) известий не может поступать. И, господин, вот эти письма я послал через Марвана в Канд. Господину, государю, великому оплоту, согдийскому царю, самаркандскому государю, Деваштичу от его нечтожнейшего раба Фатуфарна донесение» [8, 87-88].

Сулаймон ибни Абуссарӣ ва Мусайяб ибни Бишри Риёҳӣ, ки фармондеҳони Ҳарашӣ буданд, ба ҷанги Деваштич маъмур шуданд. Ин фармондеҳони араб бо дастаи сипоҳиёни худ, ки Шавкар ибни Хумайк – аз хонадони Бухорхудот, Аврам[3] - фармонравои Аҳоруну Шумон, инчунин Хоразмшоҳ (ҳокими Хоразм) низ шомили он буданд [2, 3504-3505; 3,491], аз Панҷакент гузашта, қисме аз манозил ва қасрҳоро ғорат карда, ба оташ кашида, бо роҳбаладии ҳокими Шумон, ки пайроҳаҳои кӯҳҳои маҳаллӣ барояш ошно буданд, ба рустои Кум наздик шуданд. Дар якфарсахии диж соли 722 дар наздикии деҳкадаи Кум дастаи пешсафи Сулаймон ибни Абуссарӣ бо сипоҳиёни Деваштич вориди набарди сарнавиштсоз гардида, ҷангандаҳои зери фармони Мусайяб сипоҳиёни Деваштичро ба ҷониби диже, ки дар канори нишеби соҳили Зарафшон қарор дошт ва Деваштич онро чун мақари фармонравоӣ интихоб карда буд, ки баъдҳо мардуми маҳаллӣ онро кӯҳи Муғ номиданд, ақиб нишонданд. Дастаи ҷангандаҳои Сулаймон он дижро муҳосира карданд. Мавқеияти ҷуғрофиёии ин диж чуноне буд, ки кӯҳпорае аз се тараф онро иҳота мекард ва барои мудофеини он имкони дифоъ аз дижро бо неруҳои андак фароҳам месохт. Бо чунин мавқеи ҷойгиршавии диж фармондеҳони араб низ натавонистанд аз бартарии теъдоди ҷангандаҳои худ барои ишғоли диж истифода кунанд ва танҳо ба муҳосираи он иктифо намуданд. Муҳосираи тӯлонӣ, мушкилоти таъмини сокинони диж бо маводи хӯрока, инчунин рӯҳафтодагии муҳофизони диж Деваштичро маҷбур ба музокира барои таслим шудан кард, ба шарте, ки барои муҳокима назди Ҳарашӣ оварда шавад. Дар зимн Табарӣ менависад, ки «Девошнӣ (аз Сулаймон) тақозо кард, ки ба ҳукми Ҳарашӣ таслим шавад ва ӯро ҳамроҳи Мусайяб ибни Бишр пеши Ҳарашӣ фиристод» [2, 3585].

Аз сарнавишти Деваштич баъд аз ихтиёран таслим шуданаш ба фармондеҳи араб ин матлаб дар манобеи таърихӣ зикр шудааст, ки Ҳарашӣ то замоне ки мардуми дижи Абғар тақозои сулҳ накарданд, аз рӯйи макр ба

3 Дар китоби «История таджикского народа» Т.II. Китоби аввал намояндаи хонадони Бухорхудот - Шавкар ибни Хумик ва фармонравои Аҳоруну Шумон бо номи Урам зикр шудаанд. История таджикского народа. Т.II. Книга первая. С.106.

Деваштич ҳурмат гузошт. Сокинони дижи Абғар ба шарти он ки ба «яксад хонадони онҳо ва занону фарзандонашон» зараре нарасад (яъне онҳоро ба ғуломӣ нагиранд), хоҳишманди таслими дижи Абғар ба арабҳо шуданд.

Деваштич ва ҳамрикобонаш амволу сарвати зиёдеро бо худ ба дижи Абғар оварда буданд. Барои ҳисоб кардан ва таҳвили ин дороиҳо Сулаймон ба Ҳарашӣ навишт, ки амонатдоронро барои гирифтани онҳо ба ин диж бифиристад. Ҳарашӣ ду нафар аз наздикони худро ба номҳои Муҳаммад ибни Азизи Киндӣ ва Илбо ибни Аҳмари Яшкуриро барои гирифтани амволи дижи Абғар ба ин ҷо фиристод. Ин фиристодагон «он чиро дар қалъа буд, ба музояда фурӯхтанд, ки хумсро (панҷяк) баргирифт ва боқиро миёни онҳо тақсим кард»,- менависад Табарӣ [2, 3585]. Ҷойи таъкид аст, ки аз ин ҳама сарват ба ворисони он, чуноне зикр шуд, танҳо бахше аз асноди бойгонии Деваштич ва теъдоде аз ашёи он ба ёдгор расидаанд, ки арзиши бузурги илмӣ ва фарҳангӣ доранд.

А.И. Василев, ки дар шумори нахустмуҳаққиқони дижи Абғар маҳсуб мешавад, бо беиттилоӣ аз ахбори Табарӣ фарзияи комилан дурустро дар бораи ғорат шудани ин диж пешноҳод карда буд: «Мавҷуд набудани ашёи комил (яъне ношикаста) миёни бозёфтҳои вайронаҳои қалъа моро ба ин бовар мерасонад, ки қалъа ғорат ва тамоми ашёи боарзишаш рабуда шудааст. Ин ғорат бо тахриби сохтмони қалъа ҳамроҳ буд, зеро ашёи алоҳидаи ба ҷо монда пас аз ғорат зери хиштҳои тоққҳои фурӯрехтаи утоқ мондаанд, ки ин ҳолат сабаби ҳифзи олии бозёфтҳо, бавижа асноди коғазӣ ва номаҳоро шарҳ медиҳад» [4, 32].

Ҳарашӣ Деваштичро ҳамроҳи худ ба ҷониби Кеш бурд. Чун ҳокими Кеш бе ҷанг ба Ҳарашӣ таслим шуд, аз кори вилояти Кеш фориғ шуда, «сӯи Рабинҷан рафт ва Девошниро бикушт ва бар тобуте биёвехт ва мактубе навишт, ки агар (ҷисми Деваштич) аз маҳалли худ мафқуд шуд, мардуми Рабинҷан яксад бидиҳанд... Ҳарашӣ сари Девошниро сӯйи Ироқ фиристод ва дасти рости вайро ба Тахористон пеши Сулаймон ибни Абуссарӣ фиристод» [2, 3585].

Бино ба хабари Табарӣ омили Ироқу Хуросон Умар ибни Ҳубайраи Фазорӣ, ки соли 102 ҳ.қ /720-721 ба ин вазифа таъйин шуда буд, фармондори худ дар Хуросон Ҳараширо соли 104 ҳ.қ./722-723 аз вазифа маъзул кард. «Сабаб он буд, ки менависад Табарӣ,- Умар дар мавриди Девошнӣ аз Ҳарашӣ озурдахотир буд, аз он рӯ, ки навишта буд ва дастур дода буд вайро (Деваштичро) раҳо кунад, аммо ӯро кушт, ки (Ҳарашӣ) Ибни Ҳубайраро ҳурмат намекард» [2, 3589-90]. Аммо сабаби азли Ҳарашӣ аз Хуросон аз ҷониби Умар ибни Ҳубайра танҳо қатли Деваштич набуда, ихтилофҳои шахсӣ миёни ин ду тан буд, ки билохира халифаи Бағдод ҷонибдорӣ аз Ҳубайра карда, Ҳараширо аз Хуросон ба дур андохт.

Бо фурӯ нишондани оташи наҳзати истиқлолхоҳии суғдиён, аз ҷумла Деваштич дар солҳои бистуми садаи ҳаштум муборизаҳо дар Варорӯд барои раҳоӣ аз асорати аъроб қатъ нагардид ва шуълаи он оташ гоҳе дар Самарқанд, гоҳе дар Фарғона, гоҳе дар Хатлон ва дигар манотиқи ин сарзамин забона

мезад.

### АДАБИЁТ

1.Абуалӣ Балъамӣ. Таърихномаи Табарӣ. Ҷ.5. Тасҳеҳи М. Равшан. Теҳрон, 1387. С.1323-1629.
2.Абуҷаъфар Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таърихур-русули вал-мулук. Китоби 5. Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. -726 с.
3.Большаков О.Г. Рождение и развитие ислама и мусульманской империи (VII-VIII вв.). -672 с.
4.Васильев А.И. Согдийский замок на горе Муг//Согдийский сборник. Сборник статьей о памятниках согдийского языка и культуры, найденных на горе Муг в Таджикской ССР. Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. С.18-32.
5.Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. 976 с.
6.История таджикского народа. Т.II. Книга первая. Возникновение и развитие феодального строя (VI-XVI вв.). Под редакцией Б. Гафурова и А.М. Беленицкого. Москва: Наука, 1964. -492 с.
7.Крачковский И.Ю., Крачковская В.А. Древнейший арабский документ из Средней Азии//Согдийский сборник. Сборник статьей о памятниках согдийского языка и культуры, найденных на горе Муг в Таджикской ССР. Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. С.52-90.
8.Лившиц В.А. Согдийская эпиграфика Средней Азии и Семиречья. СПб: Филологический факультет СПбГУ, 2008. -414 с.
9.Фрейман А.А. Опись рукописных документов, извлеченных из развалин здания на горе Муг в Захматабадском районе Таджикской ССР около селения Хайрабад и собранных таджикистанской базой Академии наук СССР//Согдийский сборник. Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. С.33-51.
10.Поляков А.С. Китайские рукописи, найденные в 1933 в Таджикистане// Согдийский сборник. Сборник статьей о памятниках согдийского языка и культуры, найденных на горе Муг в Таджикской ССР. Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. -С.91-117.
11.Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица. Москва: Издательство восточной литературы, 1962. -222 с.
12.Согдийские документы с горы Муг. Вып. III. Хозяйственные документы. Чтение, перевод и комментарии М.Н.Боголюбова и О.И.Смирновой. Москва: Издательство восточной литературы, 1963. -131 с.
13.Согдийские документы с горы Муг. Вып.I. Описание, публикации и исследование документов с горы Муг. Чтение, перевод и комментарии А.А.Фреймана. Москва: Издательство восточной литературы, 1962. -90 с.
14.Фрейман А.А. Находка согдийских рукописей и памятников материальной культуры в Таджикистане//Согдийский сборник. Сборник статьей о памятниках согдийского языка и культуры, найденных на горе Муг в Таджикской ССР. Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. С.7-17.
15.Фрейман А.А. Опись рукописных документов извлеченных из развалин здания на горе Муг в Захматабадском районе Таджикской ССР около селения Хайрабад и собранных таджикистанской базой Академии наук СССР//Согдийский сборник. Ленинград: Издательство Академии наук СССР, 1934. С.33-51.

### ХУРУҶИ ДЕВАШТИЧ

Соли 2021 аз хуруҷе дар водии Зарафшон алайҳи аъроб 1300 сипарӣ гардид. Табарӣ дар руходҳои соли 103 ҳ.қ./721-722 зикре аз ихшиди Суғд ва афшини Самарқанд-Деваштич мекунад, ки дар мубориза алайҳи арабҳо бархоста буд. Гуфтаҳои Табарӣ роҷеъ ба Деваштич миёни ховаршиносон он замон арзиш пайдо намуданд, ки ба тасодуф аз кӯҳи Муғ асноде пайдо

гардид, ки номи Деваштич ва корномаи ӯро аз зери ғубори асрҳо берун овард.

Моҳи майи соли 1933 дар дижи Муғ котиби Комитети ҳизбии ноҳияи Заҳматобод Абдулҳамид Пӯлодӣ ва баъдан котиби илмии он замони базаи тоҷикистонии Академияи фанҳои Иттиҳоди Шӯравӣ А.И. Василев нахуст мустақилона ва баъдан моҳи ноябри соли 1933 дар ҳайати экспедитсияи АФ Иттиҳоди Шӯравӣ зери роҳбарии А.А. Фрейман ҳафриёт гузарониданд. Дар натиҷа аз ин диж 81 санади дастнавис ёфт шуд, ки 80 адади он шиносоӣ шуда, забони як санади дар чарм навишташуда муайян нагардид.

Муайян шуд, ки теъдоди қобили мулоҳизаи ин аснод, аз ҷумла, санади арабӣ ба номи Деваштич иртибот мегиранд. Таҳқиқи санади арабии ёфтшуда аз ин диж ба донишмандон И.Ю. Крачковский ва В.А. Крачковская имкон дод, ки на танҳо таърихи ин матнро дақиқ намояд, инчунин номи Деваштич (Девасти)-ро бори нахуст вориди доираи илми таърих намуда, вазъияти таърихии замони харобшавии қалъаро низ мунъакис созанд.

Муаллиф бо такя ба маводи сарчашмаҳои таърихӣ ҳодисаҳои таърихии солҳои 721-722, ки дар Суғд, аз ҷумла, дар водии Зарафшон рух додаанд ва дар маркази он шӯриши Деваштич қарор дошт, баррасӣ мекунад.

***Калидвожаҳо:*** *дижи Муғ, Самарқанд, Панҷакент, Хуҷанд, Хуросон, Заҳматобод, Кум, Абғар, Ғурак, Деваштич, Фатуварн, Ҳарашӣ, Саъиди Хузайна, А.А. Фрейман, А. Пӯлодӣ.*

## ВОССТАНИЕ ДЕВАШТИЧА

В 2021 году исполнилось 1300 лет восстанию против арабов в Зеравшанской долине. В событиях 103 г.х./721-722 гг. Табари упоминает царя Согда и правителя Самарканда Деваштича, поднявшегося на борьбу с арабами. Сказание Табари о Деваштиче стало популярным среди востоковедов после того, как на горе Муг были случайно найдены документы, извлекшие из пыли веков имя и подвиг Деваштича.

В мае 1933 г. первый секретарь партийного комитета Захматабадского (ныне Айнинского) района Абдухамид Пулоди, а затем тогдашний ученый секретарь Таджикской базы АН СССР А.И. Васильев провели раскопки в замке Муг сначала самостоятельно, а затем в ноябре 1933 г. в составе экспедиции АН СССР под руководством А.А. Фреймана. В результате в крепости была обнаружена 81 рукопись, язык которых полностью идентифицирован, кроме языка одного документа, написанного на коже.

Было определено, что значительное количество этих документов, в том числе написанных на арабском языке, были связаны с именем Деваштича.

Изучение арабского документа, обнаруженного в этой крепости, позволило ученым И.Ю. Крачковским и В.А. Крачковской не только уточнить историю текста, но и впервые ввести в исторический научный оборот имя Деваштича (Девасти), а также историческую ситуацию на момент разрушения замка.

Автор статьи на основе исторических источников анализирует исторические события 721-722 гг., происходившие в Согде, в том числе в Зеравшанской долине, центральным из которых было восстание Деваштича.

***Ключевые слова:*** *крепость Муг, Самарканд, Пенджикент, Худжанд, Хуросон, Захматобод, Кум, Абгар, Гурак, Деваштич, Фатуварн, Хараши, Саъиди Хузайна, А.А. Фрейман, А. Пулоди.*

## DEVASHTICH REBELLION

2021 marks the 1300th anniversary of the uprising against the Arabs in the Zeravshan Valley. In the events of 103 AH / 721-722, Tabari mentions the king of Sogd and the ruler of Samarkand Devashtich, who rose to fight against the Arabs. The legend of Tabari about Devashtich became popular among orientalists after documents were accidentally found on Mount Mug that extracted the name and deed of Devashtich from the dust of centuries.

In May 1933, the first secretary of the party committee of the Zakhmatabad (now Aini) region

Abdukhamid Pulodi, and then the then scientific secretary of the Tajik base of the USSR Academy of Sciences A.I. Vasiliev carried out excavations in the Muga castle, first on their own, and then in November 1933 as part of an expedition of the USSR Academy of Sciences led by A.A. Freiman. As a result, 81 manuscripts were found in the fortress, the language of which is fully identified, except for the language of one document written on leather.

It was determined that a significant number of these documents, including those written in Arabic, were associated with the name of Devashtich.

The study of an Arabic document found in this fortress by scientists I.Yu. Krachkovsky and V.A. Krachkovskaya managed not only to clarify the history of the text, but also for the first time to introduce the name of Devashtich (Devasti) into historical scientific circulation, as well as the historical situation at the time of the destruction of the castle.

Based on historical sources, the author of the article analyzes the historical events of 721-722 that took place in Sogd, including the Zeravshan Valley, the central of which was the uprising of Devashtich.

***Key words:*** *Mug fortress, Samarkand, Panjakent, Khujand, Khuroson, Zakhmatobod, Qom, Abgar, Gurak, Devashtich, Fatuvarn, Kharashi, Sa'idi Khuzayna, A.A. Freiman, A. Pulodi.*

**Сведения об авторе:**

**Хамза Камол (Камолов Хамзахон Шарифович**) – Институт истории, археологии и этнографии имени А. Дониш НАНТ, доктор исторических наук, профессор, заведующий отделом древней, средневековой и новой истории. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. E-mail: hamza_kamol@mail.ru.

**About the author:**

**Hamza Kamol (Kamolov Hamzakhon Sharifovich)** – A. Donish Institute of History, Archeology and Ethnography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of Department of Ancient, Medieval and New History. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. E-mail: hamza_Kamol@mail.ru.

**УДК-9 (575.3)**

# БАЪЗЕ МАЪЛУМОТ ПЕРОМУНИ ВАЗИРОНИ АҲДИ ҒАЗНАВӢ

**НАҶОТОВА Н. Б., ИНОЯТОВА С. Э.,**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вазирон дар тӯли таърих, дар самтҳои мухталифи кишвар нақши муассир дошта, ба унвони ниҳоде дар дили ҳукумат буданд ва дар раъси неруҳои муҳофиз амал мекарданд, бахусус нақши вазирони тоҷик пас аз Ислом ва бартарӣ ёфтани арабҳо ва туркҳо пуррангтар гардид. Бо кашфи нукоти тоза ва роҳкушо ва ҷустуҷӯ дар умқи онҳо ба баррасии корномаи вазирони яке аз ҳукуматҳои пас аз исломӣ ва асримиёнагӣ, яъне ҳукумати Ғазнавиён (963-1186) пардохта мешавад. Дар давраи Ғазнавиён вазирӣ мансабе буд, ки бартарин мақом баъд аз мақоми султонро бар уҳда дошт ва қудрати вазирон ба ҳадде буд, ки «шарики мулк» хонда мешуданд. Таърихнигори эронии арабзабон-

Саъолибӣ, вазоратро баргирифта аз «аз-зӯр» медонад, ки ба маънии «шиддат» ва «қувват» аст, яъне «вазир соҳибдавлатро қавӣ ва неруманд мекунад» [1,40].

Зербинои созмони идории давлати Ғазнавӣ, хусусан мансаби вазириро метавон аз давраи Сомониён пайдо кард. Дар ҳукумати Ғазнавиён идораи давлат дар дасти ду ниҳод, «Даргоҳ» ва «Девон» қарор дошт, ки ин ҳам баргирифта аз суннати Сомонӣ буд. Раёсати даргоҳ (дарбор) ба уҳдаи Ҳоҷиби Бузург буд ва дар садри ташкилоти девонӣ Хоҷаи Бузург қарор дошт, ки девони марбут ба ӯ девони хоҷа ё вазорат ном дошт ва бар девонҳои дигар («Таърихи Байҳақӣ», ки маълумоти бештарро дар бораи девони вазир ва шахсияти ӯ медиҳад, 12 девонро дар давраи Ғазнавиён ном мебарад) назорат мекард.

«Девони вазорат аз шуғлҳои ҳассос ва муҳим буда, ҳамон ҷойгоҳеро, ки дар овони хилофати Бағдод ва Сомониён дошт, ҳифз намуд» [2,70]. Номи вазирони баргузидаи Ғазнавӣ дар тӯли салтанати беш аз 180 солаи ин дудмон дар асарҳои «Насоим-ул-асҳор» ва «Осор-ул-вузаро» бештар ёд мешаванд. Ба азми муаррихи асри Ғазнавӣ, Абулфазли Байҳақӣ, ҳукумати Ғазнавӣ дар ибтидо шаш вазири муҳим, чун Абулфатҳи Бустӣ, Абулаббоси Исфароинӣ, Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ, Ҳасанак, Бусаҳли Ҳамдавӣ ва Аҳмад Абдуссамади Шерозӣ дошт, ки дар тамоми давраи ҳукумати Маҳмуд, Муҳаммад ва Масъуд тадбири умурро бар уҳда доштанд. Тавре ки дар боло ишора кардем нақши ин вазирон дар он рӯзгор муҳим буд, бахусус аз лиҳози тарвиҷи илм ва адаб худро муваззаф ба посдорӣ аз фарҳанги тоҷикӣ меҳисобиданд, зеро худ аҳли илму адаб ва ваҷҳи дигари муштарак, ки ин вазиронро бо ҳам мепайваст тоҷик будани онҳо буд.

«Аз миёни ин вазирони интихобгашта чаҳор нафари боло маъруф будаанд ва дар айни авҷу шукуфоии давлати Ғазнавиён ба ин симат расида, на танҳо дар таърихи сулолаи мазкур, балки умуман дар гузаштаи Хуросону Мовароуннаҳри асри миёна аз худ мероси зиёди корӣ ва таҷрибаи ғании вазорат ронданро боқӣ гузоштаанд» [3,92].

Қобили қадр аст, ки шаммае аз корномаи ин вазиронро, ки ҳамагӣ афроди сиёсӣ буданд, бозгӯ намоем. Дар аҳди фармонфармоии Сабуктегин, дар миёни мардони намоён номе, ки онро муаррихон ва нигорандагону нависандагон бештар мебурданд, Абулфатҳи Бустӣ буд. Ӯ аз нависандагони соҳибфазли рӯзгори худ аст, ки бо ду забон, порсӣ ва арабӣ шеър иншо мекард ва наср менигошт. Вай дар арабӣ соҳиби қитъа ва қасидаҳои зиёд аст, фатҳномаҳои султон Маҳмудро низ ӯ нигоштааст, ки дигарон онро дар китобҳои хеш сабт намуданд. Абулфатҳ, дар аввал дабири ҳокими Буст, Бойтуз буд ва баъд аз он ки Бойтуз аз пардохти хироҷи ҳарсола ба Сабуктегин даст мекашад, Сабуктегин дубора Бустро фатҳ мекунад ва Бойтуз ба Кирмон мегурезад. Чун Сабуктегин аз камоли донишмандӣ, дабирӣ ва суханвариву лаёқати Абулфатҳ огаҳ гардид, ӯро барои адои вазифаи дабирӣ ба дарбори Ғазна даъват намуд, аммо вай узр хост ва гуфт: «Чун ҳанӯз тоза махдуми ман барафтода ва вай душмани Сабуктегин аст ва агар ҳосидон дар ин роҳ коре кунанд ва маро дар

назари подшоҳ ба иштибоҳ муаррифӣ намоянд, сухани эшон дар маърази қабул хоҳад афтод. Беҳтар он аст, чанде дар мавзее дуртар бошам, то кори Бойтуз яктарафа шавад, он вақт шуғли дабириро анҷом хоҳам дод» [4, 251]. Аз ин гуфтаи Утбӣ «агар Сабуктегин, муассиси хонадони Ғазнавӣ, дар истиқлоли комил ҳукумат наронда бошад ҳам, аз мулозимати як вазири соҳибмаърифат-Абулфазли Бустӣ баҳраманд буд», [5,25-26-90] бармеояд, ки баъд аз муддате Абулфатҳ пешниҳоди Сабуктегинро қабул намуд ва ба хидмати Ғазнавиён пайваст, ҳатто пас аз марги Сабуктегин дар аҳди Маҳмуд як муддат ҳам дар девони расоил адои вазифа кард ва баъдан ба иллати номаълум ба Узганд рафт ва дар ҳамон ҷо фавт шуд. Поёни рӯзгори ин дабиру вазири донишмандро, ки ба солҳои (400-401ҳ.қ./1009-1010м.) рост меояд, метавон аз осори Утбӣ ва Ибни Холикон ҷӯё шуд.

Нахустин вазири султон Маҳмуд-Абулаббос Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ мебошад. Ин вазир аз нависандагони маъруф ва дӯстони машҳури Фоиқ, ҳоҷиб ва сардори ҳафтумин амири сомонӣ-Нуҳ ибни Мансур буд. Замоне ки Маҳмуд аз ҷониби падар аморати Хуросонро соҳиб гардид, Исфаройинӣ соҳиббариди Марв буд. «Носирудинуллоҳ набзе аз кифояти вай шунуд, ӯро ба нома аз Малик Нуҳ хост ва ба вазорати фарзанди хеш, Маҳмуд, дар Нишопур гумошт» [6,252]. Ӯ 17 сол вазорат дошт; сарнавишти ӯ ғамангез аст. Дар хабар аст, ки ин вазир ғуломе дошт бо номи Ромиш, ки хеле зебо буд ва султон Маҳмуд хоҳони ӯ буд, аммо вазир ғуломро бад-ӯ пешкаш накард, аз ин рӯ султон нисбат ба вай хашм гирифт. Дар рӯзгори Ғазнавиён, ки ба ҷуз вазир вазиргунаҳое низ буданд ва суннати нохуби зиддият миёни амиру вазирро ҷорӣ намуда, бисоти макру рев мечиданд, пайваста аз вазирон нуқс меҷустанду ононро мавриди ғасби шадид қарор медоданд. Алии Хешованд аз зумраи чунин афрод ва аз муқаррабони султон Маҳмуд буд, ки аз Исфаройинӣ бадгӯӣ мекард ва зеҳни султонро нисбат ба вай махлут менамуд. Маҳмуд-Исфароиниро ба хиёнат ва харобии вилоят ва заъфи ҳоли раият сарзаниш ва то пардохти сад ҳазор динор маҷбур сохт. «Султон бифармуд, то хоҷаро ба савганди ифлос савганд доданд ва хате ба ибоҳати хуни ӯ аз вай боз ситонданд, ки аз сомиту нотиқ ва қалилу касир вайро ясор нест» [7, 216].

Алии Хешованд дар тавтеаи худ қонеъ нагардид ва аз роҳи дигар ворид шуд.Тавзеҳ он ки пас аз савганд додан, вазир иқрор карда буд, ки агар чизе дигар аз моли ӯ пайдо шавад, хунаш мубоҳ хоҳад буд. Он вақт ҳамин Хешованд як қабза ханҷари мурассаъ ва як пиёла ёқут, ки аз хазинаи Сомониён ва подшоҳони Ҳинд пинҳонӣ ба даст овард ва ҷуръати изҳори онро надошт, берун овард ва ҷузви амволи вазир қаламдод кард ва ба иттилои султон Маҳмуд расонид ва аз вай иҷоза гирифт, ки «дар вусули мобақии амвол ҳар навъ уқубат, ки мумкин бошад дар мавриди вазир иҷро кунад ва сипас ҳангоме ки султон аз пойтахт ғоиб буд, вазирро ба шиканҷа кушт» [8,151].

Дар мавриди сабаби маҳкум ва қатли Исфароинӣ ривоёт мухталиф аст, ки инро метавон дар шарҳи Утбӣ, Авфии Бухороӣ ва Уқайлӣ мушоҳида намуд. Утбӣ бар хилофи гуфтаҳои пешинаи худ, ки ӯро «бо кифояту дироят ва диёнату

амонат» [9,328] меномид, вазъи хароби Хуросонро аз бекифоятии Исфароинӣ қаламдод мекунад. Дар сурате, ки «Исфароинӣ аз ситонидани молиёт тариқи зулму тааддӣ даст кашида, ба ҳеҷ ваҷҳ мардумро ғорат накардааст» [10,350]. Муҳаммад Авфии Бухороӣ баҳонаи барканории Исфароиниро худдории вазир аз додани «канизаки хубчеҳра» (манзур ҳамон ғулом-Ромиш аст ки дар боло зикр кардем Н.Н.) ба Маҳмуд медонад [11,430]. Уқайлӣ бар он аст, ки «Алии Хешованд бо вай душман буд ва тавтеа чид, то вайро баъд аз савганд назди султон дурӯғгӯ бинамоянд» [12,255]. Аммо иллати дигари барканории Исфароиниро-Утбӣ дар ҷойгузинии забони арабӣ низ мебинад. Ба андешаи ӯ «бебизоатӣ дар санъати дабирӣ» ва оҷиз будани ӯ аз забони арабӣ будааст [13, 328]. Аз шартҳои муҳимми фазлу дониш дар он рӯзгор мусаллат будан бар арабӣ буд, ки забони илм ва мукотиботи дипломатӣ дар асри Сомонӣ маҳсуб мегашт. «Исфароинии парвардаи дарбори Сомониён ба сунани он даврон ва собиқаи ҳукумати форсӣ бар минбару меҳроби Хуросон такя карда, забони мардумро забони коргузории дарбори Ғазна қарор дод» [14, 96].

Роҷеъ ба ин фазилати вазир низ ихтилоф мавҷуд аст. Бархе бар онанд, ки вай саводи кофӣ надошт ва арабиро дуруст наменавишт. Ба андешаи муаллифи «Таърихи Яминӣ» «...ӯ забони форсиро дар дарбори Ғазнавиён ҷойгузини арабӣ кард. Сабаби чунин иқдоми вазир бебизоатӣ дар санъати дабирӣ ва оҷиз будани ӯ аз забони арабӣ будааст» [15,328]. Бархе дигар низ ин амрро фазилати ӯ медонанд, ки ӯ нахост девонҳо ба арабӣ бошанд ва ҳамаро ба форсӣ гардонид ва бар асоси ин таассуб Маймандиро накӯҳиш мекунанд. «Аммо изҳори ақидаи ӯ дуруст ба назар намерасад, балки бештар навъе тавҷеҳ аст барои иқдоми Маймандӣ дар баргардонидани мукотиботи расмӣ ба забони арабӣ» [16,209-80-81]. Аммо ин ҳама ҳадс иллаташ ҳамин аст, ки пешрафти кори вазир ва боло рафтани нуфузи ӯ Маҳмудро хуш намеомад, ҳатто аз ҳамон овоне, ки падараш-Сабуктегин ӯро ба вазораташ гумошт. Маҳмуд аз таҳи дил ба вазорати ӯ розӣ набуд ва Маймандии ҳамсабақашро ба вай тарҷеҳ мениҳод ва дилаш ба ҳунармандӣ ва лаёқати ӯ мутаваҷҷеҳ буд, аммо ҳукми падарро риоят мекард ва ба вазорати ӯ мухолифат наменамуд. Қабул накардани пешниҳоди султон барои додани ғулом-Ромиш, сабаби харобӣ ва хушксолии Хуросон ва оҷиз будан аз баёни арабӣ баҳонае буду бас.

Абулҳасан Қосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ (Аҳмади Маймандӣ), ки ба ӯ унвони ифтихории Шамс-ул-Куфот ва Шайх Ҷалил дода буданд, яке аз вазирони маъруф ва таъсиргузори тоҷик аст, ки маснади вазоратро дар замони салтанати султон Маҳмуд ва султон Масъуди Ғазнавӣ бар уҳда дошт. Ӯ дар соли 405ҳ.қ./1014м. ба ҷойи Исфароинӣ ба мақоми вазорат бардошта шуд ва то соли 416ҳ.қ./1025м. дар дарбори султон Маҳмуд ва аз соли 421ҳ.қ./1030м. то соли 424ҳ.қ./1033м. дар боргоҳи султон Масъуди Ғазнавӣ ба амри вазорат машғул буд. Дар мавриди ба вазорат нишастани ӯ чанд назари таърихӣ вуҷуд дорад. Бархе «401 то 415, бархе 401 то 416 ва бархе 404 то 415 ва бархе 404 то 412 баён карданд, ки бар ин мабно ӯ муддати чаҳордаҳ сол, понздаҳ сол ва ё ҳашт сол дар дарбори султон Маҳмуд вазорат кардааст» [17,977].

То расидан ба ин мартаба ӯ омили Буст, дабири девони Хуросон, девони муставфӣ ва арз гашта буд. Маймандӣ аз кӯдакӣ бо султон Маҳмуд парвариш ёфта, ҳамсабақ ва бародари ризоии ӯ буд. Ӯ забони форсиро, ки дар давраи Исфароинӣ забони расмии дарбори Ғазнавӣ буд, барандохт ва дубора забони арабиро забони расмии дарбор кард. «Хоҷа Аҳмад ибни Ҳасан амр дод, ки агар мухотаб аз маърифати арабият оҷиз набошад, номаҳои давлатиро ба арабӣ ва он ҷо, ки арабиро надонанд номаҳоро ғайриарабӣ иншо намоянд» [18,100]. Манзури Маймандӣ аз анҷоми ин кор бе далел набуд. Аввал ин ки арабигарой дар давраи Ғазнавиён як суннати дарборӣ буд. Дувум, аз рӯйи маълумоти манбаҳои таърихӣ султон Маҳмуд барои устувор кардани муносибот бо Бағдод, Исфароиниро аз вазорат ронда, ба ҷойи ӯ Маймандиро интихоб мекунад, аз ин рӯ бешубҳа метавон гуфт, ки муттаҳам кардани Маймандӣ ба иттиҳоми бузург, яъне ба забони форсӣ дилбастагӣ надоштани ӯ ва забони арабиро нисбат ба вай бартар донистан ғайри мумкин аст.

Хоҷа Маймандӣ дар давраи вазораташ, хусусан дар давраи султон Маҳмуд ӯро барои дуруст анҷом додани умури давлатдорӣ таҳрику ташвиқ мекард ва ба яқин метавон гуфт, ки ба ҳамин далел аст, ки дар давраи вазорати ӯ адлу инсоф бештар буд ва аз рӯйи гуфтаи манбаҳои таърихӣ, «...мардум дар амну амон буданд» [19,343-346]. Ӯ аз оғози вазораташ гомҳои баланд ва муассире дар роҳи осоиш ва рушди адабу фарҳанг бардошт ва ҳусни нияти ӯ дар анҷоми ин корҳо сабаб шуд, ки номи ӯ ба унвони яке аз маҳбубтарин вазирон боқӣ бимонад. Ривоҷи забони арабӣ дар девонҳо, ҳимоят аз донишмандони давр, сомон бахшидан ба вазъи ошуфтаи молиёт ва хироҷ, ҷалби назари султон Маҳмуд ва мардуми Хуросон аз зумраи хидматҳои шоёни Маймандӣ аст. Аммо пас аз муддате ӯ низ мухолифоне пайдо кард, ки аз вай назди султон шикоят карданд, то назари султон нисбат ба ӯ ҳам тағйир кард.

Султон Маҳмуд дар боби Маймандии вазир ба Бунасри Мушкон гуфтааст, ки «...ӯ бисёр дароздаст аст ва моли бисёр сад ҳазору дувист ҳазор динор меситонад. Дар натиҷа ӯро низ дастгир карданд ва он чи дошт гирифтанд ва сипас Донишманд Собуниро оварданд ва маъмурият доданд, ки вазирро дар масҷиди ҷомеъ савганд диҳад, ки аз сомиту нотиқ (манзур аз сомитамлок ва амвол ва нотиқ-ғулом ва каниз аст Н.Н.) дар рӯ ва зери замин дигар чизе надорад, вале душманон ҷони ӯро мехостанд. Бад-ин сабаб гуфтанд, ҳанӯз моли бисёр дорад, ки пинҳон карда ва савганди дурӯғ хӯрда, сипас ӯ ба якояки туҳматҳо бо дуруштӣ посух гуфт. Маҳмуд ба ӯ паём дод, хатои бузургтари ту мондааст, ки ҳамон барои кайфарат кофӣ аст ва он ин аст, ки агар сари фузулӣ надоштӣ ва намехостӣ давлатеро гардонӣ туро бо ин мол сохтан чӣ будааст? Рост бибояд гуфт, то чӣ дар сар доштӣ» [20,176].

Аз назари Маҳмуд гуноҳи бузурги вай моландӯзӣ буд, вале ӯ тавзеҳ дод, ки сарвати худро аз давлати султон ёфтаам ва дар роҳи ӯ ва барои ҳашмати давлати ӯ мехостаам харҷ кунам. Бино ба қавли Бунасри Мушкон, Маҳмудро аз посухи вай хуш омад ва дар назар дошт, ки аз хуни ӯ даргузарад. Дар ҳар ҳол тамоми дороияшро гирифтанд ва дар Коланҷар (воқеъ дар ҷануби Кашмир

Н.Н.) зиндонӣ шуд ва дар замони салтанати Масъуд озод гардид ва муддати кӯтоҳ дубора ба вазорат расид [21,422-424]. Султон Маҳмуд пас аз муддате ин иштибоҳи бузурги худро эътироф мекунад ва мегӯяд: «Ман дар ҳамаи умр ду хато анҷом додаам, яке овардани туркманон ва дигаре азли вазир Аҳмад ибни Ҳасан» ва ҳама халали корҳои султон Маҳмуд аз ҳамин ду хатои бузург буд [22,80].

Инчунин дар муқаддимаи он барнома чунин таъкид мешавад: «қабилаҳои туркиро, аз ҷумла: кенагасҳо, манғитҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо ва тоҷикҳо, ки асрҳо боз дар сарзамини Бухоро зиндагӣ мекунанд», ташкил медиҳанд [9,316]. Яъне, он лаҳза на танҳо Файзулло Хоҷаев, балки дигар сарвару аъзои ҳукумати чи Бухоро ва чи Туркистон аксаран ақидаи ягона доштанд, ки «тоҷикон аслан турканд». Дар ин асос баъзеашон тавсия мекарданд, ки «тоҷиконро бояд ба асл-мансубияти турк баргардонем». Минбаъд Ф. Хоҷаев, ки сарвари Ҳукумати Ҷумҳурии Бухоро гардид, бо ҳамфикронаш барои турк гардонидани тоҷикон тамоми имкониятҳоро фароҳам овард. Худи Ф. Хоҷаев яке аз он тоҷиконе буд, ки аз мансубияти миллии худ даст кашида, сараввал ба туркгарои ашаддӣ ва сипас ба ӯзбекгарои ҷанговар табдил ёфтааст.

Дар ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро манфиати иқтисодии тамоми мардуми меҳнатӣ, чи тоҷикон ва чи ӯзбекону туркманҳою қирғизҳо ҳама баробар ифода мешуд. Яъне, дар ин ҷода вазъи тоҷикон аз дигарон фарқе надошт. Вале оид ба ифодаи манфиати маънавии онҳо, ки натиҷаи сиёсати миллии сарварони ҷумҳурӣ мебошад, дар ҳақиқат ҳам сиёсати нодурусти маҳдудкунӣ, махсусан нисбат ба забони форсии тоҷикӣ ва ба инобат гирифтани шумораи тоҷикон ҷой дошт.

Баъди барқарор гардидани низоми Шӯравӣ дар кишвари Туркистон, дар қаламрави он забони форсии тоҷикӣ мақоми пештараи худро пурра аз даст дод. Мувофиқи қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Туркистон аз 14 июли соли 1918 дар ин сарзамин, дар қатори забони русӣ, забонҳои ӯзбекӣ ва қирғизӣ (дар асл қазоқӣ) забони давлатӣ эълон гардиданд. Аз соли 1923 ҳуҷҷатнигорӣ дар ин кишвар, дар баробари забони русӣ, боз ба се забон: ӯзбекӣ, қирғизӣ ва туркманӣ бурда мешуд [5, 16:6,32].

Дар натиҷаи нисбат ба тоҷикон сиёсати нодурустро пеш гирифтани роҳбарони ҷумҳурӣ, ин халқи қадимтарини кишвар оҳиста-оҳиста ҳатто аз имкониятҳои ночизи дар аввал ба даст даровардааш ҳам маҳрум гардид. Аз ҷумла, нашри ягона маҷаллаи форсии тоҷикӣ-«Шуълаи инқилоб», ки чун органи ҳафтаинаи вилоятии ҲК(б) Туркистон дар Самарқанд аз 10 апрели соли 1919 нашр мегардид, моҳи декабри соли 1921 қатъ гардид. Саҳифаи тоҷикии дигар рӯзномаҳо ҳам маҳдуд гардида оҳиста-оҳиста аз байн рафтанд.

Соли 1920 Қонуни асосии (Конститутсияи) Ҷумҳурии Туркистон тасдиқ гардид, ки дар он чун «мардуми муқимии» кишвар фақат қирғизҳо, ӯзбекҳо ва туркманҳо эътироф мегардиданд. Аз ин ҳуҷҷати муҳимми Ҷумҳурии Туркистон тоҷикон, ки аз ҷумлаи мардуми қадимтарини кишвар ба ҳисоб меравmember, берун монданд.

Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, дар солҳои аввали бунёди низоми Шӯравӣ масъалаи мураккабтарин ин масъалаи кадрҳои роҳбарикунанда ва махсусан масъалаи мавқеи онҳо нисбат ба масъалаи миллӣ, аниқтараш оид ба тақдири ин ва ё он миллат буд. Ин маънои онро надорад, ки дар ҳайати кадрҳои роҳбарикунандаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна намояндагони на ҳамаи миллатҳо буданд. Аз ҷумла, дар байни онҳо шахсони баромадашон аслан тоҷик кам набуданд. Вале фоҷиаовар он аст, ки теъдоди зиёди он тоҷикони соҳиби мансабшуда, дар натиҷаи таъсири ақидаҳои туркгароӣ, дар ҳамон лаҳзаи ҳалкунандаи тақдири миллат, на танҳо манфиати тоҷиконро умуман ифода накарданд, балки ҳатто тоҷик будани худро низ инкор мекарданд.

Барои мисол чунин мавқеъро мо дар фаъолияти Абдулло Раҳимбоев (1896-1938) дида метавонем. Ӯ солҳои 1919-1920 котиби Кумитаи ҳизбии уезди Хуҷанд, раиси Кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд, солҳои 1920-1923 раиси КИМ Ҷумҳурии Туркистон, котиби КМ ҲК(б) Туркистон, узви коллегияи Комиссариати халқӣ оид ба корҳои миллатҳои Федератсияи Россия, солҳои 1923-1924 котиби КМ ҲК Бухоро ва котиби дуюми КМ ҲК(б) Туркистон буд. Яъне дар ҳалли масъалаи миллӣ вай аз ҳисоби кадрҳои миллӣ аз ҷумлаи

аввалинҳо ба шумор мерафт. Магар ӯ намедонист, ки дар Хуҷанд, Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳо тоҷикон аксариятро ташкил мекунанд? Албатта медонист! Вале инкор мекард. Дар он солҳои ҳалкунандаи тақдири халқҳои Осиёи Миёна, ӯ ҳатто миллати худро «ӯзбек» ба қалам медод [6, 52-53].

Дар қаламрави Бухоро аз замони давлатдории Сомониён то бунёди низоми Шӯравӣ забони илму маърифат асосан забони форсии тоҷикӣ буд. 11 марти соли 1921 Шӯрои нозирони халқии Ҷумҳурии Бухоро, бо ташаббуси сардари он Файзулло Хоҷаев, дар қаламрави ҷумҳурӣ бо тарзи расмӣ забони туркиро забони давлатӣ эълон кард [3,249]. Баъд аз ин забони форсии тоҷикӣ дар сарзамини ҷумҳурӣ як муддат ба ҳайси забони мадрасаю мактабҳо боқӣ монд. Зеро, мутасаддиёни ҷумҳурӣ имконияти якбора таълимро аввал ба забони туркӣ, баъд ба забони ӯзбекӣ гузарониданро надоштанд. Вале онҳо маъракаи аввал ба туркӣ, баъд ба ӯзбекӣ фарогирии таҳсилро махсусан дар мактабҳои нав, ки Шӯравӣ меномиданд, оғоз карда буданд.

Ҳолати инкор намудан, ё худ ақалан аз будашон хеле кам нишон додани тоҷиконро дар мавқеи сарварони Ҷумҳурии Бухоро низ дида метавонем. Чунончи, моҳи майи соли 1921 собиқ раиси КМ ҲК Бухоро Наҷиб Ҳусаинов (тотор) ба вориси худ, сардари ҳамонвақтаи коммунистони Бухоро Олимҷон Оқчурин (тотор), ба забони туркӣ, бо ҳуруфоти арабӣ навиштааст: «бояд ба он муваффақ шуд, ки бештар аз нисфи аҳолии Бухороро ӯзбекҳо, қисми хурдро туркманҳо, баъдан эрониҳою яҳудиён ташкил бидиҳанд» [9,320].

Дар ҳайати роҳбарияти Ҷумҳурии Бухоро низ тоҷикон буданд. Мувофиқи маълумоти 20 октябри соли 1920 ҳатто дар ҳуҷҷатҳои расмии ҳайати ҳукуматӣ се нафар тоҷикон ба қайд гирифта шудаанд, ки ду нафарашон дар трибунали ҳарбии инқилобӣ ва як нафар (Аббос Алиев) дар нозирони маориф адои вазифа доштанд. Вале амалан дар ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Бухоро тоҷикони мансабдори аввал турк ва баъд ӯзбек гардида хеле бисёр буданд. Ба ин, дар қатори Файзулло Хоҷаев мавқеи Абдурауф Фитрат (1886-1937), Абдуқодир Муҳиддинов (1892-1938), Аҳмадбек Мавлонбеков (1897-1937) ва дигарон мисол шуда метавонад.

Аз ҷумла, Абдурауф Фитрат дар Ҷумҳурии Бухоро соли 1921 нозири маориф, соли 1922 ҷонишини раиси Шӯрои нозирони халқ буд. Вале ӯ туркгарои ашаддӣ ба ҳисоб мерафт.Мувофиқи баъзе маълумот маҳз бо ташаббуси ӯ дар идорааш барои ба забони форсии тоҷикӣ сухан гуфтан ҷарима ҷорӣ карда шуд. Дар замони нозири маориф будани вай шумораи мактабҳои туркӣ аз ҳисоби мактабҳои тоҷикӣ хеле афзуд.

Абдуқодир Муҳиддинов аз сентябри соли 1920 раиси Кумитаи инқилобии Бухоро, аз моҳи сентябри соли 1921 раиси КИМ Ҷумҳурии Бухоро, баъд раиси Шӯрои иқтисодии ҷумҳурӣ гардид. Ӯ низ то соли 1924 худро «ӯзбек» меҳисобид. Вай баъдтар хатогии худро фаҳмида, барои барқароркунии адолат нисбат ба тоҷикон ҷонбозиҳои зиёд кард. Вале аллакай дер шуда буд. Ниҳоят худаш ҳам қурбони беадолатӣ гардид. Аҳмадбек Мавлонбеков солҳои 1923-1924 котиби масъул ва котиби КМ ҲК Бухоро буд. Яъне ӯ низ метавонист

пеши роҳи беадолатиҳои нисбат ба тоҷикон содиршудаистодаро гирад. Вале ӯ ҳам тоҷик будани худро эътироф намекард. Ин гуна далелҳо ва мисолҳо хеле бисёранд [10, 366].

Ҳангоми интихобу ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи маҳаллӣ, чи дар Ҷумҳурии Туркистон ва чи дар ҷумҳуриҳои халқии Бухорову Хоразм, на ин ки лаёқати кордонию коршоямӣ, балки бештар мансубияти синфӣ ва миллиро ба эътибор мегирифтанд. Махсусан сарварони Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро баъди маҳви иғвои Анварпошшо (моҳи августи соли 1922) аз мавқеи туркгароии ҷанговар ба ӯзбекгароии ашаддӣ табдил ёфтанд. Онҳо дар аввал тоҷиконро барои турк шудан маҷбур карда бошанд, баъди маҳви Анварпошшо таҳдид мекарданд, ки ӯзбек бошанд. Дар мавқеи ӯзбекгаро будани сарварони ҷумҳурии Бухорову Хоразм ва аз тарафи онҳо маҳдуд намудани ҳуқуқи туркманҳо ва қирғизҳо ҳатто дар қарори Анҷумани XII ҲК (б) Россия (моҳи апрели соли 1923) қайд шудааст.

Солҳои 1917-1924 дар саҳифаҳои матбуоти чи Осиёи Миёна ва чӣ марказии Россия оид ба тоҷикон қариб чизе чоп намешуд. Агар ба ногоҳ чунин мақолаҳо чоп шаванд ҳам, бештари онҳо ғаразнок буда, баъзан тоҷикон ва забони форсии тоҷикиро рӯйрост таҳқир мекарданд. Чунончи, 2 январи соли 1924 дар рӯзномаи «Туркистон», ки дар Тошкент ба забони ӯзбекӣ нашр мегардид, мақолае бо номи «Дар диёри тоҷикон» чоп шуд. Дар он мақола таъкид мешуд, ки хоҳиши истифодаи забони тоҷикӣ «аз як ҷиҳат хоҳиши аз ҳаёт ҷудо шуданро дорад, зеро равиши таърих муқобили он аст, аз ҷиҳати дигар, қабули он маънои қабули забони бефоида ва зиёдатиро дорад». Бинобар ин, муаллифи он мақола рӯйрост таъкид кардааст, ки «барои тоҷикон зарур аст, ки забони махсуси тоҷикиро нигоҳ надошта, ҳар чӣ зудтар ба забони ӯзбекӣ гузаранд, зеро роҳи равиши иҷтимоӣ аллакай тақдири онҳоро ҳал намудааст» [2, 4: 5, 17; 6, 33].

Анҷумани XII ҲК(б) Россия (моҳи апрели соли 1923), ки масъалаи миллиро муҳокима карда буд, дар навбати худ диққати сарварони Ҳизби коммунистии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро низ ба ҳалли ин масъала ҷалб намуд. Вале зарур шуморида шуд, ки оғози ин маъракаро на ҳамчун нишондоди марказ, балки чун ташаббуси худи халқ ба миён гузоранд. Дар натиҷа баъди анҷуман аллакай аз номи ташкилоти ҳизбии ҲК(б) Туркистон ба номи КМ ҲК(б) Россия оид ба Осиёи Миёна ташкил додани ҷумҳуриҳои нави миллӣ фикру дархостҳо фиристода шуданд.

31 январи соли 1924 дар маҷлиси Бюрои ташкилии КМ ҲК(б) Россия аввалин бор масъалаи ҷумҳуриҳои нави миллии Осиёи Миёна муҳокима гардид. Дар ин маҷлис раиси бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК(б) Россия Я.А. Рудзутакро вазифадор намуданд, ки ҳангоми дар Осиёи Миёна будан масъаларо бо ҷалб намудани ходимони масъули ҷумҳуриҳои Туркистон, Бухоро ва Хоразм аз ҳар ҷиҳат санҷида барояд.

25 феврали соли 1924 пленуми васеи КМ ҲК Бухоро баргузор гардид. Дар он раиси Шӯрои нозирони халқии Ҷумҳурии Бухоро Ф. Хоҷаев аз рӯйи

масъалаи «Дар бораи аз рӯйи нишонаҳои миллӣ ба ҷумҳуриҳо тақсим намудани Осиёи Миёнаи Шӯравӣ» маърӯза кард. Дар маърӯза ва қарори пленум тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна ва ташкили ҷумҳуриҳои нави миллӣ мувофиқи мақсад дониста шуд.Пешниҳод шуд, ки дар асоси ҷумҳурии Бухоро ва ба он ҳамроҳ намудани Ҷумҳурии Хоразм (ба ҷуз вилояти Ташауз, ки аҳолиаш асосан туркманҳо мебошанд), вилоятҳои Фарғона, Самарқанд ва Сирдарёи Ҷумҳурии Туркистон-Ҷумҳурии Иттифоқии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон ташкил карда шавад. Оид ба тоҷикон бошад он пленум тавсия намуд, ки «аз ҳисоби Мастчоҳ ва Қаротегину Ғарм вилояти мухтори Тоҷикистонро бунёд кунанд ва он бояд дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад» [5,31]. Бояд таъкид намуд, ки ин аввалин пешниҳодот оид ба ташкил намудани вилояти мухтори тоҷикон, вале фақат дар ноҳияҳои кӯҳӣ мебошад.

10 марти соли 1924 маҷлиси аъзои Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК(б) Россия бо иштироки аъзо ва номзадҳои КМ ҲК Туркистон ва Раёсати КИМ Туркистон барпо гардид. Дар он А. Раҳимбоев, чун котиби КМ ҲК Туркистон ва узви бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК(б) Россия баромад карда, таъкид намуд, ки «Осиёи Миёна аз рӯйи ҳайати миллӣ мамлакате мебошад, ки дар он аксариятро ӯзбекҳо, қирғизҳо ва туркманҳо, баъд баъзе халқиятҳои майда ташкил мекунанд» [5,31; 6,49].

5 апрели соли 1924 Бюрои сиёсии КМ ҲК(б) Русия дар маҷлиси худ маърӯзаи котиби КМ ҲК Туркистон ва узви Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК(б) Русия А. Раҳимбоевро «Дар бораи Туркистон, Бухоро ва Хоразм (дар бораи ташкили ҷумҳуриҳои миллӣ)» шунида, муҳокима намуд. Дар он КМ ҲК(б) Россия фикру андешаҳо оид ба тақсимоти ҳудуди миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна пешниҳод гардидаро маъқул шуморида, ҳалли онро то охири моҳи майи ҳамон сол мавқуф гузошт [5, 31:6,49].

28 апрели соли 1924 маҷлиси якҷояи Бюрои Осиёимиёнагӣ ва Бюрои иҷроияи КМ ҲК Туркистон барпо гардид. Он оид ба тақсимоти ҳудуди миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна қарорҳои дахлдор қабул кард. Дар он тақсимоти ҳудуди миллиро дар шароити ҳамонвақта зарур ва мувофиқи мақсад шуморида шуд. Инчунин пешниҳод гардид, ки фикру андешаҳоро оид ба ин масъала ба Комиссияи марказии тақсимоти ҳудуди миллӣ супоранд. Ба ҳайати он комиссия А. Раҳимбоев, К. Атобоев, Ф. Хоҷаев, Одинаев, Т. Рискулов, Абдураҳмонов, К. Пӯлодов ва дигарон дохил шуданд. Комиссия дар навбати худ вазифадор карда шуд, ки то 10 май омӯзиши масъаларо анҷом дода, фикру андешаҳои худро ба Бюрои Осиёи-миёнагӣ супорад. Дар қатори комиссияи умумӣ ё худ марказӣ, инчунин комиссияҳои хурди миллӣ низ ташкил доданд. Ин комиссияҳо аввали моҳи май дар маҷлиси нахустини худ ҷамъ омаданд. Минбаъд андешаҳои ин комиссияҳои хурди миллӣ оид ба ҷумҳуриҳои нави миллӣ ва вилоятҳои мухтор бо назардошти ҳудуди онҳо ба Комиссияи марказӣ пешкаш гардиданд [3, 360].

10 майи соли 1924 ҷаласаи комиссияи ӯзбекии бюрои Осиёмиёнагӣ, бо сарварии А. Раҳимбоев барпо гардид. Маҳз дар ин ҷаласа қарор қабул карда

шуд, ки дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон вилояти мухтори Тоҷикистон ташкил карда шавад ва ба ҳайати он Помир (Кӯҳистони Бадахшон), ноҳияҳои Мастчоҳи вилояти Самарқанд, Ғарм, Дарвоз ва Кӯлоби Ҷумҳурии Бухоро шомил гарданд [3,360].

11 майи соли 1924 бюрои Осиёимиёнагӣ дар маҷлиси худ маърӯзаи Комиссияи марказиро оид ба тақсимоти ҳудуди миллӣ шунида, бори дигар зарурияти онро таъкид кард. Бюро пешниҳод кард, ки Ӯзбекистон ва Туркманистон чун ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ташкил карда шаванд ва онҳо ҳамчун ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ бевосита ба ҳайати ИҶШС (СССР) дохил гарданд. Инчунин пешниҳод намуд, ки вилояти мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ташкил ёбад.

Бюрои Осиёимиёнагӣ ба Комиссияи марказии тақсимот тавсия намуд, ки ҳангоми тайёрии масъала барои ҳар воҳиди алоҳида нишонаҳои зеринро ба инобат гиранд: алоқаи иқтисодӣ; сарҳади тахминии миллӣ; имконниятҳои идоракунии маъмурӣ; хусусиятҳои психологии мардумӣ (этнографӣ) ноҳияҳо; мавқеи ҷуғрофӣ ва ғайраҳо. Дар асоси ҳамин пешниҳодот гурӯҳе, ки дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро аксариятро ташкил намудани тоҷиконро ночор эътироф менамуданд, мегуфтанд: «аз сабаби дар атрофи ин шаҳрҳо аксариятро ташкил намудани ӯзбекҳо, ноҳияҳои иқтисодиро аз ин марказҳо, бо хусусиятҳои миллӣ ҷудо кардан мумкин нест». Ҳол он ки дар атрофи шаҳри Бухоро ҳамон вақт ва ҳоло ҳам ноҳияе нест, ки дар онҳо амалан ӯзбекҳо нисбати тоҷикон аксариятро ташкил намоянд.

Мутасаддиёни масъала ҳамон лаҳза барои омода намудани лоиҳаи тақсимоти ҳудуди миллӣ андешаи олимони шарқшиносони Россия, аз ҷумла, В.В. Бартолд, М.С. Андреев ва дигаронро ба инобат нагирифтанд. Ҳол он ки шарқшиноси машҳури рус В.В. Бартолд ба ҳамон тарзе ки болшевикон аз рӯйи нишонаи миллӣ ташкил намудани ҷумҳуриҳои миллиро дар Осиёи Миёна пешкаш кардаанд, чандон розӣ набуд. Ин олими дурандеш оқибати чунин марзбандиро тасаввур намуда, онро хилофи анъанаҳои таърихии ин сарзамин, ки форсизабонон пеш аз ҳама тоҷикон, бо туркзабонон дар давлатҳои ягонаи сермиллат мезистанд, ҳисобидааст.

Яке аз арбобони барҷастаи шӯравии он давр, комиссари халқии корҳои хориҷӣ Георгий Чичерин ба ақидаи шарқшиносони рус такя намуда, ба муқобили лоиҳаҳои ҳозиргардида, лоиҳаеро пешниҳод намуд, ки он дар таърих бо номи «лоиҳаи Чичерин» маълум аст ва мувофиқи он дар ҳудуди Осиёи Миёна Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии бузургтарин ва дар ҳайати он Ҷумҳурии мухтори Ӯзбекистон бунёд мегардид. Вале бо сабаби дар ҳайати мутасаддиёни масъалаи марзбандии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна зиёд будани нуфузи туркгароён, мутаассифона «лоиҳаи Чичерин» қабул нагардид.

12 июни соли 1924 Бюрои сиёсии КМ ҲК(б) Россия дар асоси ҳуҷҷату пешниҳодҳои «Дар бораи тақсимоти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна (Туркистон, Бухоро ва Хоразм)» қарор қабул кард. Дар асоси он пешниҳод шуд, ки ҷумҳуриҳои иттифоқии сотсиалистии Туркманистон ва Ӯзбекистон

ташкил карда шаванд. Инчунин зарурияти муттаҳид кардани ноҳияҳои қирғизии (қазоқии) Туркистонро бо ҶМШС Қирғизистон (Қазоқистон), ташкил додани вилояти мухтори Қара-Қирғизро (Қирғизистон) дар ҳайати Федератсияи Россия, вилояти мухтори Тоҷикистонро дар ҳайати Ӯзбекистон пешниҳод кард. КМ ҲК(б) Россия инчунин масъалаи ба Иттиҳоди Шӯравӣ дохил шудани ҷумҳуриҳои нави иттифоқӣ ва барпо намудани ташкилоти ҳизбии онҳоро мавриди баррасӣ қарор дод [5, 38-39].

3 августи соли 1924 дар маҷлиси Бюрои Осиёимиёнагӣ бо иштироки котиби КМ ҲК(б) Россия И.А. Зеленский, «Лоиҳаи пешниҳодҳо дар бораи кори комиссияҳои тақсимоти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна» муҳокима гардид. Дар он ба бюроҳо ё худ комиссияҳои миллӣ супориш дода шуд, ки то санаи 12 август лоиҳаи пешакии ҳудудҳои ҷумҳурию вилоятҳои миллии навбунёдшавандаро таҳия намоянд. Инчунин ба онҳо ҳуқуқ дод, ки ба кори комиссия, аз рӯйи зарурият, шахсони алоҳидаро бо ҳуқуқи овоздиҳии машваратӣ ҷалб намоянд, ё худ комиссияи хурди дигарро ташкил диҳанд.

То миёнаи моҳи августи соли 1924 ягон гурӯҳ ё худ комиссияе вуҷуд надошт, ки он бевосита бо тақдири тоҷикон машғул шавад. Танҳо 16 август дар маҷлиси Бюрои Осиёимиёнагӣ ба ҳайати аъзои комиссияи сарҳадӣ аз ҳисоби тоҷикон Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев (роҳбари гурӯҳ) ва М. Саидҷонов дохил гардиданд. Вале аъзои ин комиссия ҳангоми муҳокимаи масъала соҳиби танҳо ҳуқуқи овози машваратӣ буданду халос. Онҳо инчунин муҳлати заруриро низ надоштанд, ки масъаларо ба тарзи лозимӣ омӯзанд. Зеро ба онҳо ҳамагӣ 5 рӯз вақт дода буданд ва дар ин муддат фикру андешаҳоро оид ба масъалаи тақдири тоҷиконро бояд пешкаш менамуданд. Бо ҳамин сабаб ин комиссияи бо ном тоҷикӣ, танҳо имконият пайдо кард, ки лоиҳаи тайёрнамудаи комиссияи ӯзбекиро омӯзад ва бо ҳамон «марҳамате», ки онҳо нисбат ба тоҷикон кардаанд, қаноатманд гарданд ва он андешаҳоро, ё худ нусхаи дигарашро чун тавсияҳои комиссияи тоҷикӣ пешкаш намоянд [5,41].

21 августи соли 1924 дар маҷлиси 5-уми комиссияи тақсимоти ҳудуди миллӣ масъала «Дар бораи вилояти мухтори Тоҷикистон ва ҳудуди он» шунида шуд. Дар ин маҷлис Абдураҳим Ҳоҷибоев ҳамчун раиси комиссияи тоҷикӣ баромад карда, саховатмандии бемисл нишон дод. Аз ҷумла, ӯ зимни суханронӣ изҳор дошт, ки тоҷикони Бухорои Ғарбӣ ва вилоятҳои дигари Туркистон «ҳам аз ҷиҳати хоҷагӣ, ҳам аз ҷиҳати идораи маъмурӣ бо ӯзбекҳо робитаи зич доранд, аз ин сабаб онҳо ба вилояти мухтори Тоҷикистон, ки дар Бухорои Шарқӣ таъсис хоҳад ёфт, ҳамроҳ шуда наметавонанд». Вале раиси маҷлис аз А. Ҳоҷибоев пурсид, ки чаро ӯ дар маърӯзааш тоҷикони Фарғона, Самарқанд ва Бухороро зикр карда, дар бораи тоҷикони Хуҷанд чизе нагуфт. Пас маърӯзачӣ дар ҷавоб: дар Хуҷанд тоҷикон бартарӣ доранд, онҳо «он ҷо дар баъзе волостҳо низ ҳастанд, онҳоро ба вилояти Тоҷикистон ҳамроҳ кардан мумкин аст, аммо роҳҳои иртиботӣ нестанд, фақат роҳҳои пиёдарав вуҷуд доранд ва онҳо аз ҷиҳати тиҷорату иқтисод бо ӯзбекҳо сахт пайвастанд. Мо чунин мешуморем, ки онҳоро дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мондан лозим аст» [3,

381:5,42-47].

Дар ин ҷамъомад, аз рӯйи масъалаи муҳокимашаванда, ҳангоми музокирот Абдураҳим Ҳоҷибоев роҷеъ ба маркази мадании тоҷикон чунин изҳор дошт: «мо ақида дорем, ки шаҳри марказии тоҷикон Самарқанд хоҳад буд, ки дар ҳудуди Ӯзбекистон мемонад, он бояд маркази муваққатии маданияти тоҷик бошад, он ҷо мо бояд мактабҳо ва ғайра ташкил кунем» [9,329].

Аз ин далелҳои овардашуда бараъло равшан аст, ки Абдураҳим Ҳоҷибоеви ҳамон замон ҷавони 24-сола аз қолаби тавсиякардаи комиссияи ӯзбекӣ берун баромада натавонистааст.

24 августи соли 1924 Комиссияи марказии ҳудудӣ аз Комиссияи миллии тоҷикӣ хоҳиш намуд, ки пойтахти вилояти мухтори худро муайян кунанд. Дар чунин лаҳза ҳам комиссияи бо ном тоҷикӣ ақаллан ҷуръат накард, ки масъалаи соҳиб шудан ба яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷиконро ба миён гузорад. Ҷавонӣ ва дуруст надонистани масъала, ба аъзои ин комиссия имконият намедод, ки оқибати мавқеи худро дуруст сарфаҳм раванд. Барои онҳо тақдири миллати худ – тоҷикон гӯё бегона буд. Дар лаҳзаҳои ҳалкунанда барои ҳимояи манфиати халқи худ ягон хел ҷонбозӣ накарда, лаҳза ба лаҳза ба хатогӣ роҳ медоданд. Ниҳоят, ин комиссия саховатмандона аз чунин шаҳрҳои машҳури қадимаи тоҷикон – Бухоро, Самарқанд ва ҳатто Хуҷанд ҳам даст кашида, сараввал деҳаи Қаротоғро чун маркази вилояти мухтории тоҷикон пешниҳод кард. Аммо ин пешниҳод ба ҳарбиён маъқул набуд. Бинобар ин, бо пешниҳоди ҳарбиён, дар он вақт як деҳаи назарногири дурдаст-Душанбе ҳамчун пойтахт қарор гирифт. 6 сентябр Комиссияи марказии ҳудудӣ лоиҳаи ҳудуди вилояти мухтори Тоҷикистонро тасдиқ намуд.

Сентябри соли 1924 масъалаи тақсимоти ҳудуди миллӣ дар қарорҳои органҳои болоии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба шакли қонун даромад. Рӯзҳои 15-16 сентябр сессияи фавқулоддаи КИМ Туркистон ба мардуми кишвар ҳуқуқ дод, ки аз ҳайати Ҷумҳурии Туркистон баромада, ҷумҳурӣ ва ё вилоятҳои миллии худро ташкил диҳанд. 20 сентябр анҷумани Умумибухороии шӯроҳо ҳам ҳамин гуна ҳуқуқро ба мардуми Ҷумҳурии Бухоро дод. 29 сентябр бошад Анҷумани умумихоразмии Шӯроҳо низ ҳамин гуна қарор қабул кард.

11 октябри соли 1924 Бюрои сиёсии КМ ҲК(б) Россия маърӯзаи сардори Комиссияи худ В.В. Куйбишевро оид ба тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна шунида, қарорҳои қатъӣ қабул кард. Дар ҳамин маҷлис нақшаи тақсимоти ҳудуди миллӣ ва тақсими фонд ва сармояи давлатӣ дар байни ҷумҳурӣ ва вилоятҳои нави миллӣ дида шуд. Бюрои сиёсӣ ба масъалаи тоҷикон таваққуф намуда, дар ҳамин ҷамъомад зарур шуморид, ки ба ҷойи вилояти мухтор Ҷумҳурии Мухтории Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Иттифоқии Сотсиалистиии Ӯзбекистон ташкил карда шавад [3, 372-373].

14 октябри соли 1924 иҷлосияи II КИМ Умумирусиягӣ қарори КИМ Туркистонро «Дар бораи ба мухториятҳои алоҳида тақсим намудани Ҷумҳурии Мухтории Шӯравии Сотсиалистии Туркистон» маъқул шуморид. Ин иҷлосия низ ба тоҷикон ҳуқуқ дод, ки ба ҷойи вилояти мухтор (ташкил додани вилояти

мухтори Тоҷикистонин пешниҳоди КИМ Туркистон ва қарори қурултойи V Умумибухорой буд) ҷумҳурии мухторро ташкил диҳанд. Дар натиҷа Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳамчун ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, Тоҷикистон-ҷумҳурияти мухтор дар ҳайати Ӯзбекистон ташкил ёфтанд. Аз ин рӯ, 14 октябр рӯзи таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. 27 октябр иҷлосияи II КИМ ИҶШС, даъвати 2-юм қарорро оид ба тақсим намудани ҳудуди миллии Осиёи Миёна маъқул шуморид. ҶМШС Тоҷикистон ба воситаи ҶШС Ӯзбекистон ба ҳайати ИҶШС (СССР) дохил шуд.

Ҳангоми ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон ба ҳайати он: аз ҶХШ Бухоро вилоятҳои Ғарм, Душанбе, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа; аз ҶМШС Туркистон вилоятҳои Панҷакент ва Ӯротеппа (Истаравшан) дохил шуданд. Ҳамон вақтҳо масоҳати ҷумҳурӣ 135,6 ҳазор км2 буда, аҳолиаш 739,5 ҳазор нафарро ташкил медод, ки 78,33 фоизаш аз тоҷикон иборат буд.

Баъди ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон ноҳияҳои Исфара, Конибодом ва Ашт, ки ба уезди Қӯқанди вилояти Фарғона дохил мешуданд, бевосита ба ҳайати Ӯзбекистон монданд.Вилоятҳои Панҷакенту Ӯротеппа (Истаравшан) агарчанде аз рӯйи тақсимоти ҳудуди миллӣ ба ҶМШС Тоҷикистон дохил шуданд, вале бо сабабҳои гӯё ҷуғрофӣ, роҳбарии давлатию ҳизбии онҳо то соли 1926 бевосита аз тарафи органҳои ҶШС Ӯзбекистон ҷорӣ мешуд. Кӯҳистони Бадахшони ҳам аз соли 1923 чун вилояти мустақил аввал дар ҳайати ҶМШС Туркистон, баъд ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон монд. 2 январи соли 1925 Вилояти Кӯҳистони Бадахшон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон табдил дода шуд ва худи ҳамон рӯз бо қарори Раёсати КИМ ИҶШС ба ҳайати ҶМШС Тоҷикистон дохил шуд.

Тоҷикони баъзе ноҳияҳои бевосита дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон монда, аз натиҷаи тақсимоти ҳудуди миллӣ чандон розӣ набуданд. Аз ҷумла охири соли 1924 мардуми ноҳияи Конибодом, чун эътироз, пеши роҳи раиси КИМ ИҶШС (СССР) М.И. Калининро гирифтанд. Дар натиҷа онҳо соли 1925 ҳуқуқи «ноҳияи мухторӣ»-ро соҳиб шуданд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳангоми гузаронидани маъракаи тақсимоти ҳудудӣ миллии Осиёи Миёна барои маҳдуд намудани мавқеи тоҷикон воситаҳои гуногунро истифода бурдаанд.Чуноне таъкид намудем, сарвари ҳукумати ҷумҳурии Бухоро Ф. Хоҷаев аввалин шуда пешниҳод карда буд, ки аз ҷумлаи ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Қаротегин вилояти мухтори Тоҷикистон бунёд карда шавад. Дигар вилояту ноҳияҳои ҷумҳурии Бухоро бояд асоси Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ташкил медоданд. Амалдорони Ҷумҳурии Бухоро ҳангоми гузаронидани маъракаи тақсимоти ҳудуди миллӣ аз рӯйи ҳамин нақша амал карданд. Онҳо дар байни мардуми шаҳру деҳот ташвиқ мекарданд, ки «аз ҳисоби сарзамини Ҷумҳурии Бухоро ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва вилояти мухтори Тоҷикистон бунёд мегардад. Бо сабаби он ки вилояти мухтори тоҷикон дар ноҳияҳои кӯҳистон барпо мегардад, бинобар ин ҳар касе худро дар рӯйхат «ӯзбек» нависад, дар манзили худ озодона истиқоматро идома дода метавонад. Ҳар касе, ки худро «тоҷик» сабт кунад, хона ва чизу чораашро

гузошта, ба ҳамон мулкҳое, ки барои вилояти мухтори тоҷикон муайян шудаанд, раванд ва ё онҳо маҷбуран фиристода мешаванд». Дар асоси ин ташвиқот қисме аз тоҷикони на танҳо Бухоро ва атрофи он, ҳатто тоҷикони дигар вилоятҳои Осиёи Миёна ҳам баҳри дар манзили худ оромона мондан ба рӯйхат худро ҳамчун «ӯзбек» номнавис намуданд. Зеро барои онҳо ноҳияҳои Қаротегину Мастчоҳ ҳамчун гӯшаи қафомондатарин ва мардуми он бебизоат маълум буд.

Ҳангоми гузаронидани тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна, на дар Ҷумҳурии Туркистон ва на дар Ҷумҳурии Бухоро ба рӯйхатгирии ҳақиқии аҳолӣ гузаронида нашуд. Зеро барои ин заминаҳои объективӣ ва субъективӣ ҳанӯз муҳайё нагардида буданд. Дар баробари бениҳоят паст будани сатҳи худшиносии миллӣ, инчунин кадрҳои лаёқатманд намерасиданд. Бинобар ҳамин ҳам дар рафти маъракаи тақсимоти ҳудуди миллӣ, амалдорон бештар аз кабинети кории худ истода, кӣ будани мардуми ин ё он маҳал ё худ ноҳияро муайян мекарданд. Баъзан онҳо намояндагони худро ба ноҳияҳои гуногун фиристода, бо дасти онҳо рӯйхати муфассалро бо нишон додани миллати барояшон дилхоҳ ҳозир менамуданд.

Ҳуҷҷатҳои гуногуни бойгонии шаҳри Москва аз он далолат медиҳанд, ки дар баъзе ноҳияҳои тоҷикнишин, мутасаддиёни ба рӯйхатгирии аҳолӣ ба тамоми фишорҳо нигоҳ накарда, рӯйхати ҳақиқии аҳолиро ба нишон додани миллаташон ҳамчун «тоҷик», пешниҳод кардаанд. Вале чунин ҳолат, ки ба амалдорони болоӣ маъқул набуд, бинобар ин, дар чунин рӯйхатҳо калимаи «тоҷик»-ро хат зада, аз болои он «ӯзбек» навиштаанд. Мутаассифона, ин гуна рӯйхатҳои ислоҳшуда хело бисёранд.

Ҳангоми маъракаи ба рӯйхатгирӣ, баъзе аз амалдорон бо дастаҳои силоҳбадаст дар гузару маҳаллаҳои тоҷикнишин ва ҳатто масҷиду мадрасаҳо мардумро «ташвиқ» намудаанд, ки дар рӯйхат худро ҳатман «ӯзбек» нависанд, ё худ ҳангоми пурсидани касе худро ҳамчун «ӯзбек» муаррифӣ намоянд. Чунин шахсони силоҳдор баъзан шабона ба хонаи тоҷикон даромада, онҳоро гӯё бори дигар «огоҳ» намудаанд, ки «ӯзбек» будани худро фаромӯш накунанд.

Ҳамон лаҳза яке аз мақсадҳои асоситарин ва наздиктарини амалдорони ҷумҳуриҳои ҷӣ Бухоро ва ҷӣ Туркистон, ин ба инобат нагирифтани мавҷудияти тоҷикон буду бас. Дар ин ҷода онҳо аз дин ҳам моҳирона истифода бурдаанд. Худ тасаввур кунед, ҳанӯз ҳам аз тоҷик ё худ ӯзбек, ки ба дин эътиқоди сахт дорад, саволомез пурсед: «тааллуқ ба кадом миллат дорад?». Дар ҷавоб албатта мегӯяд: «Алҳамдулиллоҳ мусулмонам!» Пас, дар он солҳои пурфоҷиаи 20-ум, тоҷики аз тарсу ваҳм гумроҳгардида аз куҷо медонист, ки ҳангоми пурсидани миллат ба ҷойи «мусулмон» бояд «тоҷик» гӯяд!

Ғайр аз ин сиёсатмадороне, ки ҳаллу фасли миллиро ба дӯш доштанд, чунин ташвиқ мекарданд, ки «ҳар ки суннимазҳаб аст, туркасл ва ҳар ки шиамазҳаб аст, эрониасл мебошад». Маълум аст, ки дар Осиёи Миёна, махсусан дар Бухоро ва Самарқанд, дар паҳлӯи тоҷикон эрониён низ зиндагӣ мекунанд. Агарчӣ тоҷикону эрониён ба гавҳар як халқ мебошанд, тафовути

мазҳабӣ онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад. Чуноне маълум аст, дар аморати Бухоро ихтилофҳои мазҳабӣ бо ихтилофҳои мансабӣ омехта шуда, моҳи январи соли 1910 дар шаҳри Бухорои Куҳна сабабгори хунрезии сахт гардида буд. Соли 1924 бошад амалдорони Бухоро чунин ихтилофоти мазҳабии тоҷикон ва эрониёнро ба инобат гирифта, ба гумоштагони худ дастур доданд, ки: «ҳар касе худро суннимазҳаб ҳисобад, вай ӯзбек аст, ҳар касе худро тоҷик ҳисобад, вай шиамазҳаб аст». Дар натиҷаи чунин «муайян» кардани миллат бисёр тоҷикони бухороӣ худро «ӯзбек» ҳисобиданд. Зеро онҳо шиамазҳабиро барои худ ҳам таҳқир ва ҳам гуноҳи азим меҳисобиданд.

Як нуктаи дигарро низ хотирнишон карданием, ки дар замони бунёди ҷумҳуриҳои миллӣ ва баъди он ҳам, баъзе тоҷикони ҳаваси мансаб намуда, маҳз сиёсати туркгароӣ, баъд ӯзбекгароии ҳукуматдорони саравввал ҷумҳуриҳои Бухорову Туркистон, сипас Ӯзбекистонро ба инобат гирифта, баҳри мансаб аз асли хеш даст кашида, барои «исботи» туркнажодӣ худро ҳатто аз авлодони «яссавӣ» ё худ «ҷағатойӣ» ба қалам медоданд. Дар ҳақиқат ҳамин гуна шахсон соҳиби мансабҳои гуногун гардиданд. Минбаъд тоҷикони «ӯзбек» номнависшуда худро барғалат «ӯзбекони тоҷикзабон» меҳисобиданд, ки чунин шахсон хеле бисёранд.

Дар охир бори дигар таъкид намуданием, ки дар марҳалаи гузаронидани тақсимоти ҳудудӣ миллии Осиёи Миёна беадолатиҳо нисбат ба халқи тоҷик на аз тарафи халқҳои ӯзбек, туркман, қирғиз, қазоқ ва ғайра, балки дар натиҷаи бемасъулиятию бераҳмӣ ва мавқеи нодурустро ишғол намудани арбобони масъули чӣ ҳизбию шӯравии маҳаллӣ ва чӣ марказӣ, махсусан дар натиҷаи шитобкории онҳо дар гузаронидани ин гуна чорабиниҳои муҳимми ҳалкунандаи тақдири халқҳо содир гардидааст. Бинобар ин, оид ба беадолатиҳои содиршуда гуноҳ, ақалан масъулиятеро ба дӯши ин ё он халқе гузоштан асос ва маъние надорад.

Ҳамин тавр, агарчанде дар натиҷаи тақсимоти ҳудудӣ соли 1924, бо душвориҳои зиёд Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт ва ин барои тоҷикон аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт, вале аз аввал то охир дар ин маъракаи сиёсии тақдирсоз, асосан манфиати тоҷикон аз ҷиҳати маънавӣ ба инобат гирифта нашуд. Бо ҳамин сабабҳо тоҷикон аз чунин тақсимот бештар зарар диданд.

**АДАБИЁТ**

1.Айнӣ С.Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам//Куллиёт,ч. 1.-Сталинобод, 1958.–С. 7-99.
2.Дар диёри тоҷикон//«Туркистон». (Рӯзнома) 1924. 2 январ.
3.История таджикского народа. Т.V. Новейшая история (1917-1941 гг.). Под ред. академика Рахима Масова. –Душанбе, 2004. -752с.
4.Ленин В.И. Ҷамъбасти мубоҳиса дар бораи худмуайянкунӣ//Асарҳо. Нашри тоҷикӣ. Ҷилди 12. –Сталинобод 1958. -С. 34.
5.Масов Р. История топорного разделения. –Душанбе, 1991. -192 С.
6.Масов Р. Таджики: история национальной трагедии. –Душанбе, 2008. -536с.
7.Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана. –Душанбе, 1980 -488с.

8.Ходжаев Ф. К истории революции в Бухаре и национального размежевания в Средней Азии // Изб. труды. Т.1. –Ташкент, 1970. –С. 69-318.
9.Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик.Китоби дарсӣ,нашри дуюм.–Душанбе, 2007. -368с.
10.Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ, нашри сеюм. –Душанбе, 2019. -640 с.

## МАҲДУДИЯТИ МАЪНАВИИ ТОҶИКОН ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ ТАҚСИМОТИ ҲУДУДИ МИЛЛӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

Соли 1924 дар Осиёи Миёна тақсимоти ҳудуди миллӣ гузаронида шуд.Он мувофиқи талаботи барномаи Ҳизби болшевикии Русия мегузашт, ки онро В.И. Ленин тартиб дода буд ва барои бунёди ҷамъияти сотсиалистӣ зарур ҳисоб карда мешуд. Аз ин рӯ талаб мекарданд, ки ба ҷойи ҷумҳуриҳои мавҷуда: Туркистон, Бухоро ва Хоразм, ки номи ягон миллатро ифода намекарданд, ҷумҳуриҳои миллӣ ташкил шаванд. Сараввал пешниҳод гардида буд, ки ҷумҳуриҳои иттифоқии Туркманистон, Ӯзбекистон ва дар ҳаёти охирин, дар аввал Вилояти мухтори Тоҷикистон бунёд шавад. Он лаҳзаи тақдирсоз қариб ҳамаи роҳбарони ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро, аз он ҷумла тоҷикони дар он ҳайат буда ҳам бо ақидаҳои туркгароӣ заҳролуд шуда буданд. Бинобар ин онҳо барои маҳдуд намудани мавқеи маънавии тоҷикон тамоми воситаҳоро истифода мебурданд. Аз ин рӯ, аз ин тақсимот тоҷикон бештар зарар диданд.

***Калидвожаҳо:*** *тақсимоти ҳудуди миллӣ, ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо, Осиёи Миёна, тоҷикон, ӯзбекҳо, туркменҳо, Ҷумҳурии Туркистон, Ҷумҳурии халқии Бухоро, Ҳукумати Шӯравӣ, Ҳизби коммунистӣ (болшевикӣ), В.И. Ленин, Ф. Хоҷаев, А. Раҳимбоев, А. Фитрат, А. Ҳоҷибоев, комиссияи тоҷикӣ.*

## МОРАЛЬНОЕ ОГРАНИЧЕНИЕ ТАДЖИКОВ В ПЕРИОД НАЦИОНАЛЬНО-ТЕРРИТОРИАЛЬНОГО РАЗМЕЖЕВАНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ

В 1924 году в Средней Азии было проведено национально-территориальное размеживание. Оно была проведено на основе требования программы партии большевиков России, которая была составлена В.И. Лениным для построения социалистического общества. На этом основании требовали, чтобы вместо существуюших республик: Туркестана, Бухары и Хорезма, которые не отражали название ни одной нации, образовать национальные республики. Первоначально предлогались союзные республики Туркменистан, Узбекистан, в состав последнего автономная область Таджикистан. Однако, в тот судьбоносный период почти всё руководство Туркестанской и Бухарской республик, среди которых было немало таджиков по происхождению, но заразившихся пантюркизмом, отрицали существование таджиков как нации. Поэтому для ограничения положения таджиков они использовали всяческие способы, от чего от этого национально-территориального размеживания больше всего пострадали таджики.

***Ключевые слова:*** *Национально-территориальное размежевание, национальное самоопределение, Средняя Азия, таджики, узбеки, туркмены, республика Туркестан, республика Бухара, Советская власть, Коммунистическая партия (большевиков), В.И. Ленин, Ф. Ходжаев, А. Рахимбоев, А. Фитрат, А. Ходжибаев, таджикская комиссия.*

## MORAL RESTRICTION OF TAJIKS DURING THE PERIOD OF NATIONAL-TERRITORIAL DELIMITATION OF CENTRAL ASIA

In 1924, there was a national-territorial demarcation in Central Asia. It was carried out on the basis of the requirements of the program of the Bolshevik Party of Russia, which was compiled by V.I. Lenin, for the construction of a socialist society. On this basis, they demanded that instead of

being republics: Turkest, Bukhara and Khorezm, which did not reflect the name of any nation, to form national republics. Initially, the allied republics of Turkmenistan and Uzbekistan wereproposed, as part of the latter, the autonomous region of Tajikistan. However, in that fateful period, almost all the leadership of the Turkestan and Bukhara republics, among which were quite a few Tajiks by origin, but infected with PanTurkism, denied the existence of Tajiks. Therefore, they used all sorts of methods to restrict the provisions of the Tajiks. That is why Tajiks suffered more from this national-territorial delimitation.

***Key words:*** *National-territorial demarcation, national self-determination, Central Asia, Tajiks, Uzbeks, Turkmens, the Republic of Turkestan, the Republic of Bukhara, Soviet power, the Communist Party (Bolsheviks), V.I. Lenin, F. Khodzhaev, A. Rakhimboev, A. Fitrat, A. Khodjibaev, Tajik Commission.*

**Сведения об авторе:**

Хотамов Намоз Басарович–доктор исторических наук, главный научный сотрудник отдела новейшей истории Института истории, археологии и этнографии им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана.Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудакӣ, 33. Телефон (+992) (37) 21-20-93 (сл) (+992) 935-918-21-55-36 (моб) E-mail: namoz.hotamov@mail.ru.

**Information about the author:**

Hotamov Namoz Basarovich - Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher of the Department of Contemporary History of the Institute of History, Archeology and Ethnography named after A.I. Ahmad Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki ave. Phone: (+992) (37) 21-20-93 (сл) (+992) 935-918-21-55-36 (моб) (mob).E-mail: namoz. hotamov@mail

**УДК 32 (575.3) (09)**

# НАҚШИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

**Фарзона ҒАФФОРЗОДА,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ки аз 2 марти соли 1992 ибтидо мегирад, сол то сол дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад. СММ – бузургтарин ниҳоди ҷаҳонӣ буда, 193 кишвари дунёро муттаҳид месозад ва ба қавли собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ - Рашид Олимов «дар фаъолияти хеш чор ҳадафро пайгирӣ менамояд: нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, рушди муносибатҳои аҳлона дар байни миллатҳо, татбиқи ҳамкории байналмилалӣ доир ба ҳалли мушкилоти байналхалқӣ ва қарор доштан дар маркази ба мусолиҳат омадани миллатҳо» [4, 13].

Бояд зикр кард, ки 1 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе намояндагии СММ ифтитоҳ ёфт ва Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кард. Ҳадафи асосии ин ниҳод таъсир гузоштан ба раванди сулҳхоҳӣ, баҳогузорӣ ба вазъи ҳарбӣ дар кишвар ва бо ин васила вусъат бахшидани

раванди сулҳофаринӣ дар Тоҷикистон буд [15,62-65]. Бо туфайли фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар ҷумҳурӣ (21 январи соли 1993 – моҳи майи соли 2000 – МНСММТ (МНООНТ) муқаррароти асосии «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон», ки 27 июни соли 1997 ба имзо расида буд, дар амал татбиқ гардиданд.

Созмони Милали Муттаҳид дар танзим ва ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва махсусан ташкили оштии милии тоҷикон нақши барҷаста дорад. СММ дар тӯли баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир нақши миёнаравиро иҷро намуда, дар мавридҳои душвори низоӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки мавқеи онҳоро ба ҳам наздик созад. «Барои таъмини сулҳу суботи Тоҷикистон, СММ формулаи одӣ, аммо воқеиеро интихоб менамояд, ки мақсади он барҳам задани мухолифатҳои ҳарбӣ мебошад» [2, 14].

Иштироки СММ дар танзими низои сиёсии Тоҷикистон дар ду марҳалаи асосӣ сурат гирифтааст. Марҳалаи якум: омодагии фаъолияти СММ барои таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон ва оғози амалиёти сулҳофарӣ (1992-1994). Марҳалаи дуюм: амалиёти фаъоли сулҳофарӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби СММ (1995-1997).

Таърихнигории сиёсати хориҷӣ, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ-ро инъикос менамояд, фарогири шумораи зиёди мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо мебошад. Ғановати асарҳои таърихӣ оид ба ин масъала аз мубрамият ва саривақтӣ будани масоили мазкур гувоҳӣ медиҳад. Дар байни осори илмӣ асарҳои олимон ва ҷомеашиносон, ки ба инъикоси фаъолияти СММ дар ба даст омадани сулҳ ва нақши сулҳофарии ин созмон дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ба андешаи иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон нақши СММ дар ҳалли ин муноқиша ниҳоят бузург аст.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати таҳқиқи назариявии ташаккули сиёсати хориҷии кишвар, аз ҷумла, ҳамкориҳо бо СММ суханрониҳо, паёмҳои ҳамасола ва осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон [10] манбаъи арзишманд маҳсуб меёбанд. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ ба муносибати ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ доир ба зарурияту аҳаммияти пешбурди ҳамкориҳо бо созмонҳои байналхалқӣ дар пешрафти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвари мо чунин ишора карда буд: «Иштироки густурдаи давлати мо дар фаъолияти созмонҳои байналмилалии ҷаҳониву минтақавӣ аз зарурате сар задааст, ки кишварамон дар таҳкими амнияту суботи байналмилалӣ аз рӯйи имкон саҳм гузошта, ҳимояи манфиатҳои хешро ба таври афзал таъмин намояд; инчунин имкониятҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва зеҳнии онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ислоҳоти муваффақона дар дохили кишвар ва такомулу инкишофи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷалб намояд « [13, 24].

Дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа» олими шинохта В.В. Дубовитский [6,660-669] ҳамкориҳои густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои байналхалқӣ, бахусус СММ тавсиф намудааст. Муаллиф бо инъикоси амалиётҳои сулҳофарии СММ иктифо накарда, ба тавсифи амалиётҳои ин ниҳоди ҷаҳонӣ ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ дар Тоҷикистон, ки аз давраи ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» то баргузории интихобот (марти с. 2000) ба парламенти дупалатагии касбиро фаро мегирад, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. В.В. Дубовитский ҷанбаи сулҳофарии фаъолияти СММ-ро ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ, инчунин талошҳои пайвастаи гуманитарии ин ниҳодро таҳлил намуда, бештар ба фаъолияти Фонди кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) диққати ҷиддӣ додааст. Дар ин бахш санадҳои ҷолиб ҷиҳати талошҳои гуманитарии ЮНИСЕФ, ки ҳанӯз дар ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ яке аз аввалинҳо шуда ба Тоҷикистон дасти ёрӣ дароз намуда буд, оварда шудааст. Ба ақидаи В.В. Дубовитский ЮНИСЕФ ба ҷумҳурӣ кӯмаки гуманитарӣ ва техникӣ дар шакли доруворӣ, китобҳои дарсӣ барои хонандагон, кумаки воқеӣ ҷиҳати танзими бемориҳои сироятӣ, ба амсоли вараҷа, тиф, гепатит ва ҳоказо расонидааст.

Мавриди қайд аст, ки маҳз таҳти сарпарастии СММ ва давлатҳои кафили минтақа, ба хотири ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон 8 даври музокирот миёни тоҷикон анҷом пазируфт ва билохира, сулҳи деринтизор пойдор гардид. Ба ақидаи муҳаққиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон Зафар Сайидзода: «Бисёре аз сиёсатмадорону таҳлилгарони муътабари дунё таҷрибаи сулҳофаринии тоҷиконро падидаи нодир номида, таъкид кардаанд, ки ин таҷрибаро мешавад барои хомӯш кардани муноқишаҳои дохилии кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода кард» [12, 170]. Дар ҳақиқат таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон падидаи беназир буда, нақши СММ баҳри ба даст омадани он хеле арзишманд ва бузург аст. Ҷабҳаҳои алоҳидаи ин масоил нахустин маротиба дар таҳқиқоти муштараки Р. Алимов, М. Лебедев ва Э. Касимов таҳти унвони «Таджикистан - ООН: история взаимоотношений» («Тоҷикистон – СММ: таърихи равобити дутарафа») [3] баррасӣ гардидаанд. Муаллифони ин асари публитсистӣ, дипломатҳои касбианд, ки дар ҳодисаҳои тасвир намудаи худ бевосита ширкат варзидаанд. Ин ҳолат ба онҳо имкон додааст, ки динамикаи рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СММ амиқан инъикос намоянд ва аз ҳама муҳим – ба як қатор масъалаҳои ҳалталаб баҳои илмӣ диҳанд. Сарфи назар аз он, ки ин асарро таҳқиқоти маҳз ба миссияи сулҳофарии СММ бахшидашуда номидан мумкин нест, бо вуҷуди ин таҳқиқоти мазкур кӯшиши аввалин дар боби таърихи бонизоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Муҳимтарин таълифот, ки оид ба масъалаи рисолати сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва умуман, ҳамкории Тоҷикистону СММ бахшида шудааст, китоби «Таджикистан – ООН» («Тоҷикистон – СММ») [4] ба ҳисоб меравад. Муаллиф ва мураттиби ин асар низ собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Рашид Олимов буда, дар он маҷмуи маводе, ки фаъолияти Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дар ин ниҳоди ҷаҳонӣ аз соли 1992 то соли 2000 инъикос мекунанд, гирд оварда шудааст. Дар ин таълифот, инчунин баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ, дар Ассамблеяи Генералӣ ва иҷлосияҳои Шӯрои Амнияти СММ ворид гардидаанд. Махсусан кӯшишу талошҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кумаки ин созмони ҷаҳонӣ баҳри хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакат ба анҷом расониданд, дар маркази диққат ва таваҷҷуҳи муаллиф қарор ёфтаанд.

Дар таърихнигории тоҷик, ки равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ инъикос намудаанд, асарҳои Эркин Раҳматуллоев [7] мавқеи хосаро ишғол менамоnd. Рисолаи мавсуф таҳти унвони «Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии» («Фаъолияти сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва дурнамои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ») [8] ба таҳлили илмии муноқишаи байни тоҷикон – ҳамчун рӯйдоди вазнин, зиддиятнок ва фоҷиабор дар фазои пасошӯравӣ бахшида шудааст.

Дар рисолаи дуюми Эркин Раҳматуллоев таҳти унвони «Превентивная дипломатия или мираж» («Дипломатияи пешгирикунанда ё хаёли хом») [9], ки ба муносибати ҷашни 10-солагии имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба табъ расидааст, роҳи тадриҷан ташаккул ёфтани «дипломатияи пешгирикунанда» таҳқиқ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши бисёрҷонибаи миссияи сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ба номи ин муҳаққиқ алоқаманд аст. Фазолати бекарон, донистани якчанд забонҳои хориҷӣ, маҳорати пайвастани маводи санадии зиёд бо гузориши масоили ҳалталаб ба Э. Раҳматуллоев имкон доданд, ки асарҳои бунёдӣ дар боби ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди байналхалқӣ таълиф намояд.

Саҳми намояндагони СММ дар ҳалли мусбати муноқишаи байни тоҷикон дар асарҳои Ш.С. Саъдиев [14], С. Давлатов [5] ва И. Абдуллоев [1] низ инъикос гардидааст. Дар онҳо таъкид мешавад, ки ҳамкории СММ ва Тоҷикистон дар истиқрори бебозгашти раванди сулҳ дар кишвар унсури асосии фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Тибқи маълумоти адабиёти зикршуда, Ҳукумати мамлакат дар нимаи дуюми соли 1992 СММ-ро барои иштирок дар таҳкими амният даъват намуд. Бори якум 29 сентябр ва бори дуюм 15 октябри соли 1992 бо ташаббуси иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршо Искандаров барои иштироки СММ дар таҳкими сулҳу суботи Тоҷикистон даъват ба амал оварда шуд. Ниҳоятан баъди таҳлили вазъияти дохилии мамлакат Котиби Генералии СММ Бутрос Гали 29 октябри соли 1992 барои сафарбар намудани намояндагони сулҳофари ин созмон қарор қабул намуд [1, 100-101].

Раиси Шӯрои Амнияти СММ бо такя ба қарори Котиби Генералии созмон

30 октябри соли 1992 арзномаеро ба имзо расонид, ки дар он ҷонибҳои низоъро ба қатъ намудани амалиётҳои ҳарбӣ ва оғози музокироти сиёсӣ даъват менамуд. Дар қароре, ки ҷаласаи Шӯрои Амнияти СММ «Дар бораи вазъияти Тоҷикистон» қабул намуд, дар робита бо идомаи ёфтани ҷанг ва бад гардидани вазъияти сиёсии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи он аллакай садҳо нафар ҷони худро аз даст додаву ба мамлакат хисороти зиёди моддӣ расонида шуда буд, изҳори нигаронӣ зоҳир гардид. Ҳамзамон Шӯрои Амнияти СММ аз қарори Котиби Генералии ин созмон изҳори қаноатмандӣ намуда, бо мақсади қонеъ намудани талаби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзими низоъ ва ҳалли он сафарбар намудани намояндагони сулҳофари ин созмонро ташкил намуд. СММ дар марҳалаи аввали фаъолиятҳои худ дар самти таъмини сулҳу субот, ташкили комиссияҳои сулҳофар ва бо ин мақсад ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар созмону ташкилот амалиёти зиёдеро анҷом дода буд.

Даври аввали гуфтушунидҳо 5-19 апрели соли 1994 бо иштироки намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар шаҳри Маскав баргузор гардид. Дар кори он намояндагони расмии Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия ва Ӯзбекистон ба сифати нозир иштирок намуданд. Дар раванди баргузории даври аввали гуфтушунидҳо масъалаҳои асосии баҳснок миёни ҳукумат ва мухолифин матраҳ гардиданд ва дар заминаи он протокол дар бораи таъсиси Комиссияи якҷоя оид ба масъалаи гурезагон ва муҳоҷирон ба имзо расид. СММ хеле зиёд кӯшиш менамуд, ки рафти баргузории гуфтушунидҳо бе монеа баргузор гарданд [11, 9].

Инчунин дар ин марҳала як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ барои танзими вазъияти низоӣ ба имзо расонида мешавад, ки дар самти назорати он нақши СММ барҷаста мебошад. Масалан, даври дуюми гуфтушунидҳо аз 18 то 28 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардида буд, ки дар он ҷонибҳо Консепсияи созишномаи сулҳро омода намуда буданд. Аммо ҷонибҳои даргир натавонистанд ба созиши умумӣ оянд. Чунин ҳолат боиси он гардид, ки тобистони соли 1994 амалиёти ҳарбии ҷонибҳо дубора фаъол гарданд. Бархӯрди неруҳо чи дар дохили мамлакат ва чи дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ба амал меомаданд. Бо дарназардошти чунин вазъият намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ баъди анҷом додани вохӯрӣ бо ҷонибҳои даргир ва бо машварату тавсияҳои зиёд рӯзҳои 12-17 сентябри соли 1994 вохӯрии навбатии даври дуюми гуфтушунидҳоро боз дар шаҳри Теҳрон баргузор намуд. Дар ин вохӯрӣ дар бораи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиёти ҳарбӣ созишнома қабул карда шуд, дар он роҳбари ҳайати ҳукуматӣ А. Достиев, роҳбари ҳайати мухолифин А. Тӯраҷонзода ва намояндаи Муншии СММ – Р. Пирис-Баллон имзо гузоштанд [11,17]. Дар чунин шароити ҳассос Бутрос Гали дар бораи фиристодани 15 нозири ҳарбии СММ қарор қабул намуд ва барои риояи талаботи созишномаи мазкур нозирони ҳарбии СММ ба муддати як моҳ ба Тоҷикистон фиристода шуданд. Ҳамзамон, як гурӯҳ кормандони Котиботи СММ бо мақсади таъсис додани Намояндагии СММ дар Тоҷикистон ба мамлакат ташриф оварданд ва паҳлӯҳои гуногуни

масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор доданд.

Даври сеюми гуфтушунидҳои ҷонибҳои низоъ бо роҳбарии Намояндаи махсуси СММ Р. Пирис-Баллон ташкил карда шуд, ки он рӯзҳои 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод баргузор гардид. Дар вохӯрии мазкур ҷонибҳо муҳлати Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиёти ҳарбиро дароз намуданд ва барои назорати иҷроиши он Протокол дар бораи таъсиси Комиссияи муштарак ба имзо расониданд. Гузашта аз ин, дар ин вохӯрӣ нақши СММ дар ҳамкорӣ ба фаъолияти Комиссияи муштарак муайян гардид. Тибқи он СММ уҳдадор шуд, ки ба воситаи намояндагиаш дар Тоҷикистон ба фаъолияти Комиссияи муштарак кӯмак расонида, иҷро шудани Созишномаро аз рӯйи усули соҳибистиқлолӣ ва беғаразӣ назорат мекунад [11,22].

Бояд гуфт, ки марҳалаи дуюми иштироки СММ дар раванди ҳалли низои Тоҷикистон марҳалаи хеле ҳассос ба шумор меравад. Марҳалаи мазкур солҳои 1995-1997 фаро гирифта, ташкили давраҳои ниҳоии гуфтушунидҳо ва танзими вазъияти муташанниҷи сиёсӣ дар ин марҳала амалӣ карда шудааст. Бо мақсади барҳам задани амалиёти ҳарбие, ки дар мамлакат идома дошт, намояндаи махсуси СММ Р. Пирис-Баллон бо ҷонибҳои низоъ як қатор машваратҳои корӣ анҷом дод. Ниҳоятан аз 22 май то 1 июни соли 1995 даври чоруми гуфтушунидҳо дар шаҳри Алма-Ато баргузор гардид, аммо дар он ҷонибҳо ин дафъа низ ба созиш омада наметавонанд. Бо дарназардошти чунин вазъият намояндаи махсуси СММ аз 2 то 17 августи соли 1995 ба шаҳрҳои Москва, Душанбе ва Кобул як қатор сафарҳои корӣ анҷом дод. Дар натиҷаи чунин сафарҳо имкон даст дод, ки аз ҷониби Э. Раҳмонов ва С.А. Нурӣ «Протокол дар бораи меъёрҳои асосии таъмини сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расад. Дар ҳуҷҷати мазкур дар бораи меъёрҳои асосии танзими низои сиёсӣ шартҳои дуҷониба ҷойгир карда шуда буд ва хулосаи он чунин буд, ки гуфтушунидҳои минбаъда бояд сабаби имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» мешуданд. Илова бар ин, тарафайн аҳд карданд, ки «аз 18 сентябри соли 1995 сар карда, бо мақсади ҳар чи зудтар ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон давраи бетанафуси музокирот ташкил карда шавад» [11,37].

Моҳи майи соли 1996 бинобар сабаби ба вуқуъ омадани амалиёти ҳарбӣ дар ноҳияи Тавилдара вазъияти сиёсӣ боз дубора муташанниҷ мегардад. Дар натиҷаи он одамони зиёд ба ҳалокат мерасанд ва алоқаи пойтахт бо яке аз минтақаҳои калонтирини мамлакат қатъ мегардад. Бо дарназардошти чунин вазъият 21-уми майи соли 1996 Шӯрои Амнияти СММ арзномаеро пахш намуд, ки дар он риоя нагардидани созишномаи оташбас садо дод ва аз ҷонибҳои низоъ талаб карда шуд, ки барои фаъолияти нозирони сулҳофари СММ имконият фароҳам оваранд.

Бо дарназардошти вазъияти баамаломада рӯзҳои 8 то 21 июли соли 1996 дар шаҳри Ашқобод даври навбатии гуфтушунидҳо баргузор карда шуд, ки дар

он диққати асосӣ ба масъалаи оташбас дода шуд. Ҷонибҳо оид ба масъалаи дароз намудани мӯҳлати «Созишномаи муваққатан эълон намудани оташбас ва қатъи амалиёти ҳарбӣ» қарор қабул намуданд ва барои дар нуқтаҳои даргири ноҳияи Тавилдара ҷойгир намудани нозирони ҳарбии СММ розигӣ доданд.

Бояд гуфт, ки аз моҳи майи соли 1996 гуфтугӯи сиёсӣ ба бӯҳрони ҷиддӣ гирифтор гардида буд. Дар ин давра ҷонибҳои низоъ нисбат ба якдигар нобоварии махсусе зоҳир менамуданд ва аз ин рӯ, бо ташаббуси СММ ва дигар миёнаравҳои минтақавӣ онҳо ба баррасии масъалаҳои сиёсие пардохтанд, ки сабабҳои асосии низои сиёсиро ташкил менамуданд. Дар ин раванд, дар баробари СММ, нақши Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамчун миёнаравҳои минтақавӣ хеле барҷаста мебошанд. Бо ташаббуси онҳо рӯзҳои 10-11-уми декабри соли 1996 дар маҳаллаи Хосдеҳи Афғонистон вохӯрии ҷонибҳои низоъ баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ Э. Раҳмонов ва С. Нурӣ ду ҳуҷҷати муҳимро ба имзо расониданд: 1) арзномаи якҷоя оид ба идома додани фаъолияти нозирони сулҳофари СММ ва хабардор намудани ҷомеа аз натиҷаҳои гуфтушунидҳои расмӣ; 2) созишнома оид ба қатъи амалиёти ҳарбӣ ва оташбас.

Баъди машварати мураккаб ва тӯлонӣ ниҳоятан 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Москва дар ҳузури В.С. Черномирдин – Раиси Ҳукумати ҳамонвақтаи Федератсияи Россия ҷонибҳо дар бораи вазифаҳо ва салоҳиятҳои Комиссияи оштии миллӣ Созишнома ва Протокол ба имзо расониданд. Ҷонибҳои низоъ дар асоси пешниҳодҳои Намояндаи махсуси СММ Г. Меррем ва тавсияҳои Россия ба созиш омаданд. Котиби Генералии СММ созишномаеро, ки дар нишасти мазкур ба даст омада буд, баҳои баланд дода, онро ҳуҷҷати тақдирсоз муаррифӣ намуда буд.

Даври шашуми гуфтугӯҳо моҳи январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон оғоз гардид, ки дар он як қатор ҳуҷҷатҳо дар бораи масоили сиёсии мамлакат қабул гардиданд. Бо мақсади ба даст омадани натиҷаҳои мусбӣ 20-21 феврали соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Э. Раҳмонов ва сарвари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С. Нурӣ дар шаҳри Машҳад вохӯрӣ баргузор намуданд. Дар ин вохӯрӣ Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ тасдиқ карда шуд ва инчунин протоколи иловагӣ ба Протоколи «Вазифаҳо ва салоҳиятҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» ба имзо расонида шуд. Аҳд карда шуд, ки ба намояндагони мухолифин дар сохторҳои ҳокимияти иҷроя сӣ фоизи ҷойҳо ҷудо карда шавад [11,84].

Ба амал омадани чунин шароити мусоид боиси он гардид, ки моҳи майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон даври ниҳоии гуфтугӯҳо ташкил ва гузаронида шавад. Ин навбат ҷонибҳо Протокол дар бораи кафолати дар амал татбиқ намудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Инчунин ҷонибҳо аз СММ дархост ба амал оварданд, ки дар самти иҷроиши Созишномаи мазкур кафолатҳои худро пешниҳод намоянд ва аз Шӯрои Амнияти СММ дархост намуданд, ки бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда нозирони сулҳофари иловагӣ равона созад.

Хулоса, 27-уми июни соли 1997 намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президент Э.Ш. Раҳмонов ва намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик бо сарварии С.А. Нурӣ дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд. Дар созишномаи мазкур инчунин намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ ва ҳамзамон роҳбари нозирони сулҳофари ин созмон Г. Меррем низ имзо гузошт. Бо имзо гардидани созишномаи мазкур яке аз низоъҳои мураккаби фазои пасошӯравӣ хотима ёфт.

Ҳамин тавр, дар раванди ҳалли низоъҳои сиёсии Тоҷикистон яке аз созмонҳои бонуфузтарини байналмиллалӣ-СММ нақши босазо гузоштааст. Ин ниҳоди ҷаҳонӣ бо дарназардошти вазъияти муташанниҷи сиёсӣ ба сифати миёнарав баромад намуда, ҷонибҳои даргирро пайваста ба гуфтугӯ даъват менамуд. СММ дар раванди ташкили гуфтушуниди ҷонибҳои низоъ ва дар самти ба имзо расидани созишномаҳои гуногуни сулҳҷӯёна саҳми худро гузоштааст.

## АДАБИЁТ


1.Абдуллоев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диалоге//И. Абдуллоев//Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки. 2013. №1(34). С.100-101.

2.Абдуллоев К., Фрейзер С. Насколько прочен мир в Таджикистане: 5 лет спустя. –М., 2003. - С.14.

3.Алимов Р. Таджикистан -ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд/Р. Алимов, Э. Касымов, М. Лебедев. М.: Знак, 1995.

4.Алимов Р. Таджикистан - Организация Объединнёных Нации: Выступления, документы и материалы 1993-2000 годов/Р. Алимов. М.: Международное отношение, 2001. 376 с.

5.Давлатов С. Роль ООН в восстановлении мира в Таджикистане/С.Давлатов// Шоҳроҳи ваҳдат: научно-информационный журнал. -Душанбе, 2003. -С. 34-39; Давлатов С. О национальном примирении/С.Давлатов//Вестник Педагогического университета.- Душанбе, 1997. -№5. -С. 42 -46.

6.Дубовицкий В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010гг.)/ История таджикского народа.Т.6//зери таҳрири Р. Масов.-Душанбе, 2011. -С. 660-669.

7.Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии/Э. Рахматуллаев. -М., 2001; Рахматуллаев Э. Таджикистан и международные организации: реалии перспективы/Э. Рахматуллаев//Интеграция Таджикистана в мировое сообщество: материалы III Международной научно-практической конференции. -Душанбе, 1997.

8.Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии/Э. Рахматуллаев. -М., 2001.

9.Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия или мираж/Э. Рахматуллаев. -М.: КДУ, 2007.

10.Раҳмон Э. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 15 марти соли 2013 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4113 (санаи истифодабарӣ: 10.10.2020). Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ. 24.12.2017 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/4113 (санаи истифодабарӣ: 10.10.2020). Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ. 24.02.2011 [манбаи электронӣ]. URL: http:// president. tj/ru/node/4960 (санаи истифодабарӣ: 12.10.2020).

11.Роҳи сулҳ (Ҳуҷҷатҳои гуфтушуниди байни тоҷикон). -Душанбе, 1997. -236 с.

12.Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ/З.Сайидзода. -Душанбе: Контраст, 2016. - С.170.
13.Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик/зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. -Душанбе, Ирфон, 2013. - С. 24.
14.Саъдиев Ш.С. Вклад Миссии наблюдателей ООН в Таджикистане в мирном урегулировании межтаджикского конфликта/Ш.С.Саъдиев//Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «20-солагии аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид». 2-3 марти соли 2012. -Душанбе, 2013, -С. 58-64 (тоҷ.) -С. 204-210 (русӣ), -С. 341-346 (анг.).
15.Сотиров В. Роль ООН в достижении и упрочении мира в Таджикистане/В.Сотиров //Таджикистан и современный мир. -Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. -№2(3). -С. 62-65.

## НАҚШИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Дар мақола масоили ҳамкориҳои Тоҷикистон бо яке аз бонуфузтарин созмонҳои ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид, ки аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар он муаллиф, бахусус нақши сулҳофаринии ин созмонро дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби муҳаққиқони зиёд инъикос гардидааст, баррасӣ намуда, аз ҷумла, қайд менамояд, ки таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон падидаи беназир буда, нақши СММ баҳри ба даст омадани он хеле арзишманд ва бузург аст. Маҳз таҳти сарпарастии СММ ва давлатҳои кафили минтақа, ба хотири ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон 8 даври музокирот миёни тоҷикон анҷом пазируфт ва билохира, сулҳи деринтизор пойдор гардид.

Муаллиф, инчунин талошҳои пайвастаи гуманитарии ин ниҳодро таҳлил намуда, бештар ба фаъолияти Фонди кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) ва ташкилоти махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) диққати ҷиддӣ додааст.

***Калидвожаҳо:*** *Созмони Милали Муттаҳид, Хазинаи кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ), ЮНЕСКО, нақши сулҳофаринӣ, истиқлолияти давлатӣ, раванди гуфтушуниди байни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ.*

## РОЛЬ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ В ДОСТИЖЕНИИ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА ТАДЖИКОВ

В статье рассматриваются вопросы сотрудничества Таджикистана с одной из самых влиятельных международных организаций - Организацией Объединенных Наций, которая является одним из приоритетов внешней политики Республики Таджикистан. В ней автор обсуждает миротворческую роль организации в Таджикистане, которая отражается во многих исследованиях, и в частности отмечает, что таджикский миротворческий опыт является уникальным явлением и роль ООН в его достижении очень высока и ценна. Именно под эгидой Организации Объединенных Наций и государств-гарантов этого региона были проведены восемь раундов переговоров между таджиками с целью достижения мира и стабильности в Таджикистане, и, наконец, был достигнут долгожданный мир.

Автор также анализирует текущие гуманитарные усилия этой организации,

уделяя особое внимание деятельности Детского фонда Организации Объединенных Наций (ЮНИСЕФ) и Организации Объединенных Наций по вопросам образования, науки и культуры (ЮНЕСКО), за которой пристально следят отечественные и зарубежные исследователи.

***Ключевые слова:*** *Организация Объединенных Наций, Детский фонд ООН (ЮНИСЕФ), ЮНЕСКО, миротворческая роль, государственная независимость, процесс диалога между таджиками, установление мира и национального согласия.*

**THE ROLE OF THE UNITED NATION IN ACHIEVING PEACE AND NATIONAL UNITY OF THE TAJIKS**

The article deals with the issues of cooperation between Tajikistan and one of the most influential international organizations - the United Nations, which is one of the priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. In it, the author discusses the peacekeeping role of the organization in Tajikistan, which is reflected in many studies, and in particular notes that the Tajik peacekeeping experience is a unique phenomenon and the role of the UN in achieving it is very high and valuable. It was under the auspices of the United Nations and the guarantor states of this region that eight rounds of negotiations between Tajiks were held with the aim of achieving peace and stability in Tajikistan, and, finally, the long-awaited peace was achieved.

The author also analyzes the current humanitarian efforts of this organization, paying special attention to the activities of the United Nations Children's Fund (UNICEF) and the United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO), which are closely monitored by domestic and foreign researchers. .

***Key words:*** *United Nations Organization, United Nations Children's Fund (UNICEF), UNESCO, peacekeeping role, state independence, process of dialogue between Tajiks, establishment of peace and national accord.*

**Сведения об авторе:**

**Фарзона Гафforзода**-соискатель кафедры «Зарубежного регионоведение» факультета «Международные отношения» ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудакӣ, 33. Телефон (+992) (37 72) 221-72-10 , (+992) 918-14-70-49 (моб). E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru

**Information about the author:**

**Farzona Gafforzoda** - researcher of the department of "Foreign Regional Studies" of the faculty of "International Relations" of TNU. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki ave. Телефон (+992) (37 72) 221-72-10, (+992) 918-14-70-49 (моb). E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru

# ТАЪРИХНИГОРӢ ВА МАЪХАЗШИНОСӢ-ИСТОРИОГРАФИЯ И ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ-HISTORIOGRAPHY AND SOURCE STUDY

**УДК 737**

## ИНЪИКОСИ СИККАЗАНӢ ДАР «ФУТУҲУ-Л-БУЛДОН»-И АҲМАДИ БАЛОЗУРӢ[7]

**Абдувалӣ ШАРИФЗОДА,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Иқтидори сиккабарорӣ ва тиҷоратии Сомониён дар асри X чунон рушд мекунад, ки дирҳамҳои сомонӣ дар савдои байналмилалии Шарқ ва Ғарб ҷойгузини дирҳамҳои аббосӣ мешаванд. Зоҳиран ва мазмунан сиккаҳои умавӣ, аббосӣ ва сомонӣ бо ҳам хеле монанд буда, дар катибаҳои онҳо асосан яктопарастӣ, сол ва ҷойи барориш, номи сикка, номи халифа, амир, ҳоким ва шахси масъули сиккабарорӣ зикр ёфтааст.

Осори илмии олимони асримиёнагӣ муҳимтарин сарчашмаи таҳқиқи таърихи сиккаҳои исломӣ мебошад. Китоби «Футуҳу-л-булдон»-и Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир ибни Довуд Балозурӣ (вафоташ соли 892) аз ҷумлаи осори муҳимми илмии асри IX буда, он нахустин асари боэътимоди ба юришҳои арабҳо бахшидашуда маҳсуб меёбад, ки дар он ҳодисаҳои таърихӣ аз соли 622 то соли 869 инъикос шудаанд. Ҳарчанд мавзуи марказии асари мазкур кишваркушоии мусулмонон аст, аммо Балозурӣ дар ин асараш як фаслро ба таърихи сиккаҳои исломӣ бахшидааст. Балозурӣ, ки нисбаи муаллифи «Футуҳу-л-булдон» аст, ба фикри шарқшиноси шинохта Ғолиб Ғоибов шакли таҳрифшудаи номи деҳаи Балодури Бағлони Тахористон мебошад [1,3-5]. Асари мавсуф ҳанӯз дар асрҳои миёна мавриди истифодаи таърихнигорони дигари Шарқ қарор гирифт ва дар Ғарб онро ҳамчун муҳимтарин сарчашмаи таҳқиқи кишваркушоиҳои арабҳо бори аввал дар асри XIX шарқшиноси ҳоландӣ М.Я. Ду Гуе бо феҳристи ҷуғрофӣ ва тавзеҳот ба нашр мерасонад.

Балозурӣ дар рафти тасвири амалиёти ҳарбӣ, муайяннамоии товони ҷангӣ ва дигар шарту шароити бамиёнгузоштаи арабҳо нисбат ба тарафи мағлубшуда ё ҷониби қабулкунандаи талаботи мусулмонҳо миқдори товон ва навъи сиккаҳоро зикр менамояд. Ҳамчунин, дар ин асар бо номи «Амри нуқуд» як фасли алоҳида мавҷуд аст, ки аз ин аҳаммияти «Футуҳу-л-булдон» дар таҳқиқи муомилоти пулии арабҳо дар давраи то пайдоиши сиккаҳои исломӣ ва таърихи сикказании ибтидоии мусулмонон дучанд меафзояд.

Пеш аз оне, ки ба тавсифи чигунагии инъикоси сикказанӣ дар «Футуҳу-л-

[7] Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърихи халқи тоҷик» (Таърихи илм ва техникаи тоҷикон аз давраи қадим то имрӯз), рақами қайди давлатӣ 0121TJ1273 навишта шудааст.

булдон» бипардозем, қайд кардан лозим меояд, ки аз футуҳоти арабҳо каме нагузашта вобаста ба интишори дини ислом дар асри VII навъи сиккаи наве ба вуҷуд меояд, ки аз он замон то имрӯз бо номҳои гуногун зикр мешавад.

Агар мо номи машҳуртарин асарҳои олимони сиккашиноси ҷаҳонро ба таври хронологӣ зикр намоем, маълум мешавад, ки номи умумии ин сиккаҳо дар адабиёти илмии давраи нав ва навтарин ба таври «сиккаҳои исломӣ», «сиккаҳои арабӣ», «сиккаҳои куфӣ», «сиккаҳои шарқӣ» ва сиккаҳои мусулмонӣ» зикр гардидааст. Масалан, академик Френ Д.Х. [2], П. Савелев [3] ин сиккаҳоро «сиккаҳои муҳаммадӣ», П. Савелев [3], Тизенҳаузен [4], Грутовский В. [5], Марков А. [6] «сиккаҳои шарқӣ», Кастилони К.О. [7], Торнбег С. [8], Григорев В.В. [9], Р.Р. Фасмер [10], Биков А.А. [11], Янина С.А[12], Битриҷ Гренбег[13] «сиккаҳои куфӣ», Марков А. [14], Годрингтон О. [15], И. Г. Спасский [16] «сиккаҳои мусулмонӣ» ва С. Лен-Пул [17] «сиккаҳои арабӣ», Ивар Лемус [18], М. Брум [19], Г. Рисплинг [20], В. Новак [21], В. С. Кулешов [22], Д. Довудӣ [23] «сиккаҳои исломӣ» номидаанд. Баъзе аз олимон ин навъи сиккаро дар асарҳояшон бо номҳои гуногуни ёдшуда зикр намудаанд. Аксари таърихнависони асримиёнагӣ, аз ҷумла, Балозурӣ сикказаниро «амри нуқуд» ё «зарби сикка» номида, номи навъҳои сиккаҳои исломиро бештар вобаста ба филизашон, яъне тиллоӣ-динор, нуқрагӣ-дирҳам ва мисӣ-фалс тавсиф намудаанд.

Аҳмади Балозурӣ тибқи анъанаи пешина дар тасвири таърихи сикка ва чигунагии муомилоти пулӣ қавли шахсони боэътимодашро нақл менамояд. Аз ҷумла, ӯ дар ибтидои фасли ба сикка бахшидааш чунин менависад: «Ҳусайн ибни ал-Асвад аз Яҳё ибни Одам ва ӯ худ аз Ҳасан ибни Солеҳ ривоят кунад, ки: дирҳамҳое, ки порсиён зарб мекарданд гуногун буд: кӯчак ва бузург. Гоҳ дирҳаме ба вазни як мисқол зарб мекарданд. Ва як мисқол бист қирот аст. Гоҳ дирҳам ба вазни дувоздаҳ қирот месохтанд ва гоҳ ба вазни даҳ қирот, яъне ним мисқол» [24,371]. Чи тавре мебинем, Балозурӣ пеш аз тавсифи сиккаҳои исломӣ доир ба гуногун будани вазн ва ҳаҷми сиккаҳои сосонӣ-дирҳамҳои порсиён иттилоъ додааст, ки ин бесабаб нест. Зеро то асри VII дар байни арабҳо сикказанӣ роиҷ набуд ва онҳо сиккаҳои дигарон аз ҷумла сиккаҳои сосониёнро истифода менамуданд. Аҳмади Балозурӣ зарурати зарби сиккаро барои мусулмонон ва чигунагии муқаррар намудани вазни онҳоро чунин тавсиф менамояд: «Чун ислом омад ва дар адои закот ба вазни миёнаи онҳо ниёзманд шуданд. Бист қирот ва дувоздаҳ қирот ва даҳ қиротро баргирифтанд. Маҷмуи он чиҳилу ду қирот шуд. Он гоҳ дирҳаме ба вазни сулси ин миқдор, яъне чаҳордаҳ қирот зарб карданд. Пас вазни дирҳами арабӣ чордаҳ қирот, аз қиротҳои динор азиз гардид. Ва вазни даҳ дирҳам ҳафт мисқол шуд, зеро ки саду чиҳил қирот баробар аст ба ҳафт мисқол» [24,371]. Чи тавре ки мебинем, Балозурӣ яке аз навъҳои сиккаи тозазарби исломиро дирҳами арабӣ номидааст. Балозурӣ доир ба муқаррарнамоии вазни сиккаҳо, ки яке аз мавзуъҳои печида ва мушкили сиккашиносӣ мебошад, аҳаммияти ҷиддӣ додааст: «Касе ҷуз Ҳасан ибни Солеҳ гӯяд: дирҳамҳои Аҷам [ба вазнҳои мухталиф буд] гоҳ ҳар даҳ

дирҳам даҳ мисқол вазн дошт, гоҳ даҳ дирҳам шаш мисқол ва гоҳ ҳар даҳ дирҳам панҷ мисқол буд. Вазни онҳоро ҷамъ карданд бисту як мисқол шуд. Як сулси он маҷмуъро дарк карданд. Ҳафт мисқол буд. Пас дирҳамҳое зарб карданд, ки ҳар даҳ адад аз онҳо ба вазни ҳафт мисқол гардид, аммо ин ду қавлро ҳар ду натиҷа яке аст [24, 371-372]. Дар «Футуҳу-л-булдон» давраи тоисломӣ ҷоҳилият номида шудааст. Тибқи навиштаи Балозурӣ арабҳо бо надоштани сиккаҳои худӣ аз воҳидҳои вазнии динор ва дирам ба хубӣ огоҳӣ доштанд ва сиккаҳои эронӣ ва румиро ба таври бонизом, яъне вазн ва иёри онҳоро санҷида баъд истифода менамуданд: «...дар рӯзгори ҷоҳилият динорҳои Ҳирақл ва дирҳамҳои бағлии эрониён ба дасти аҳли Макка мерасид. Агар ин сиккаҳо аз сим ё аз зар [холис] набувад аҳли Макка бадонҳо муомала намекарданд. Назди эшон мисқол вазне муайян дошт ва он баробар буд бо бисту ду қирот ва хурдае кам. Ва вазни ду дирҳам ҳафт мисқол буд. Ратл дувоздаҳ уқия ва ҳар уқия худ чиҳил дирҳам буд. Паёмбар (с) ва пас аз ӯ Абубакру Умар ва Усмону Алӣ ҳама ин авзонро ба ҳоли худ боқӣ гузоштанд. Муовия низ тағйире дар онҳо наёвард» [24, 372]. Ҷои дигар низ мефармояд: «Муҳаммад ибни Саъд аз Воқидӣ, аз Саъид ибни Муслим ибни Бобак ва ӯ аз Абдураҳмон ибни Собити Ҷумҳӣ ривоят кунад, ки Қурайшро ба рӯзгори ҷоҳилият авзоне буд. Чун ислом омад дар он вазнҳо тағйире ҳосил накарданд. Қурайшиён симро ба вазне, ки дирҳам ном дошт ва зарро ба вазне ба номи динор мешумориданд ва вазни ҳар даҳ дирҳам баробар бо вазни ҳафт динор буд. Ва дигар вазн ҷав буд, ки баробари шасту як вазни дирҳам буд. Уқия низ доштанд ва он баробари чиҳил дирҳам буд. Аз дигар авзони эшон «наш-نش « баробари бист дирҳам ва ҳаста (баробари навота) баробари панҷ дирам буд. Ва дар муомала бад-ин вазнҳо аз зару сим (сара) истифода мекарданд. Чун Паёмбар (с) ба Макка шуд ин авзонро ба ҳоли худ раҳо кард» [24, 373]. Як нуктаи муҳимми иқтибосҳои боло ҳамин аст, ки дар онҳо дар ибтидои футуҳоти мусулмонон бетағйир боқӣ мондани низоми вазнӣ ва идомаи гардиши сиккаҳои эронӣ ва румӣ зикр шуда, номи вазнҳои роиҷ - динор, дирҳам, ҷав, уқия, наш? (نش) ва ҳаста зикр ёфтааст. Дар ин ҷо мо такрори таърихро дар шакли дигар мебинем. Чунончи вақте ки Куруши Кабир соли 549 пеш аз милод Лидияро забт менамояд, ӯ мехкадаи лидиягиҳоро хароб накарда ба идомаи зарб ва гардиши сиккаҳои тарафи мағлуб иҷозат медиҳад ва то зарби дарикҳо, ҳатто баъди ин ҳам сиккаҳои лидиягӣ дар ҳудуди империяи Ҳахоманишҳо дар гардиш буд [25, 20]. Фарқият ин аст, ки ҳахоманишиҳо баъди шиносоӣ бо сикказанӣ худ ба зудӣ сикка заданд, аммо арабҳо бо вуҷуди тоҷирони машҳур буданашон аз замони ихтирои сикка, яъне аз асрҳои VIII-VII то милод то асри VII масеҳӣ сикка зарб назаданд ва истифодаи сиккаҳои бегонагон иктифо намуданд.

Иттилои Балозурӣ доир ба ташаббуси халифаи дуюм Умар ибни Хаттоб () аз аҳамият холӣ нест: «Амри Ноқид аз Исмоил ибни Иброҳим аз Юнус ибни Убайд ва ӯ аз Ҳасан ривоят кунад, «Бидонед, ки рӯзе Умар ибни Хаттоб гуфт: хоҳам, ки дирҳам аз пӯсти уштурон созам. Вайро гуфтам агар чунин кунӣ,

уштуре ба ҷой нахоҳад монд ва ӯ даст аз ин кор бидошт» [24, 379]. Ба иттилои ҷамънамудаи Балозурӣ дар байтулмоли замони халифаҳо Умар ва Усмон сиккаҳои тоисломӣ нороиҷ шуданд, фурӯхтан, иваз кардан ва хариди мол бо онҳо расман мамнуъ эълон шуда, онҳоро аз нав гудохта, соф намуда нуқраи холисашро мегирифтанд [24, 377].

Дар идома Балозурӣ иттилоъ медиҳад, ки намояндаи Зубайриён-Мусъад (648-694) ба рӯзгори бародараш Абдуллоҳ ибни Зубайр (622-695) пеш аз халифаи умавӣ Абдулмалик ибни Марвон (646-705) дирҳам бароварданд. Дар ҷойи дигар Балозурӣ санаи сикка баровардани Мусъабро аз забони Довуди ноқид, ки дар саранамоии сиккаҳо масъул буд, ба таври аниқ чунин зикр менамояд: «Дирҳаме дидам, ки бар он накш шуда буд: «Ин дирҳам дар соли ҳафтоду се дар Куфа зарб шуда аст». Ҳамаи ноқидон ба иҷмоъ гуфтанд, ки он сиккаи қалб аст. Ҳам ӯ гӯяд: «дирҳаме ноёб дидам, ки монанди он кас надида буд». Бар он номи Абдуллоҳ ибни Зиёд нақш шуда буд. Ноқидон онро низ сиккаи асил намепиндоштанд». Дар иқтибоси боло яке аз бартариҳои муҳимми сиккаҳои исломӣ аз сиккаҳои тоисломӣ зикр ёфтааст ва ин бартарӣ аз дарҷ ёфтани сол ва ҷойи барориши онҳо мебошад. Гузашта аз ин сиккаҳои зубайрии зикршударо ҳамаи ноқидон сиккаҳои қалбакӣ ҳисобиданд, аммо Балозурӣ сабаби қалбакӣ эълон шудани сиккаҳои зубайриро зикр намекунад.

Дар давоми иқтибоси боло Балозурӣ аз номи Муҳаммад ибни Саъд аз Воқидӣ аз Яҳё ибни Нуъмони Ғаффорӣ ва падари ӯ ривоят менамояд, ки: «Дар соли ҳафтоди ҳиҷрӣ Мусъаб ба фармони бародараш Абдуллоҳ ибни Зубайр дирҳамҳое монанди сиккаҳои хусравони порсӣ зарб кард. Як сӯи он нақш шуда буд: «Баракату «ва сӯи дигар «Аллоҳ» чун Ҳаҷҷоҷ биёмад онро дигаргун кард. Аз Ҳошим ибни Калбӣ ривоят кунанд, ки гуфт: Мусъаб динорҳое низ зарб кард». Яъне зубайриҳо на танҳо дирҳам, балки динор ҳам зарб мезаданд ва дар иқтибоси мазкур санаи зарби сиккаҳои зубайрӣ се сол пештар - соли 70 зикр ёфта. Чунин мушоҳида мешавад, ки бо сабаби гуногун будани ровиён дар мазмуни матнҳо ихтилофи мазмун ба назар мерасад. Аз тарафи дигар аксари сиккашиносон Абдулмалик ибни Марвонро асосгузори низоми сикказании исломӣ меҳисобанд. Доир ба ин мавзуъ Балозурӣ низ чунин менигорад: «Ба рӯзгори Абдуллоҳ ибни Зубайр Мусъад ибни Зубайр дирҳамҳое чанд зарб кард, ки пас аз чанде онҳоро бишкастанд. Чун Абдулмалик ибни Марвон ба хилофат расид аз амри дирҳам ва динор пурсиш кард. Сипас нома ба Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф навишт ва фармон дод, ки дирҳамҳое ба вазни понздаҳ қирот аз қиротҳои динорҳои димишқиро зарб кард. Усмон гӯяд: падарам гуфт, ки [он сиккаҳо] дар Мадина ба дасти мо расид. Дар он ҷой ҳанӯз гурӯҳе аз асҳоби паёмбар (с) ва ҷамъе аз тобеи ин мезистанд. Эшон низ амали Абдулмаликро мункир надоштанд. Муҳаммад ибни Саъд гӯяд: вазни ҳар дирҳам аз дирҳамҳои мо чаҳордаҳ қирот аст ва мурод аз ин қирот аҷзои мисқоли мо аст, ки ҳар як бист қирот бошад ва он баробари понздаҳ қирот аз он бист ва як қирот ва се ҳафтуми мазкур аст» [24, 373-374].

Таҳқиқоти бостоншиносӣ ва бозёфти тасодуфии қадимтарин сиккаҳои

исломӣ навиштаҳои Балозуриро тасдиқ менамоянд. Доир ба вазни сиккаҳои Абдулмалик дар «Футуҳу-л-булдон» чунин омада: «Муҳаммад ибни Саъд аз Муҳаммад ибни Умар аз Исҳоқ ибни Ҳозим ва ӯ худ аз Матлаб ибни Соиб ривоят кунад, ки гуфт: «Абӯ Видоъи Саҳмӣ вазни як мисқолро ба ман бинмуд. Онро вазн кардам ва баробари вазни мисқоли Абдулмалик ибни Марвон ёфтам». Гӯяд: ин мисқол дар замони ҷоҳилият назди Абу Видоъ ибни Зубайраи Саҳмӣ будааст» [24, 373]. Яъне дар аввал халифа Абдулмалик ибни Марвон вазни сиккаҳои исломиро ҳамвазни сиккаҳои сосонӣ-хусравӣ ва румӣ-қайсарӣ муайян карда будааст. Ин нукта дар иқтибоси зерин боз ҳам тақвият меёбад: «Саъид гӯяд: «Ман андаке зар ва сими сара (нуқраи баландиёр, холис, Ш. А.) ба Димишқ фиристодам. Дар он ҷо ба вазни мисқоли ҷоҳилият аз барои ман сикка заданд» [24, 374].

Балозурӣ дар идомаи тасвироташ таърихи сиккаҳои исломиро боз ҳам равшантар тавзеҳ медиҳад: «Муҳаммад ибни Саъд аз Воқидӣ аз Усмон ибни Абдулло ибни Мавҳаб ва ӯ аз падараш ривоят кунад, ки гуфт: «Саъид ибни Мусайбро гуфтам: Аввал кас ки динори нақшдор зарб кард кӣ буд? Гуфт: Абдулмалик ибни Марвон. Пеш аз ӯ динорҳои румӣ ва дирҳамҳои хусравӣ ва андаке дирҳами ҳумайрӣ дар дасти мардумон буд». Дар ҷойи дигар Балозурӣ дар такя ба нақли ровиён сиккаҳои аввалаи Абдулмаликро содда ва бенақш гуфтааст: «Муҳаммад ибни Саъд аз Воқидӣ аз Рабеҳ ибни Усмон ва аз Ваҳб ибни Кайсон ривоят кунад, ки гуфт: «дидам, ки динор ва дирҳам пеш аз он ки Абдумалик нақше бар онҳо ниҳад содда ва бенақш буд, вазни онҳо низ баробари динорҳое буд, ки ӯ зарб мекард» [24, 374]».

Аммо аз сиккаҳои то имрӯз бадастомада маълум мешавад, ки арабҳо дар асри VII дар ибтидои шаклгирии давлат ва банизомдарории муносибатҳои молию пулиашон пеш аз оне, ки худашон сикка зарб зананд, онҳо дар сиккаҳои сосонӣ ва румӣ бо задани муҳри иловагӣ каме тағйирот даровварда, сиккаҳои тоисломиро мавриди муомалаи васеъ қарор медоданд. Дар аввалин сиккаҳои баровардаашон низ сужаҳо тоисломӣ ва ҳамчунин тасвири инсону ҳайвонро раво донистанд. Ба ривояти нақлкардаи Балозурӣ Абдулмалик ибни Марвон соли 74 динор ва Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф соли 75 дирҳам зада, соли 76 ҳамаи ноҳияҳои тобеъро барои зарби чунин сиккаҳо вазифадор менамояд: «Абдулмалик аввал кас буд, ки дар соли ҳафтоду чаҳор сиккаи заррин бизад, Абулҳасани Мадоинӣ гӯяд: Ҳаҷҷоҷ дар авохири соли ҳафтоду панҷ дирҳам зарб кард ва дар соли ҳафтоду шаш фармон дод аз он сиккаҳо дар ҳамаи навоҳӣ зарб кунанд» [24, 374].

Як вижагии хоси «Футуҳу-л-булдон» вобаста ба инъикоси таърихи сикка ҳамин аст, ки Балозурӣ гуфтаи дигаронро нақл карда, онҳоро таҳлил ва баррасӣ намекунад. Дар муқоиса бо Балозурӣ Ибни Халдун бо нақли ривояти дигарон мавзуи сикказании садри исломро хеле беҳтар баррасӣ менамояд. Чунончи ӯ дар ин мавзуъ ҳангоми баррасии муҳри сикказанӣ чунин менависад: «Подшоҳони ғайри араб бар рӯйи муҳри мазбур пайкараҳои хоссе, ки ба маскукҳо ихтисос дошт, монанди пайкараи подшоҳи ҳар аср ё тасвири диж ё

ҷонвар ё маснуъ ё ҷузъ инҳо нақш мекарданд... Вале ҳангоме, ки ислом зуҳур кард, аз ин равиш ба иллати соддагии дин ва бодиянишинии араб ғафлат карданд... Ва ба василаи онҳо (динору дирҳами эронӣ, Ш.А.) мубодалаи аҷнос мекарданд, то он ки ба сабаби ғафлати давлат аз ин амр динорҳову дирҳамҳои носара роиҷ гашт ва мизони ғилу ғаши онҳо ба марҳалаи фоҳише расид ва бино бар ривояти Саъид ибни Мусайяб ва Абуззинод Абдумалик ба Ҳаҷҷоҷ фармон дод дирҳамҳое сикка зананд ва маскукҳои сараро аз носара бозшиносанд ва аз якдигар ҷудо кунанд ва ин воқеа ба соли 74 ҳиҷрӣ (693/694 исавӣ) рӯй додааст. Ва Мадоинӣ гуфтааст, ки воқеаи мазбур ба соли 75 ҳиҷрӣ будааст. Он гоҳ Абдулмалик дар соли 76 фармон дод, ки дар дигар навоҳи низ сикка бизананд ва ба рӯйи сиккаҳо калимаҳои «Аллоҳу аҳад аллоҳуссамад» бинависанд» [26, 541].

Балозурӣ раванди шаклгирӣ ва тағйирёбии сикказани замони умавиёнро зикр карда, иттилоъ медиҳад, ки баъзе сиккаҳои зарбшудаи ин замонро фақеҳон, ки дар чигуна шудани намуди зоҳирӣ ва вазни сикка нуфузи баланд доштанд, хуш намепазируфтанд ва онҳоро сиккаҳои макруҳа номиданд: «...Абдулмалик дар соли ҳафтоду чаҳор диноре чанд зарб кард, сипас дар соли ҳафтоду панҷ боз аз ҳамон динорҳо зарб бизад. Ва низ ривоят кунад, ки Ҳаҷҷоҷ дирҳамҳои бағлиро зарб кард ва бар онҳо чунин нақш кард: «Бисмиллоҳ, Ҳаҷҷоҷ» ва пас аз як сол бар он нақш чунин афзуд: «Аллоҳу аҳад, Аллоҳуссамад», фақеҳонро аз ин нақш кароҳат омад, бад-ин сабаб он дирҳамҳоро дирҳамҳои макруҳа хонданд. Ровӣ гӯяд: баъзе гӯянд аҷамонро аз нуқсоне ки дар онҳо (сиккаҳои зарбкардаи Ҳаҷҷоҷ, Ш.А.) буд, кароҳият омад ва бад-ин сабаб онҳоро макруҳа гуфтанд. Боз гӯяд: сиккаҳои самирия ба номи аввал кас, ки онҳоро зарб кард машҳур шудааст» [24, 374]. Дар иқтибоси боло ду намуди сикка-сиккаи макруҳа ва сиккаи самирия зикр шудааст. Номи сиккаи намуди дуюм ба қавли баъзе олимон аз Самир ном яҳуде, ки арабҳо ӯро барои сикказанӣ ҷалб карда буданд, гирифта шудааст. Балозурӣ дар ин асараш нақши золимтарин сарлашкари манфур Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфро дар сикказании умавиҳо ба таври равшан тасвир кардааст. Маълум аст, ки Ҳаҷҷоҷ (660-714) як арабгарои мутаассиб буду эрониёнро хеле бад медид. Маҳз ӯ кӯшиш намуд, ки унсурҳои эрониро дар дар давлатдории умавиҳо, аз ҷумла, сикказани-ҳои онҳо ҳарчи зудтар аз байн бибарад. Аммо ин ӯ нақшаҳояшро бо ҳама таассубаш амалӣ карда наметавонад. Ҳатто Ҳаҷҷоҷ дар сикказанӣ муҳри сиккаҳои сосониро истифода кард ва худро дар сиккаҳо монанди шоҳаншоҳи сосонӣ тасвир намуд (акси 2). Балозурӣ менигорад, ки «... Ҳаҷҷоҷ бар он шуд, ки бидонад порсиён дар зарби дирҳам чи гуна рафтор мекарданд. Пас худ доруз-зарбе бисохт ва сикказанонро дар он гирд овард. Ва ба номи маркази хилофат аз моле, ки дар хизона дошт сикка зарб мекард ба ин манзур, ҳачи сими холис ҷамъ мегардид ва низ симеро, ки аз зуюф ва сутуқа ва баҳраҷа ба даст меомад, дар зарби онҳо ба кор мебаст, сипас иҷозат дод, ки бозаргонон ва низ гурӯҳе ба ҷуз эшон аз баҳри хеш сиккаи симин бизананд ва аз фузунии он чи ки фузунии иҷрати санъатгарон ва сикказанон гирифта мешавад баҳра баргирифт. Ва дасти

сикказанонро низ доғ кард» [24, 374]. Доғ кардани дасти сикказанон бо мақсади назорати онҳо ва танзими сикказанӣ буд.

Дар сиккашиносии исломӣ се намуди сиккаҳое мавҷуданд, ки онҳо ҳубайрӣ, холидӣ ва юсуфӣ номида мешаванд. Дар «Футуҳу-л-булдон»-и Балозурӣ доир ба се намуди сиккаи зикршуда иттилои муҳим мавҷуд аст. Тибқи иттилои Балозурӣ Умар ибни Ҳубайра, Холид ибни Абдуллоҳи Баҷалии Қасрӣ, Юсуф ибни Умар, ки аз ҷониби халифа паси ҳам волиёни Ироқ таъйин шуда буданд, барои баланд бардоштани иёри сиккаҳои умавӣ кушиш намуданд. Аз се волии мазкур Юсуф ибни Умар дар танзими сикказанӣ хеле серталаб буд. То ҷое, ки бо фармони ӯ сикказанон ва иёрпӯшоне, ки тартиби муқарраршудаи сикказаниро риоя намекарданд, онҳоро тозиёна мезаданд ва гоҳҳо дасташонро мебуриданд. Дар натиҷаи чунин сиёсатҳо қурби сиккаҳои умавӣ меафзояд ва ҳатто гардиши онҳо дар замони аббосиён ҳам роиҷ буд. Чунончи Балозурӣ мефармояд: «Аз ин рӯ, сиккаҳои ҳубайрӣ ва холидӣ ва юсуфӣ аз некӯтарин бани Умия буд, чунон, ки Мансур (халифаи аббосӣ, Ш.А.) аз хироҷгузороне ки сиккаҳои бани Умияро арза медоштанд ба ҷуз ин сиккаҳо намепазируфт, бад-ин сабаб он сиккаҳои нахустинро макруҳа хонданд» [24, 377].

Як зуҳуроти барои умавиён номатлуби сикказанӣ ҳамин буд, ки баъзе сикказанон дар давраи умавӣ сиккаҳои ғайрисломиро зарб менамуданд. Ҳокимони давр барои пешгирии ин кор чораҳо андешида, барои онҳо муҷозоти гуногун муқаррар менамуданд меандешиданд. Ин нуктаро Балозурӣ чунин инъикос менамояд: «Валид ибни Солеҳ аз Воқидӣ аз ибни Абу аз-Зинод ва ӯ аз падараш ривоят кунад, ки рузе мардеро назди Умар ибни Абдулазиз оварданд, ки сиккаҳое на монанди сиккаҳои хилофат зарб мекард. Умар ибни Абдулазиз вайро сиёсат фармуд ва ба зиндон кард ва оҳани [сиккасозии] ӯро бигирифт ва ба оташ афканд»[24, 378]. Дар ҷои дигар мегӯяд, ки «...Абдулмалик ибни Марвон мардеро, ки сиккае ба ғайр аз сиккаи муслимин зарб мекард асир намуд. Нахуст хост дасти ӯро қатъ кунад, лекин аз ин кор чашм пӯшид ва ба сиёсати ӯ кифоят кард. Мутталиб гӯяд: дидам он гурӯҳ аз шуюхи мо, ки дар Мадина мақом доранд, кори Абдулмаликро некӯ ёфтанд ва сутуданд» [24, 378].

Тибқи навиштаи Балозурӣ дар муқаррар намудани ҷазо барои чунин сикказанон дар байни ҷақеҳони мазҳабҳои гуногун ихтилоф мавҷуд аст. Чунончи дар мазҳаби Абуҳанифа буридани даст ҷоиз нест. Масъалаи муҳимми дигаре, ки Балозурӣ онро тасвир кардааст ин пора-пора карда ва буридани сиккаҳо мебошад. Муносибат ба пора кардани сиккаҳо ҳам яксон набудааст: «Молик ва ибни Абузайб ва асҳоби эшон гӯянд: «қитъа-қитъа кардани сиккаеро, ки аз вазни он коста нашудааст макруҳ медорем ва мардумро аз он кор наҳӣ мекунем, ки фасод ангезад». Саврӣ ва Абуҳанифа ва асҳоби эшон гӯянд: «дар қатъ кардани онҳо (сиккаҳо) агар ислом ва аҳли онро зиёне наёяд, боке нест» [24,378]. Аммо «Марвон ибни Ҳакам мардеро, ки дирамҳоро қитъа-қита мекард бигирифт ва дасташро бибурид. Чун хабар ба Зайд ибни Собит расид. Гуфт: «Ҷазои ӯ бидодааст». Исмоил гӯяд: мурод аз ин дирҳамҳо

сиккаҳои порсӣ аст. Обон ибни Усмон ҳангоме ки амри Мадинаро ба ӯҳда дошт касонеро ки дирҳамҳоро қитъа-қитъа мекарданд сиёсат мефармуд: ҳар якеро сӣ тозиёна мезад ва гирди шаҳр мегардонид [24, 378]. Онҳое, ки пора кардани дирҳамро раво медонистанд ояти 87 сураи Ҳудро далел меоварданд.

Ҳамин тавр, Балозурӣ таърихи сикказании исломиро дар такя бо нақли дигарон инъикос намуда, низоми вазнии арабҳоро дар давраи тоисломӣ, гардиши сиккаҳои сосонӣ ва румӣ дар ин давра, таъсири анъанаҳои сикказании сосонӣ ва румии шарқӣ ба шаклгирии сикказании исломӣ ва муомилоти ули он, тавсифи таносуби вазн ва қурби сиккаҳои гуногун, намудҳои гуногуни вазн ва сиккаҳои гуногуни роиҷи даврони умавиро инъикос намудааст. Аммо ӯ доир ба риоя нашудани талаботи қонунгузории исломӣ доир ба истифода нашудани тасвири мавҷудоти зинда ва рамзҳои тоисломӣ дар сиккаҳои исломӣ аз ҷониби халифаҳо ва ҳокимон ҳарфе нагуфтааст.



**Акси 1. Динори Абдулмалик ибни Марвон.**



**Акси 2. Дирҳами Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф.**

**АДАБИЁТ**


1.Ахмад ибн Йахйа ибн Джабар ал-Балозури. Завоевание Хорасана (Извлечение из «Футух-ал-булдан»/Перевод с арабского Г. Гоибова. -Душанбе, 1987. -120 с.

2.Ch. M. Fraehn. Das Muhammedanische Münzkabinett des Asiatischen Museums der kaiserlichen Akademie der Wissenschaften zu St. Petersburg- St. Petersburg, 1821- С.24- 31, Ch. M. Fraehn. Recensio numorum muhammedanorum Academiae imp. scient. inter prima Academiae imp. saecularia edita-Petropoli. –Petropoli, 1826- 743 с.

3.Савельев П. Топография кладовъ съ восточными монетами и изделиями VII, VIII, IX, X и XI века, въ России и При-Балтийскихъ странахъ, объясненная историческими свидетельствами о торговле северо-востока Европы въ эпоху основания и утверждения Русскаго государства.- Санктпетербургъ, 1846.- 180 с.

4.Тизенгаузен В.Е. Обзоръ совершеныхъ въ России трудовъ по Восточной нумизматике/Труды третьяго международнаго съезда орьеталистовъ въ С.-Петербургъ 1876 - С. Петурбургъ, томъ первый,1879-1880- С. 3-31

5.Грутовский В. Каталогъ восточныхъ монетъ- Москва, выпускъ III, 1886, 153 с.

6.Марков А.К. Инвентарный каталог мусульманских монет Имп. Эрмитажа. -Санкт-Петербург, 1896. -879 с.
7.Кастилони К.О. Monete cufiche dell I.R. museo di Milano.- Milano, 1819.- 385 p.
8.Tornberg C. J. Numi Cufici Regii numophylacii Holmiensis quos omnes in terra Sueciae repertos. – Upsaliae, 1848. — 315p.
9.Григорьев В.В. О куфическихъ монетахъ находимихъ въ России и Прибалтийскихъ странахъ, какъ источникахъ для древнейшей отечественной истории/Туркестанский сборникъ. Собрание сочинений о Туркестанскомъ крае вообще и сопредельныхъ съ нимъ странъ Средней Азии. Составляемый В.И. Межовымъ- Санктпетербургъ, 1878, Томъ 119- С.107-169.
10.Фасмер Р. Р. Клад куфических монет, найденный в Новгороде в 1920 году// Известия Российской академии истории материальной культуры. -1925. -Т. 4. -С. 242-276, Фасмер Р. Р. Об издании новой топографии находок куфических монет в Восточной Европе // Известия АН СССР: серия VII, отделение общественных наук.-Л., 1933.-№ 6-7.-С. 473-484.
11.Быков А.А. Новый клад медных куфических монет из Таджикистана//«Труды Отдела нумизматики ГЭ», т.1. 1945. -С.87-113.
12.Янина С.А. Неревский клад куфических монет X в//МИА. 1956. №55. -С. 180, -207.
13.Beatrige Granberg. Förtecking över kufiska myntfynd i Finland. Helsinki, 1966, 254 p.
14.Марков А. Топография кладов восточных монет сасанидских и куфических.- Санкт-Петербург, 1910. -149с.
15.Codrington O. A manual of musalman numismatics.- London, 1904- 237 p.
16.Спасский И.Г. Нумизматика в Эрмитаже. Очерк истории Минцкабинета -Отдела нумизматики/Нумизматика и эпиграфика. -Москва, № VIII, 1979.- С. 123-234
17.Lanne-Poole S. Catalogue of The collection of Arabic coins preserved In the khedivial library Cairo.- London,1897- 384 p
18.Ivar Leimus. Sylloge of islamic coins 710/1-1013/4 AD/Estonian History Museum.-Tallinn, 2007-446 p.
19.Michael Broome. A Handbook of Islamic coins.- London,19.- 217 p.
20.Rispling Gert. Coins with crosses and bird heads Christian imitations of Islamic coins?/ Forn Vannntn.- Stockholm 1987- p. 75-87
21.Vlastimil Novak. The Kelc Hoard revised: fragments of Islamic Silver Coins. Prague 2010, 80 p.
22.Вяч.С. Кулешов (Санкт-Петербург) Хронология обращения исламских монет в Восточной Европе (конец IX-XI в.)/нумизматические чтения государственного исторического музея 2015 года.-Москва, 2015.-С. 73-76.
23.Довудӣ Д. Развитие исламской нумизматики в Таджикистане/ Изучение истории, искусства и культуры в Таджикистане.-Истанбул, 2020-с. 211-220
24.Аҳмад ибни ал-Балозурӣ. Футуҳ-ул-булдон/Бахши марбут ба Эрон. Тарҷумаи Озартоши Озарнӯш.-Теҳрон,- 481 с.
25.Шарифзода А.Қ. Кашфи яке аз сиккаҳои қадимтарини дунё аз Кӯлоб/Мероси ниёгон.-Душанбе, №22. -С.19-22.
26.Абдураҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун/Мутарҷим аз арабӣ ба форсӣ Муҳаммад Парвини Гуноободӣ, таъликот ва тавзеҳоти Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ.-Душанбе,Ҷ.I, 2019, -688 с.

## ИНЪИКОСИ СИККАЗАНӢ ДАР «ФУТУҲУ-Л-БУЛДОН»-И АҲМАДИ БАЛОЗУРӢ

Муаллиф «Футуҳу-л-булдон»-и Аҳмади Балозуриро ҳамчун сарчашмаи муҳимми таърихи пайдоиш ва рушди сиккаҳои исломӣ дар асри VII таҳқиқ намудааст. Сикказании даврони умавӣ ва аббосӣ минбаъд ба сикказании давлатҳои эронитабор, аз ҷумла, Тоҳириён, Саффориён, Бармакиён ва Сомониён таъсиргузор мебошад. Дар асри X иқти-дори сиккабарорӣ ва

тиҷоратии Сомониён чунон рушд мекунад, ки дирҳамҳои сомонӣ дар савдои байналмилалии Шарқ ва Ғарб ҷойгузини дирҳамҳои аббосӣ мешаванд. Зоҳиран ва мазмунан сиккаҳои умавӣ, аббосӣ ва сомонӣ бо ҳам монанд мебошанд. Дар катибаҳои онҳо асосан матнҳои ифодакунандаи ғояҳои яктопарастӣ, сол ва ҷои барориш, номи сикка, номи халифа, амир, ҳоким ва шахси масъули сиккабарорӣ зикр ёфтааст. Аҳмади Балозурӣ дар ин асараш муомилоти тиҷоратӣ ва низоми вазнии давраи тоисломии арабҳоро тасвир менамояд. Тибқи иттилои Балозурӣ арабҳои даврони тоисломӣ сикка зарб намебаровarданд. Онҳо дар тиҷорат аз сиккаҳои эронӣ-сосонӣ ва румӣ то асри VII истифода менамуданд. Балозурӣ намуди гуногуни вазн – динор, дирҳам, ҳабб, уқия, наш, қирот, мисқол ва сиккаҳои гуногун аз қабили хусравӣ, қайсарӣ, табарӣ, бағлӣ, динор, дирҳам, дирҳамҳои ҳубайрӣ, юсуфӣ ва холидиро зикр кардааст. Дар ибтидои солҳои 70-уми асри VII дар натиҷаиислоҳоти пулии халифаи панҷуми умавӣ - Абдулмалик ибни Марвон сиккаҳои исломӣ ба сиккаҳои умумидавлатӣ табдил меёбанд. Умавиён барои ҳифзи низоми сикказанӣ ва пулии чораҳои гуногун меандешиданд. Балозурӣ доир ба риоя нашудани талаботи қонунгузории исломӣ аз ҷониби халифаҳо ва ҳокимон доир ба истифода нашудани тасвири мавҷудоти зинда ва рамзҳои тоисломӣ дар сиккаҳои исломӣ иттилое надодааст.

***Калидвожаҳо:*** *Футуҳу-л-булдон, Балозурӣ, Сомониён, Ибни Халдун, сикказанӣ, сиккашиносон, муомилоти пулӣ, сиккаҳои сосонӣ, сиккаҳои румӣ, сиккаҳои исломӣ, сик-каҳои умавӣ, аббосӣ, сомонӣ, дирҳамҳои ҳубайрӣ, юсуфӣ, холидӣ, ислоҳоти пулии Абдулмалик ибни Марвон, Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф, сиккаҳои қалбакӣ, муҷозот барои вайрон кардани низоми сикказанӣ.*

## ОТРАЖЕНИЕ ЧЕКАНКИ МОНЕТ В «ФУТУХУ-Л-БУЛДОН» АХМАДА БАЛОЗУРИ

Автор рассматривает «Футуху-л-булдон» Ахмади Балозури как важный источник по истории возникновения и развития исламских монет VII века. Чеканка монет периодов Омейядов и Аббасидов в дальнейшем повлияла на чеканку монет иранских государств, включая Тахиридов, Саффаридов, Бармакидов и Саманидов. В X веке саманидская чеканка и торговый потенциал развились настолько, что саманидские дирхемы в международной торговле между Востоком и Западом заменили дирхемы Аббасидов.

По внешнему виду и содержанию надписей омейядские и аббасидские монеты сходны с монетами Саманидов. Их надписи в основном содержат тексты, выражающие монотеистические идеи, год и место чеканки, название монеты, имя халифа, эмира, правителя и лица, ответственного за чеканку. В своем сочинении Ахмади Балозури описывает торговлю и весовою систему доисламского периода арабов. По словам Балозури, доисламские арабы не чеканили монет. Они использовали ирано-сасанидские и римские монеты в торговле до VII века. Балозури упоминает разные виды весы - динар, дирхам, мискаль, хабб, укия, наш, кират и различные монеты, такие как хусрави, кайсари, табари, баглы, динар, дирхам, дирхемы хубайри, юсуфа и халиди. В начале 70-х годов VII века в результате денежной реформы пятого омейядского халифа Абдулмалика ибн Марвана исламские монеты были преобразованы в общегосударственные. Омейяды принимали различные меры для защиты чеканки и денежной системы. Балозури не сообщил о каком-либо несоблюдении исламского закона халифами или правителями в отношении использования изображения живых существ и доисламских символов на исламских монетах.

***Ключевые слова:*** *Футух-ул-булдон, Балозури, Саманиды, Ибн Халдун, чеканка монет, нумизматы, денежное обращение, сасанидские монеты, римские монеты, исламские монеты, омейядские, аббасидские и саманидские монеты дирхемы хубайри, юсуфи и халиди, денежная реформа Абдулмалика ибн Марвана, Хаджаж ибн Юсуф, подделка монеты, наказание за нарушение подделки монет.*

## COIN MINING REVIEW IN «FUTUHU-L-BULDON» BY AHMAD BALAZURI

22.Убайдуллоев Н.К. История народного образования Таджикистана второй половины XIX-XX вв//Душанбе: «Ирфон», 2005. –176 с.

## ВКЛАД ХАЙДАРШО ПИРУМШОЕВА В ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИИ ЗАВОЕВАНИЯ И ПРИСОЕДИНЕНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ К РОССИИ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX – НАЧАЛЕ XX ВВ.

В статье в историографическом ключе анализируются труды Х. Пирумшоева по торгово-дипломатическим отношениям средней азии с россией, культурные и экономические изменения, политическое положение края в XIX – начале XX вв. Особенное внимание уделено концептуальным взглядам Х. Пирумшоева по дискуссионным проблемам завоевания Средней Азии Российской империей.

При оценке вхождения Средней Азии в состав Российской империи в трудах Х. Пирумшоева превалирует термин «присоединение», чем «завоевание».

В трудах ученого уделено особое внимание изучению истории Памира во второй половине XIX в. Автор освещает политическое положение Памира и влияние русского пограничного отряда на политические события в этом

регионе.

Последние демократические процессы советского государства, которые оставили определенные отпечатки в исторической науке, образование независимых государств на руинах советского союза и неспокойные нулевые годы требовали новые методы и методологию исторического познания, которые во многом находили свое решение в трудах Х. Пирумшоева касательно событий второй половины XIX – начала XX вв.

***Ключевые слова:*** *Х. Пирумшоев, торговля, дипломатия, историография, завоевание, Средняя Азия, Российская империя, Памир.*

## САҲМИ ҲАЙДАРШО ПИРУМШОЕВ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ИШҒОЛ ВА ҲАМРОҲШАВИИ ОСИЁИ МИЁНА БА ИМПЕРИЯИ РОССИЯ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX - ИБТИДОИ АСРИ XX

Дар мақола осори профессор Ҳайдаршо Пирумшоев дар заминаи равобити тиҷоратӣ ва дипломатӣ байни Осиёи Миёна ва Россия, тағйироти фарҳангӣ ва иқтисодӣ, вазъи сиёсии минтақа дар асри XIX-ибтидои асри XX аз лиҳози таърихнигорӣ таҳлил шудааст. Таваҷҷуҳи хос ба дидгоҳҳои мафҳумии Ҳ. Пирумшоев дар мавриди масоили қобили баҳси фатҳи Осиёи Миёна аз ҷониби империяи Россия дода мешавад.

Ҳангоми арзёбии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба ҳайати императории Россия дар осори профессор Ҳайдаршо Пирумшоев истилоҳи «ҳамроҳшавӣ» нисбат ба «ишғол» афзалият дорад.

Дар осори олим таваҷҷуҳ ба омӯзиши вижае ба таҳқиқи таърихи Помир дар нимаи дувуми асри XIX арзёбӣ шудааст. Муаллиф вазъияти сиёсии Помир ва таъсири дастаи марзбонии Россия ба рӯйдодҳои сиёсӣ дар ин минтақаро тасвир мекунад.

Равандҳои охирини демократии давлати Шӯравӣ, ки осори хосе дар илми таърих ба ҷо гузоштанд, ташкили давлатҳои мустақил дар харобаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва солҳои пурталотум усулҳо ва методологияҳои нави дониши таърихиро тақозо мекарданд, ки то ҳадди зиёде ҳалли худро дар асарҳои доктори илмҳои таърих, профессор Ҳайдаршо Пирумшоев оид ба ҳодисаи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ёфтаанд.

***Калидвожаҳо:*** *Ҳ. Пирумшоев, тиҷорат, дипломатия, таърихнигорӣ, ҳамроҳшавӣ, ишғол, Осиёи Миёна, империяи Россия, Помир.*

## H. PIRUMSHOYEV'S CONTRIBUTION TO THE STUDY OF HISTORY CONQUEST AND UNION OF CENTRAL ASIA TO THE RUSSIAN EMPIRE IN THE SECOND HALF OF THE XIX - BEGINNING OF XX CENTURIES

The article in a historiographic vein analyzes the works of kh. Pirumshoev on trade and diplomatic relations of Central Asia with Russia, cultural and economic changes, the political situation of the region in the 19 th - early 20 th centuries. Particular attention is paid to the conceptual views of H. Pirumshoev on the controversial problems of the conquest of Central Asia by the Russian empire.

The last democratic processes of the soviet state, which left certain imprints in historical science and the restless zero years, in the wake of the formation of independent

states on the ruins of the soviet union, requiring new methods and methodology of historical knowledge, are largely found their solution in the works of H. Pirumshoev regarding the event in the second half of the XIX - early XX centuries.

***Key words:*** *Pirumshoev KH., trade, diplomacy, historiography, conquest, Central Asia, Russian empire, Pamir.*

**Сведение об авторе:**

**Назаров Фахриддин Алланазарович**-соискатель отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: (+992) 928004597. E-mail: nfakhriddin@list.ru

**About the author:**

**Nazarov Fakhriddin Allanazarovich**-an aspirant of the ancient department, medieval and modern history Institute of history, archeology and ethnography them. A. Donisha national science academy. E-mail mail: nfakhriddin@list.ru тel. (+992) 928004597. E-mail: nfakhriddin@list.ru

**УДК: 091**

# КАШФИ АСАРИ НАВЕ АЗ АҲМАДИ ДОНИШ[10]

**МЕЛИКИЁН ЭРАҶИ БАҲРОМЗОД**

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши**

Барои омӯзиши осори навиштории ниёгони мо, бештар аз як қарн аст, ки муҳаққиқону донишпажӯҳони ватаниву хориҷӣ дар талошанд, то онҳоро барои ҷомеаҳои илмиву оммавӣ муаррифӣ намоянд. Аммо ҳанӯз мо дақиқ намедонем, ки то куҷо ин осор таҳқиқ шудаанд ва чи миқдори дигаре ниёзманди ковишу баррасӣ ҳастанд. Агар маҷмуи теъдоди китобҳои дастнависи форсӣ-тоҷикӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна, сарфи назар аз маҷмуаҳои шахсӣ, ба ҳисоби миёна 30 ҳазорро фаро гиранд [8-12, 9, 10], гумон меравад ниме аз онҳо ҳанӯз таҳқиқу тарҷума нашуда, мавриди истифода қарор нагирифтаанд.

Яке аз шахсиятҳое, ки ҳанӯз дастнависҳои ӯ аз гӯшаҳои китобхонаҳо ва маҷмуаҳои шахсии афроди илмдӯст пайдо мегардад, Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) аст. Солҳои ахир намунаҳое аз баргахои хушнависишудаи ӯ пайдо гардиданд, ки гурӯҳеро ба фикри омӯзиши паҳлӯи ҳунарии Аҳмади Дониш, ҳамчун ҳунарманди хушнавис во дошт [2]. Ҳамчунин миёни дастнависҳои нодир «Девон»-и ин шахсият ёфт шуд, ки ҷамъе яқин ҳосил намуданд, ки ӯ ҳақиқатан дар баробари маорифпарвар, мунаҷҷим, муҳандис, мусаввир, табиб ва ғайра будан, шоири тавонманде низ будааст [3]. Инак, рисолаи хурди дигаре мансуб ба ӯ аз маҷмуаи шахсии таърихпажуҳ Темурзода Бахтовар пайдо

---

[10] Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърих ва назарияи санъати халқи тоҷик» (барои солҳои 2021-2025), рақами қайди давлатӣ 01011TJ0454 навишта шудааст.

гардид, ки нишоне бар андешаҳои тиббӣ, ахлоқӣ, мазҳабӣ ва фалсафии ӯ аст ва шояд тавонад баёнгари давраи хоссе аз зиндагии ӯ низ бошад. Муаллифи ин мақола бо мутолиаи комили ин нусха, бо рисолаи мазкур мувоҷеҳ шуд.

Аҳмади Дониш асари худ «Канзу-р-румуз» (яъне -ганҷи розҳо)-ро номидааст, ки он матни кӯтоҳест, ки шомили даҳ фасл буда, ҳар фасл ба чанд банд ҷудо мешавад. Худи рисола дар дохили китобе қарор дорад, ки шомили рисолаву матнҳои дигари орифона монанди «Анвори ҳикмат», матнҳое роҷеъ ба тарзи салтанату фармонравоӣ, монанди «Қонуни адолат», матнҳое бо муҳтавиёти фалсафӣ, монанди «Васоёи Афлотун», матнҳои тарбиятӣ, ҳакимона ва насиҳатии унвондор, монанди «Туҳфату-л-вузаро» ва бидуни унвон ва чанде рубоиву шеър аст. Матнҳои китоб мутааллиқ ба муаллифоне монанди Аҳмад Сиддиқии Бухорӣ (Дониш), шоир ва донишманд Насируддин Муҳаққиқи Тӯсӣ ва файласуф Афлотун мебошанд, ки тақрибан тамоми матнҳо бознависӣ ё нусхабардорӣ шудаанд. Номи нусхабардороне монанди Мирзо Абдулфаттоҳи Маҳдихон ва Муллохоҷа Лаввоҳу Қолиб дар китоб сабт шудааст.

Ҳамчунин мушаххас нест, ки бархе матнҳоро чи касе бознависӣ кардааст ва марбут ба кадом муаллиф аст.

Рисолае, ки бо унвони «Канзу-р-румуз» ва муаллифи он Аҳмад ас-Сидиқӣ ал-Бухорӣ бошад, дар ҳеҷ як аз осори муосир ва асри XIX, дар ҳудуди Осиёи Миёна ёде аз чунин рисола нашуда ва ё худи он пайдо нагардида буд. Ҳамчунин номи муаллифи ин рисола, ки қатъан ишора ба Аҳмади Дониш дорад, дар он маводе, ки шомили дастхатҳову адабиёти муътабар мебошад ва ман онҳоро баррасӣ намудаам, вуҷуд надорад.

Андозаи китоби мазкур ҳудудан 10х20 см. аст, ки ин навъи андозаҳоро дар ҳунари китоборой истилоҳан «қатъи руқъӣ» (ё баёз низ) мегӯянд, ки маъмулан муҳтавои онҳо аз шеъру достон иборат буда, барои омма дар назар гирифта шудаанд. Ҷилди китоб картонӣ аст ва рӯйи он бо муқоваи қаҳваие, ки тарҳи хатча-хатчаи сиёҳ дорад, пӯшонида шудааст. Навъи баргаҳо низ пӯсткоғази (пергамент) хуқандӣ буда, бофту дуруштиашон гуногунанд.

Китоб маҷмуе аз рисолоту матнҳоеро дар бар дорад, ки сабки хатти онҳо настаълиқ буда, нақшу тасвирҳо ва тарҳҳои баргаҳо бо ҳам фарқ мекунанд. Таърихи нигориши ҳар матн бо солшумории ҳиҷрии қамарӣ буда, солҳои нигоришашон мухталиф аст. Тафовутҳо миёни коғазҳо, ҳусни хатҳо ва солҳои офаридани асарҳо баёнгарӣ он аст, ки маҷмуи матнҳо гирдоварӣ шуда, дар шакли китоб сохта шудаанд ва ин нусха мансуб ба як нафар муаллиф ва ё нусхабардор (бознавис) нест. Дар ҳеҷ ҷойи китоб мушаххасоти гирдоварандаи он ва ё соли гирдоварии китоб сабт нашудааст. Қадимтарин соле, ки дар он дарҷ шудааст, 919 ҳ. - 1513 м. буда, тозатарини он мутааллиқ ба 1345 ҳ. -1926 м. мебошад.

Аз тарафе ба сабаби он, ки дар ороиши китоб ҳунари тазҳиб, ташъир, ҷадвалкашӣ ва тасвиргарӣ тақрибан яксон ва мушобеҳи ҳам иҷро шудааст, метавон ҳадс зад, ки китоби мазкурро як нафар китобсоз гирдоварӣ карда, дар тӯли чанд моҳ ва ё соле таҳия намуда бошад. Ҳамчунин ба далели ин, ки

андозаи баргаҳои китоб ва ҷадвалкашии онҳо тақрибан дар як андоза аст, метавонад гувоҳи дигаре бар таксозанда (як нафар созанда ё муаллиф) будани он бошад.

Хушнавис Мирзо Абдулфаттоҳи Маҳдихон (ваф.1940), ки номаш дар саҳифаи аввали «Канзу-р-румуз» сабт шудааст, ҳамроҳи падари худ Маҳдихон Котиби Бухорӣ (Забёнӣ) аз гирдоварандагони осори хушнависӣ ва китобҳои муаллифони қадим ва ҳамзамони худ мебошанд. Маҳдихон худ аз шахсиятҳои сарватманде буда, дороии худро барои гирдоварии осори гузаштагон, бахусус, хушнависон харҷ кардааст. Ҳамон тавре ки М. Шарифов меорад: «Писари ӯ Абдулфаттоҳхон аз падари худ пайравӣ намуда, маҷмуаи гирдовардаи худро ба ‍таври қобили мулоҳизае такмил дод. Бояд дар назар дошт, ки аз қадимтарин осори хушнависоне монанди Миралии Ҳиравӣ, Султоналии Машҳадӣ, Миримоди Ҳасанӣ, Ёрӣ (Музаҳҳиб) ва дигарон, тавассути ӯ ва падараш Маҳдихон ҳифзу нигаҳдорӣ шудаанд» [1,34].

Бино ба далели ин, ки дар саҳифаи аввали китоби мазкур ва дар зери рубоии Аҳмади Дониш номи Абдулфаттоҳ (ҳамчун котиби он рубоӣ) ва падараш Маҳ-дихон сабт шудааст ва ҳамчунин тозатарин таърихи нигориши матни китоб мутааллиқ ба соли 1927 м. аст, метавон эҳтимоли дигаре дод, ки китоби мазкурро Абдулфаттоҳ ибни Маҳдихон дар охирҳои даҳаи 20 ё оғози 30-и асри XX гирдоварӣ ва китобат намудааст. Рубоии Аҳмади Дониш роҷеъ ба мусаввири беназир будани ӯ дар саҳифаи аввали китоб ва бо сабки настаълиқи дорои ҳуруфи бузург ва бо зикри ному тахаллусҳои ӯ чунин оварда шудааст: «Рубоӣ аз Аҳмад Махдум, уроқ, муҳандис, мунаҷҷим, мусаввир тахаллус ба Дониш.

Ин сеҳри аҷаб, к-аз қалам афтод маро,  
Лутфи шаҳи аср кард устод маро.  
Дар санъати тасвир назирам чун нест,  
Дархур бошад, ки хони Беҳзод маро.

Машқаҳу Мирзо Абдулфаттоҳ ибни Маҳдихони Забёнӣ».

Нуктаи ҷолиби дигар ин аст, ки дар оғози рисола номи он «Канз-ур-румуз» оварда шудааст ва дар поёни рисола Аҳмади Дониш навиштааст, ки «Тамом шуд рисолаи шарифаи «Ҷомеату-р-румуз» бар дасти бандаи даргоҳ Аҳмад ас-Сидиқӣ ал-Бухорӣ 1277 ҳ.қ. (1861 м.). Яъне метавон гумони дигаре дошт, ки «Ҷомеат-ур-румуз» китоби ҷудогонае буда, «Канзу-р-румуз» шояд бахше аз он бошад. Ҳамчунин, агар ба номи ӯ таваҷҷуҳ кунем, мебинем, ки танҳо Аҳмад Сиддиқии Бухорӣ сабт шуда, тахаллусҳое монанди уроқ, муҳандис, мунаҷҷим ва ҳатто «Дониш» низ оварда нашудааст. Ин низ метавонад далеле бар дар синни ҷавонӣ навиштани рисолаи мазкур бошад, ки ҳанӯз дараҷоту унвонҳои дар боло зикршударо надошт.

Муаллифи ин мақола дар ҷараёни таҳқиқи рисолаи мазкур бо осори

шахсиятҳои таърихии дигаре, ки номи китоби худро «Канзу-р-румуз» ё «Румузи кунуз» номидаанд, мувоҷеҳ шуда онҳоро бо рисолаи Аҳмади Дониш муқоиса намуд.

«Канзу-р-румуз»-и ориф ва донишманд Ҳусейн Ғурии Ҳиравӣ машҳур ба Мирҳусейни Содот (вафот ҳудуди 1319-1339) рисолаест дар шакли назм. Муҳтавои ин рисола шомили мавзуоте монанди маърифату маънавият, ишқ, дини ислому усули он, нафс, руҳ, ақл ва ғайра аст, ки ҳар бахш ба таври нисбатан мухтасар нигориш ёфтааст ва шабоҳатҳое бо рисолаи Аҳмади Дониш дорад. Ҳамчунин муаллифи дигаре, ки асари ӯ «Румузи кунуз» унвон дорад, файласуфи илоҳиёт, фақеҳ, ориф, мунаҷҷим Ҳасан ибни Абдуллоҳ Табарии Омӯлӣ (1928-2021) аст. Рисолаи ӯ соли 1979 таҳия шудааст ва мавзуоти он дар қавоиди таксиру хавосси он, қавонини басти ҳуруфот, дар зикри истихроҷи асмои илоҳӣ ва асмои рӯҳонӣ аз аъмоли ҷафария ва ғайра. Дар он доир ба баёни илми ҷафар, ки аз ададҳову шаклҳои ҳандасӣ ва ҳарфҳо ба пурсишҳои инсонӣ посух дода мешавад, ба шакли назму наср тавзеҳоте ироа шудааст. Ин рисола тақрибан бо рисолаи «Канзу-р-румуз»-и Аҳмади Дониш қобили муқоиса нест.

Асари «Канзу-р-румуз» пас аз аввалин сафар ва бозгашти Аҳмади Дониш аз Санкт-Петербург, яъне дар соли 1861 (ки Аҳмади Дониш 33 сол дошт) таҳрир шудааст. Муҳтавиёти ин асар дар зеҳни фарди хонанда шояд симои як шахсияти мазҳабӣ ва ҳам каме хурофотиро ба вуҷуд оварад. Чунин манзара бар хилофи тасаввури аксарияти мо аст, ки Аҳмади Донишро бештар як шахсияти маорифпарвар, навфикр ва мутафаккиру шоир медонем. Чун доираи ҳарфҳову суҳбатҳое, ки роҷеъ ба ӯ мегӯянду менависанд, бештар атрофи хусусиёти мазкур будааст, ки марбут ба синҳои охири зиндагии ӯ ва давраи камолоташ аст. Аммо бояд пазируфт, ки Аҳмади Дониш бар асоси даврони мухталифи зиндагиаш тарзи тафаккураш низ гуногун буд. Фазое, ки ӯ дар он ба дунё омада буд, як фазои мазҳабӣ ва ҳамчунин хурофотӣ низ буд ва усулу қоидаҳои зиндагӣ бар асоси андешаҳои динӣ тарҳрезӣ шуда буд. Дар чунин шароит афроди ангӯштшуморе имкони раҳоӣ ёфтан аз андешаҳои маъмули якнавохти мазҳабии аксаран куҳнашударо доштанд.

Аҳмади Дониш аз синни хурдӣ ва навҷавонӣ аз тақлиду пайравии зоҳирии мавзуоти илмиву маънавӣ дурӣ карда, дунболи ботин, муқоисаи воқеияту ҳақиқат ва асли онҳо будааст. Ӯ бо вуҷуди тафаккуроти илмӣ ва фароилмӣ (фалсафа, ҳикмат, улуми ғариба ва ғ.) боварҳои устуворе нисбат ба дини ислом доштааст, ки ҳам дар «Наводиру-л-вақоеъ» ва ҳам дар «Меъёру-т-тадайюн»-и ӯ инъикос ёфтааст. Ӯ менависад: «Ва нафси ман қонеъ набудааст, ки ба алфози зоҳираи оёт ва сувар қаноат кунам... Ҳамин ки аз мактаб берун мешудам, дар маъракаи тавориххонон ҳозир мешудам ва бар он рағбате ва шавқе дар табиат доштам... Ҳикмати он ки Қуръон маҳфузи ман нашуд, баъд аз рушд маълум кардам, ки ҳақ он аст, ки Қуръон маҳфузи ман набошад, чунки бисёр ба аҳли шуруру фасод мухталит омадам аз муъмину кофир» [4, 331, 335].

Аҳмади Дониш борҳо таъкид менамояд, ки эътиқод бояд тақлидӣ набошад.

Ҳар чизе ки хондӣ ё шунидӣ ба онҳо кӯр-кӯрона бовар набояд кард, онро бояд дар тарозӯи ақл баркашид. Ӯ ҳамчун муслиҳи (ислоҳгар) исломӣ ва ҷомеашиноси борикбин ҷомеаи худро таҳлил намуда, қафомонию ҷаҳолатпарастии аҳли замонаашро сахт танқид мекунад. Ӯ мегӯяд, ки аҳли замонааш дар банди «дини тақлидӣ» сахт гирифторанд ва аз асли ислом фарсаххо дур рафтаанд. Олимон, ки масъуланд ҳақиқати дину диёнатро рупӯш мекунанд: «…аз аломати ислом ҳамин аммомаҳо бар сар аст ва аз шиори имон ҳамон азон дар манора…» [5,3].

Мо, алоқа ва ангезаи Аҳмади Донишро дар робита бо низоми сайёроту аҷроми осмонӣ ва иртиботу таъсири онҳо бар табиат, инсон ва тақдири ӯ, илмҳои ғариба, ки ҳамон ҷахонҳо ва мавҷудоти нодиданӣ ва аҷибу ғарибанд ва ғайраро дар афкори ӯ мушоҳида менамоем, ки дар рисолаи «Канзу-р-румуз», ки марбут ба давраи ҷавонии ӯ аст, то ҳудуде дида мешвад. Ҳатто дар даврае, ки ҳудуди шаст сол дошт, овозаву таънаҳои бархе куҳанандешҳои ҳамзамонаш нисбат ба ӯ, тибқи гуфтаҳои устод С. Айнӣ чунин будаанд: «Замоне, ки ба мадраса меомад, калонон мегуфтанд: Ин касбоз омад, ки имшаб дар ҳуҷра бо ҷинҳояш, бо деву париҳояш ва бо шайтонхояш суҳбат кунад ва фардо баромада гуфтаҳои онҳоро ба шогирдонаш нақл намуда, онҳоро ҳам монанди худ гумроҳ намояд. Вай мегуфтааст, ки кадом вақт гирифтани офтобро ва кадом соат гирифтани моҳро ман медонам ва метавонам, ки пешакӣ хабар диҳам. Ғайбдонку фақат Худо буд, ин бедин аз ғайб хабар доданро даъво карда худашро ба Худо шарик сохта баромадааст» [6, 173].

Донишманд ва файласуф Акбари Турсунзод дар мақолаи пурмуҳтавои худ, ки роҷеъ ба вазъи мазҳабӣ-хурофотӣ ва фазои носолими ҷомеае, ки Аҳмади Дониш дар он зиндагӣ мекард, чунин мегӯяд: «Чаҳор яки охири асри нуздаҳум ва чаҳор яки аввали асри бистумро боясти нуктаи гардише дар таърихи чандинасраи тоҷикон донист. Ин панҷоҳсола ба ин хотир ҷолиб аст, ки он замон навъи шахсияти мутафаккире шуруъ ба шаклгирӣ намуд, ки ман онро ҳамчун як инсони фарҳехтаи эътиқодманд бо худогоҳи мунаққидиву тарҷеӣ тасаввур мекунам. Вижагиҳои ба худ хосси шахсияти нави таърихӣ дар шакли нисбатан возеҳи худ, дар симои Аҳмади Дониш – саркардаи ин силсилаи ақаллияти халлоқ намоён гашт» [7]. Чунин ишораҳо роҷеъ ба шахсияти ӯ ва иттилооти осори Аҳмади Дониш дар бораи тарзи тафаккури ӯ, нишондиҳандаи шахсиятест, ки фаротар аз як инсонӣ эътиқодманди одӣ фаъолият мекарда, доираи риштаҳои донишаш бисёр вусъат доштааст.

Ҳанӯз бояд умедвор буд, ки осори дигаре мутааллиқ ба ӯро аз маҷмуаҳои шахсӣ, китобхонаҳо ва ганҷинаҳои дигаре, ки танҳо дар пайи таҳқиқу ҷустуҷӯ ва ҳамкории донишпажуҳон ба онҳо дастрасӣ пайдо мешавад, битавон ёфт.





Инак, рисолаи тарҷумашудаи ӯ тавассути муаллифи ин мақола, пешкаши хонандагон мегардад ва умед аст, агар пас аз мутолиаи он накду пешниҳодоти наве, ки ба вуҷуд меоянд, пешниҳоди муаллиф гарданд. Дар зер аксе, ки бо ҳунари тазҳибу ташъир ороиш ёфта, унвони рисола бо ҳуруфи обӣ дар он нақш бастааст, саҳифаи аввали рисола буда, акси дигар саҳифаи охири он мебошад, ки номи муаллиф ва соли китобати он сабт шудааст.

**«Канзу-р-румуз»**

Алҳамдулиллоҳи раббил оламин вассалоту вассалому ало хайри халқиҳи Муҳаммад ва оли аҷмаин. Аммо баъд ин рисолаест муштамал бар хулосаи аҳволи уламо ва наққодаи аъмоли ҳукамо, мутазаммин бар даҳ фасл ва ҳар фасл ба чанд хислати махсус мусаммо шуда ба «Канзу-р-румуз» ва биллоҳи тавфиқ.

**Фасли аввал** - Дар он ки даҳ чиз муҷиби шодиву фараҳ аст: сураи Ёсин хондан ва вузӯ сохтан ва мисвок кардан ва ғусл овардан ва бо дӯстон суҳбат доштан ва мӯйлабу дигар мӯйҳо бардоштан ва сар тарошидан ва нохун боз кардан ва ҷомаи пок пӯшидан ва намози ҷамоат гузоридан.

**Фасли дувум** - Дар он ки даҳ чиз парӣ (пирӣ?) орад: муҷомиат бисёр кардан ва шаб оби бисёр хурдан ва бо зани пир наздикӣ кардан ва оби тира хурдан ва дар мабраз (ҳоҷатхона) тавaққуф кардан ва дар мутаваззо (ҷойи вузӯ гирифтан) сухан гуфтан ва дар аврати худ нигоҳ кардану ба вай такя кардан ва

ғами бисёр хурдан ва аёли бисёру кафоф.

**Фасли сеюм** - Дар он ки даҳ чиз умр бияфзояд: садақа додан ва намози чошт (бомдод) хондан ва ёди Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло бисёр кардан ва бар расул саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам салавот бисёр фиристодан ва бо ятимону фақирон раҳм кардан.

**Фасли чаҳорум** - Дар он ки даҳ чиз ғам таваллуд кунад: истода зерҷома пушидан ва миёни гӯсфандон гузаштан ва маҳосин (риш) ба дандон кандан ва бар остонаи дар нишастан ва ба дасти чап таом хурдан ва ба доман ё остин рӯй пок кардан ва бар пӯсти сиру пиёз гузаштан ва казолик (ҳамчунин) пӯсти тухми мурғ ва ба дасти рост истинҷо кардан (пок кардани ҷойи бавлу ғоят).

**Фасли панҷум** - Дар он ки даҳ чиз муҷиби бақои давлат ва тазоюди ҳашмат аст: ибодати бисёр ва тавозуъу тахаллуқи бешумор ва вафову карам бар қарор ва бедор будан дар асҳор, сахову ҷавонмардӣ билғашӣ вал-абкор, ҷидду ҷаҳд намудан дар ҳама кор, мулозимат намудани суҳбати аброр, пурҳазар будан аз аҳмақону ашрор ва доим будан ба истиғфор ва маҳфуз доштани асрор.

**Фасли шашум** - Дар он ки аз даҳ чиз рӯшноии чашм бияфзояд: дар мусҳаф нигаристан ва рӯйи уламо дидан ва дар рӯйи падару модар нигоҳ кардан ва бар рӯйи дӯстон мушоҳида намудан ва дар осмони соф наззора кардан ва бар сабзаву оби равон гузаштан ва мубошират ба эътидол кардан ва бар ҷавоҳиру тилло тафарруҷ (тамошо) кардан ва вузу сохтан бо оби сард ва аз ҳавои соф файз гирифтан.

**Фасли ҳафтум** - Дар он ки аз даҳ чиз одамӣ саҳиҳ-ул-бадан бошад: кам хурдан ва кам гуфтан ва кам хуфтан ва кам мубошират (ҳамхобагӣ) кардан ва бӯйи хуш нигоҳ доштан ва зару тилло бо худ доштан ва ҳар чанд рӯзе ба ҳаммом рафтан ва гоҳ-гоҳе касби ҳаво кардан ва сулси охири (аз се яки охир) шабро пос доштан ва бавлу ғоитро (пешобу мадфуъ) ҳабс нокардан.

**Фасли ҳаштум** - Дар он ки сӣ чиз фаромӯшӣ оварад: мазоҳи (шӯхӣ) бисёр ва хандаи фаровон ва Қуръон хондан ба гармоба ва нигаристан ба номаҳрам ва мубошират кардан бо зани мустаҳоза (ҳайздор) ва бе сатр нишастан дар ҳаммом ва бисёр хурдани туршӣ ва гузаштан аз миёни сутурон (чорпоён) ва дар зери по афкандани тарошаи қалам ва бавл кардан дар зери дарахтони мевадор ва сухан гуфтан ба буҳтон ва шона кардани мӯй ба шонаи дигарон ва таом хурдан аз дег ва хайва (туф) андохтан дар масҷид ва ҳиҷомат кардан бар қафо ва хӯрдани себи турш ва ақлӣ (хӯроки) нимхурдаи мӯш ва хӯрдани гашнизи тари бисёр ва истода бавл кардан дар об ё ҷойи дигар ва хӯрдани таъом дар ҷанобат ва беҳурматӣ кардан бо меҳтарон ва хондани тахтаи гӯристон ва хӯрдани таом бе ёди номи Худои таъолӣ ва нигоҳ кардан дар маслубу мақтул ва гузаштан аз миёни ду зан ва бурдани номи Ҳақ субҳонаҳу ва таъолӣ дар ҷанобат ва бавл кардан рӯй ба қибла ва хӯрдани таъом дар бозор ва хандидан дар гӯристон ва бисёрии шаб хуспидан ва оби бисёр хӯрдан дар шаб.

**Фасли нуҳум** - Дар он ки сӣ чиз дарвешӣ оварад: модару падарро ба ном хондан ва бараҳна бавл кардан ва резаи нон хор доштан ва дар шаб хона

руфтан ва пӯсти сиру пиёз сӯхтан ва дар пеши бузургтар аз худ роҳ рафтан ва ба коҳдевор ҳилол (чӯби борик) кардан ва даст ба сабус пок кардан ва сар аз саҷда пеш аз эмом бардоштан ва дар саҷда ором ногирифтан ва бар ҷойи бавл вузӯ сохтан ва дегу коса ношуста мондан ва савганди бисёр хурдан ва хонаи анкабут дар хона гузоштан ва нон аз гадоён буридан ва бар мардумон лаънат гуфтан ва ҷома дар бари худ духтан ва чароғ ба дам кӯштан ва ба дастори (сарбанд ё манзур порчаест, ки ҷойи дари ҳаммом мегузоштанд) ҳамом андоми худ хушк кардан ва ба зери ҷома рӯйи худ пок кардан ва дар канори худ нон хурдан ва дар мабраз хайва андохтан ва бар пой истода бавл кардан ва ба дандон нохун буридан ва дар намоз коҳилӣ кардан ва пагоҳ ба бозор рафтану бегоҳ боз омадан ва дастор ё эзори пой дар зери сар ниҳодан ва нишаста дастор печидан ва бар пой истода зерҷома пӯшидан.

**Фасли даҳум** - Дар он ки даҳ чиз нишони давлату саодат ва қуввати имон аст ва низ сабаби тазоюди умру баракат аст: дӯстӣ ва таъзими Ҳақ ҷалла ҷалолуҳ ва шафқат бар халқи Худои субҳонаҳ ва мутобеат бар суннати расул саллалоҳу алайҳи ва саллам ва шаб зинда доштан ва саҳар ба тоату тиловат қиём намудан ва Қуръон бисёр хондан ва дар маҷлиси уламо нишастан ва бо эшон суҳбат доштан ва бештари авқот бо вузӯ будан ва ғизои латиф ва ҷомаи пок ба кор доштан ва караму сахо варзидан ва тавозуъу таҳаллуқ намудан бо ҳама кас.

Тамом шуд рисолаи шарифаи Ҷомеату-р-румуз бар дасти бандаи даргоҳ Аҳмад ал-Сидиқӣ ал-Бухорӣ 1277 ҳ.қ. (1860 м.)

## АДАБИЁТ


1.Шарифов М., Додхудоева Л. Восточная каллиграфия в собрании Академии наук республики Таджикистан. Душанбе, 2015. -388 с., 15 илл.

2.Меликиён Э. Аҳмади Дониш ва ҷойгоҳи ӯ дар рушди ҳунари хушнависӣ/Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3, Душанбе. 2021, с. 63-68.

3.Раҳимӣ Ф., Олимов К. Девони Аҳмади Дониш бозёфти пурарзиши адабӣ ва таърихӣ. https://anrt.tj/tj/khabar-o/1510-devoni-a-madi-donish-bozjofti-purarzishi-adab-va-ta-rikh таърихи истифода 26.05.2022.

4.Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ (мунтахаб). –Душанбе, «Адиб», 2020, 480 с.

5.Девонақулов А. Аҳмад Махдуми Дониш – Меъёр-ат-тадайюн. Душанбе, 2008. 252 с.

6.Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Душанбе, 2009. -679 с.

7.Турсунзода А. Креативная личность в пучине искривленного социального пространство времени. https: //www.academia.edu /34652843/% D0% D1% 82_docx таърихи истифода 01.06.2022.

8.Муминов А.К. Государственные и частныесобрания арабографичныхрукописей в Узбекистане. Истанбул, 2020. -38 с.

9.Камолиддин Ш. С. Рукописное наследие Узбекистана. – Ташкент, 2014. – 24 с.

10.Акимушкин О.Ф. Очерки историикультуры средникевкового Ирана. Наука Москва. 1984. -256 с.

## КАШФИ АСАРИ НАВЕ АЗ АҲМАДИ ДОНИШ

Аз осори ниёгон он чи ки дар дастрасии мо буда ва аз он баҳра мебарем, шояд танҳо барге аз дарахте бошад, ки мо аз он огоҳем. Ҳанӯз маълум нест, ки мо то куҷо аз ганҷинаҳои гузаштагони худ хабар дорем ва ҳанӯз кор зиёд аст. Ин мақола барои аввалин аз осори арзишманди Аҳмад Махдуми Дониш, ки «Канзу-р-румуз» унвон гирифтааст, рӯнамоӣ мекунад. Ин рисолаи хурд аз маҷмуаи шахсии таърихпажӯҳ Темурзода Бахтовар пайдо гардид, ки нишоне бар андешаҳои тиббӣ, ахлоқӣ, мазҳабӣ ва фалсафии ӯ аст ва шояд тавонад баёнгари давраи хоссе аз зиндагии ӯ низ бошад. Дар он хулосае аз суханону афкори ҳакимону донишмандони қадим оварда шудааст, ки ҳам тарзи тафаккури Аҳмади Дониши ҷавонро барои мо нишон медиҳад ва ҳам иттилооти ахлоқиву илмиеро пешкаш менамояд. Муаллифи мақола бо мутолиаи комили ин нусха, ин рисоларо пайдо намуд. Худи рисола дар дохили китобе қарор дорад, ки шомили рисолаву матнҳои дигари орифона монанди «Анвори ҳикмат», матнҳое роҷеъ ба тарзи салтанату фармонравоӣ монанди «Қонуни адолат», матнҳое бо муҳтавиёти фалсафӣ монанди «Васоёи Афлотун», матнҳои тарбиятӣ, ҳакимона ва насихатии унвондор монанди «Туҳфату-л-вузаро» ва бидуни унвон ва чанде рубоиву шеър аст. Матнҳои китоб мутааллиқ ба муаллифоне монанди Аҳмад Сиддиқии Бухорӣ (Дониш), шоир ва донишманд Насируддин Муҳаққиқи Тӯсӣ ва файласуф Афлотун мебошанд, ки тақрибан тамоми матнҳо бознависӣ ё нусхабардорӣ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** дастнависҳои нодир, Канзу-р-румуз, пӯсткоғаз, ҳунари тазҳиб, Аҳмади Дониш, Абдулфаттоҳи Маҳдихон, Аҳмад ал-Сидиқӣ ал-Бухорӣ, улуми ғариба, дини тақлидӣ, аҷроми осмонӣ, кӯҳанандеш, мазҳабит-хурофотӣ.

## ОТКРЫТИЕ НОВОГО ПРОИЗВЕДЕНИЯ АХМАДА ДОНИША

Из наследия наших предков то, что у нас есть и чем мы пользуемся, вероятно, всего лишь лист от дерева, о котором мы знаем. Пока неизвестно, насколько мы знаем сокровища наших предков, и по этому предстоит еще много работы. В данной статье впервые представлено одно из ценнейших произведений среднеазиатского деятеля Ахмада Махдума Дониша под названием «Канзу-р-румуз». Этот краткий трактат появился из личной коллекции историка Темирзода Бахтовара, что является признаком медицинских, нравственных, религиозных и философских мыслей А. Дониша, а может быть выражением особого периода его жизни. В нем обобщаются слова и мнения древних мудрецов и ученых, которые показывают нам образ мышления молодого Ахмада Дониша, а также предоставляют моральную и научную информацию. Автор этой статьи, прочитав весь экземпляр, случайно наткнулся на этот трактат. Сам трактат является частью книги, в которую входят трактаты и другие мистические тексты («Анвори хикмат»), тексты о верховенстве закона («Конуни адолат»), тексты философского содержания («Васоёи Афлотун»), тексты с титулами, без титулов, с тематикой мудрости и нравоучений («Тухфату-л-Вузаро») и и несколько рубаев и стихов. Тексты книги принадлежат таким авторам, как Ахмад Сиддики Бухари (Дониш), поэту и соавтору Насируддину Мухаккики Туси и философу Платону, почти все тексты были переписаны или скопированы.

***Ключевые слова:*** *редкие рукописи, Канзу-р-румуз, пергамент, искусство тазхиб, Абдулфаттахи Махдихан, Ахмад ас-Сидики аль-Бухари, редкие науки, подражательная религия, небесный тела, старомодный, религиозно-суеверный.*

# OPENING OF A NEW WORK BY AHMAD DONISH

From the heritage of our ancestors, what we have and what we use is probably just a leaf from the tree that we know about. It is not yet known how much we know about the treasures of our ancestors, and there is still a lot of work to be done. This article presents for the first time one of the most valuable works of the Central Asian figure Ahmad Makhdumi Donish called "Kanzu-r-rumuz". This short treatise came from the personal collection of the historian Temirzod Bakhtovar, which is a sign of his medical, moral, religious and philosophical thoughts, and may be an expression of a special period of his life. It summarizes the words and opinions of the ancient sages and scholars, which show us the way of thinking of the young Ahmadi Donisha, as well as provide moral and scientific information. The author of this article, after reading the entire copy, accidentally stumbled upon this treatise. The treatise itself is part of a book that includes treatises and other mystical texts such as "AnvoriHikmat", texts on the rule of law such as "KonuniAdolat", texts of philosophical content such as "Vasoyoi Aflotun", texts with titles, and with the themes of wisdom and moralizing such as "Tuhfat-ul-Vuzaro" and without titles, and a few rubies and poems. The texts of the book are by authors such as Ahmad Siddiqi Bukhari (Donish), the poet and co-author Nasiruddin Muhaqqiqi Tusi, and the philosopher Plato, almost all of the texts have been rewritten or copied.

***Key words:*** *rare manuscripts, Kanzur-r-rumuz, parchment, tazkhib art, Abdulfattahi Mahdikhan, Ahmad al-Sidiki al-Bukhari, Ahmadi Donish, rare sciences, imitative religion, celestial bodies, old-fashioned, religious superstitious*

**Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Меликиён Эраҷи Баҳромзод** – докторанти (PhD) Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: **Тел. (+992)** 987-811-811; **почтаи эл:** erajrom@yandex.ru

**Сведения об авторов:**

Меликиён Эраджи Бахромзод – докторант (PhD) Института истории, археологии и этнографии им. Ахмад Дониша Национальной академии наук Таджикистана: **Тел. (+992)** 987-811-811; **эл. почта:** erajrom@yandex.ru

**About the authors:**

Melikiyon Eraji Bahromzod, 2 st year doctor (PhD) student of the Institute of history, archeology and ethnography named after Ahmad Donish of the National academy of sciences of Tajikistan: **Tel: (+992)** 987-811-811; **E-mail:** erajrom@yandex.ru

**УДК 930.85**

# СЫРДАРЬЯ: РЕЧНОЙ ПУТЬ В СИСТЕМЕ КОММУНИКАЦИЙ ШЕЛКОВОГО ПУТИ[11]

**РАХИМОВ Н.Т.,**
**Худжандский государственный университет им. академика Б.Г. Гафурова**

Великий Шелковый путь (ВШП) был сложной системой коммуникаций, состоящей из отдельных, но связанных между собой участков путей и коридоров, соединявшей на протяжении более полутора тысячи лет (II-I вв. до н.э. – XVI в.) разные регионы Евразии. Фергано-Сырдарьинский коридор ВШП, пролегающий по долине р. Сырдарья, представлял собой важное звено для полноценного функционирования всей этой трансконтинентальной системы коммуникаций древности и средневековья. Именно на этом участке сомкнулись древние торговые пути из стран западной части Древнего мира и Дальнего Востока, на этом же участке явно прослеживаются всесторонние связи населения оазисов и степи, здесь пересекались векторы связей древних цивилизаций.

Фергано-Сырдарьинский коридор ВШП совпадает с долиной р. Сырдарья. Это обусловило использование энергии течения воды для транспортировки грузов и функционирования, дополнительно к сухопутной системе коммуникаций, ещё и речного пути. Речной путь по Сырдарье соединял крайние части коридора от приречных пунктов Ферганы до Шымкент-Исфиджаб-Сайрамского участка и служил соединительным звеном между степными и оазисными маршрутами ВШП.

Известно, что течение рек имеет большой потенциал динамики и поэтому энергия воды используется человеком с древнейших времён. Исторически зафиксировано, что все крупные и имеющие большую протяженность реки использовались для транспортировки и перемещения. Таковой для региона Средней Азии является р. Сырдарья (известная под названиями Яксарт, Танаис, Жемчужная река, река Йоша, Гульзариюм, река Чача, река Худжанда, Сайхун, Сырдарья), протяженностью 2212 км и пересекающая регион с юга-востока в западном, далее в северном и северо-западном направлении. Эта река с древнейших времён играла важную роль в жизни населения Средней Азии. Многие исследователи отождествляют с Сырдарьёй одну из священных рек Авесты - Ранху, почитаемую древними арийскими племенами Средней Азии

---

[11] Статья написана на основе проекта «История таджикского народа» (Археология Таджикистана от каменного века до позднего средневоковья), государственный регистратционный номер 0121TJ1212.

[16,135].

В древнейшее время Сырдарья, известная античным авторам под названиями Яксарт и Танаис, являлась границей между земледельческими оазисами и кочевой степью, между согдийцами и саками [14,11:8:8]. Однако, река не разъединяла народы и племена, обитавшие на её берегах, а соединяла их, так как по ней осуществлялись обмен и культурные связи.

Возникновение и начало функционирования ВШП (II-I вв. до н.э.) привели к укреплению международной торговли и транзитных межрегиональных торговых маршрутов в бассейне Сырдарьи. Наряду с сухопутными коммуникациями для транспортировки товаров стало использоваться русло Сырдарьи. Из верховьев реки вниз по течению сплавляли суда, плоты с товарами к городам и поселениям средней и нижней Сырдарьи. В ханьское время начала складываться трасса «по реке Йоша» (Яксарту) в Давань, Кангюй, Янцай. Хроника Шицзи сообщает, что во владении Аньси торговцы и купцы живут вдоль реки и развозят свои товары, как по воде, так и по суше [4,151].

Локальные системы экономических связей с началом функционирования ВШП переросли в межрегиональные торговые пути. Водный путь по Сырдарье и сухопутный - вдоль реки, сформировавшиеся в начале как пути внутренней торговли, стали важным звеном, соединявшим северный и южный ветки ВШП, историко-культурные области верховьяв Сырдарьи, бассейна Средней и Нижней Сырдарьи.

Результаты археологического изучения свидетельствуют, что крепости и города, стоящие близко к берегу Сырдарьи - Худжанд (I тыс. до н.э.), городища Мунчактепа (I-XII вв. н.э.) и Коштегирмон (VI-XII вв.) были крупными торговыми центрами на речном пути [8, 93-107]. Река Сырдарья, называемая в это время Гульзариюм, протекала через Фергану (Полона), Худжанское владение, Уструшану, Чач, Исфиджаб, Тарбанд (Отрар). Многие исследователи считают, что обширная область среднего и нижнего течения Сырдарьи и Западной Ферганы, представляла собой в середине 1 тыс. н.э. единый историко-культурный регион [5, 150]. Сырдарья в это время являлась важной артерией торгово-экономических связей Ферганы с джетыасарскими и приаральскими районами. О существовании этих связей свидетельствуют как археологические находки, так и письменные источники. В истории старшего дома Хань отмечена «северная» дорога из Китая через Кашгар, Фергану к кангюйцам и аланам [3, 186], то есть через Фергана-Сырдарьинский коридор.

Гораздо больше информации о средневековом речном пути Фергано-Сырдарьинского коридора Великого Шёлкового пути. Среднеазиатские города IX-X вв. были важными экономическими и торговыми центрами. С укреплением городов, увеличением числа населения и базаров намного расширяются масштабы торговли. Реконструкция караванных путей бассейна среднего течения Сырдарьи (Чача и Илака) была проведена Ю.Ф. Буряковым [5; 6,134-135]. Топография городских пунктов характеризует основные линии

караванной торговли. Результаты исследования показывают о значительном подъёме торговли присырдарьинских городов и значении торговых путей.

Это в полной мере относится и к речному пути. Наряду с наземными караванными путями в региональной торговле важную роль играли речные судоходные маршруты. В этот период река Сырдарья в письменных источниках упоминается под названиями Река Чача (Шаша), река Худжанда, Сайхун. Судоходство существовало не только на Амударье и Сырдарье, но также на Зарафшане и других среднеазиатских реках. Перечисляя реки Бухары и Самарканда, Ибн Хаукаль [11, 26] и Истахри [2] отмечают, что многие из них полноводны и по ним ходят суда.

Макдиси, Ибн Хаукаль и другие арабо-персоязычные авторы отмечали судоходность Сырдарьи в районе Худжанда и Бинакента. Согласно источникам, в Худжанд завозили зерно из разных районов Ферганы и Уструшаны на судах по реке Чач (т.е. Сырдарье). К Худжанду корабли поднимались по Сырдарье из Чача и более северных присырдарьинских районов. По этой же реке купцы из оазисов возили «зерно к гузам, когда те живут в мире» [6,162]. Из селения Тозаб, принадлежавшего гузам, товары отправляли по этой реке в другие районы.

Так, Ибн Хаукаль (X в.) сообщает, что по реке Чач (Сырдарья), являвшейся «самой большой рекой края и, которая по мере впадения в неё многочисленных притоков, берущих начало с районов проживания тюрков и мусульман, она становится ещё более полноводной, и по ней суда плавают вниз головой (буквально «сарозер») до Худжанда» [11, 26]. По словам Ибн Хаукаля, к Яныкету, распложенному в нижней части Сырдарьи, в мирное время по реке развозили продовольствие из Ферганы, Чача и Уструшаны [11, 25]. Известно и о людях, занятых на торговле по реке: так, в тексте о городских поселениях на реке Чача, в частности об Унджакете, упоминаются «лодочники, перевозящие товары по реке Шаша и Бараку» [7, 98-99].

Речной путь стал широко использоваться в IX-X вв., когда среднеазиатские купцы государства Саманидов прокладывают новые маршруты от Исфиджаба на север и северо-восток. Другой новый маршрут был проложен к булгарам на Волге и дальше на север к славянским землям и к другим народам Северной и Восточной Европы.

Таким образом, речной путь по Сырдарье в X-XII вв. играл важную роль в развитии торгово-экономических связей оазисов со степью (Дашти Кипчак). Степь снабжала земледельцев продуктами животноводства и сырьём для развития ремёсел, связанных с обработкой кож, ткачества и ковроделия. Степь являлась крупным потребителем сельскохозяйственной и ремесленной продукции - зерна и фруктов, защитного и наступательного оружия, конской упряжи и снаряжения, одежды, бытовых изделий и предметов роскоши. Так, Макдиси сообщает, что «Из Шаша вывозятся высокосортные шагреневые седла, колчаны для стрел и палатки. Кожи привозятся от тюрок и дубятся. И изары (плащи), молитвенные коврики, воротники и льняное семя, отличные

луки и плохого качества иглы. Хлопок, который вывозят к тюркам, и одежды, и шёлк, и ткани из него, и орешки и орехи» [1, 207-208].

Одним из хорошо известных свидетельств использования р.Сырдарья в качестве энергетически ценного элемента для транзита является эпизод борьбы правителя Худжанда Тимурмалика против монгольских отрядов. Как сообщают средневековые хроники (Джувайни и др.), Тимурмалик завершив оборону Худжанда, уплывает вместе со своими воинами на 12 каюках (большие лодки) вниз по Сырдарье с целью попасть в Хорезм и соединения с главными силами хорезмшаха. Весь маршрут от Худжанда до низовьев Сырдарьи монголы сопровождали лодки Тимурмалика и забрасывали их стрелами. В источниках указано, что Тимурмалик доплыл до города Дженда, где был вынужден высадиться на берег со своими воинами [9, 181-182].

В последующие века, как сама река, так и переправы на ней продолжают использоваться довольно интенсивно, о чём свидетельствуют письменные источники этого времени. Придворный хронист XV-XVI вв. Ибн Рузбехан, сопровождавший Мухаммада Шейбанихана в его походе против казахов в 1509 г., говоря о городе Сыгнаке употребил термин «бандар», означающий буквально порт-гавань [10, 117]. Таких городков-портов типа Сыгнак, по обе стороны Сырдарьи насчитывалось более трёх десятков и все они находились у реки [10, 74]. Речной путь служил для торговли не только с городами Южного Казахстана, но и с ханствами Сибири и Поволжья, куда купцы в обмен пушнины доставляли оружие и доспехи, металлическую посуду, ковры, ткани и одежду, обувь, чай, специи, сладости и т.д.

Ибн Рузбехан пишет: «Купцы владений в местности Дашти Кипчак, до пределов реки Адил (т.е. Волги)…, сделали город Сыгнак местом своих складов (в оригинале «бандари худ сохта») и привозят сюда торговые товары. Купцы областей Туркестана, Мавераннахра и с Востока до пределов Кашгара, Хотана привозят в Сыгнак товары этих стран и совершают с людьми Дашта торговые сделки и обмен» [10, 78]. Товары из земледельческих районов доставлялись населению степи не иначе как по воде, через городища Мунчактепа и Коштегирмон, куда товары поступали и складировались перед их сплавом вниз по реке. Ибн Рузбехан приводит и другой эпизод, связанный с Сырдарьёй: запасы продовольствия и одежды для 300-тысячной армии Шайбанихана чиновники его канцелярии собирались продать в восточных владениях Туркестана с тем, «чтобы нагрузить на арбы принудительно собранный хлеб и переправить его на судах через Сайхун» [10, 78].

Речной путь по Сырдарье интенсивно использовался вплоть до начала XX века, о чём немало сведений в архивных источниках. Торговля по реке становилась важным фактором развития приречных городов. Более того, в некоторых городах и приречных населённых пунктах (напр. Худжанд, Унджакет, Коштегирмон и др.) возникают кварталы, жители которых (лодочники и др.) специализировались на лодочном ремесле по переправе товаров и их транспортировке по Сырдарье. В Худжанде сформировался

особый квартал - махалла Кемачи («Паромщик»), расположенный на северной, прибрежной окраине города. Квартал Кемачи являлся местом расселения паромщиков, лодочников, лесосплавщиков (чӯбкашҳо) и др. специальностей, связанных с рекой. Согласно архивным материалам, в конце XIX в. среди жителей квартала Кемачи Худжанда были известные речники, плававшие до дельты Сырдарьи - купцы Носирбой, Азимбой, Ёкубджон ([17, 385]. К кварталу с северной прибрежной стороны прилегала речная пристань (бандар). Здесь же находились мастерские по ремонту и изготовлению лодок, плотов и паромов. Каждое лето в Худжанд приезжали купцы. Местные мастера строили для них на Сырдарье плоты и каюки, куда купцы погружали абрикосы, кишмиш, другие сухофрукты и отправляли до г. Казалинска, а оттуда переправляли в Оренбург для доставки на рынки центральной России и Сибири [15, №105]. Так, в 1907 г. из Худжанда речным путём было вывезено 159 тыс.пудов сухофруктов [12, 739]. В сам Худжанд из Намангана доставляли строевой лес, соль, пшеницу, бахчевые, руду, разные товары первой необходимости. Согласно архивным данным, в начале 70-х годов XIX в. из Намангана в Худжанд по реке было доставлено 20 тыс. круглого строевого леса для строящегося в Худжанде деревянного моста через Сырдарью [13,282].Известно, что администрация Туркестанского края организовала судоходство на Сырдарье: суда Аральской флотилии, в частности «Самарканд», осуществляли перевозки пассажиров, военного снаряжения и грузов.

Археологические находки, письменные источники и архивные материалы свидетельствуют о важной роли реки Сырдарья в жизни северо-восточной части Средней Азии. На протяжении тысячелетий река Сырдарья не только давала влагу и процветание расположенным по её берегам владениям, но и служила важной транспортной артерией, соединяющей находящиеся в верхнем и нижнем течениях областей. Сведения о водном пути и торговле по нему в письменных источниках встречаются крайне редко. Но даже по этим отрывочным сведениям можно считать, что Сырдарья сыграла важную роль в качестве культурно-коммуникационной системы, включая речные пристани, города вдоль реки, переправы и прибрежное население, втянутое в местную и международную торговлю.

Таким образом, уникальность Фергано-Сырдарьинского коридора Великого Шёлкового пути была в том, что здесь, наравне с сухопутным, функционировал и водный путь по Сырдарье. Этот путь не только соединял Фергану с городами нижней и средней Сырдарьи (Шымкент-Исфиджаб-Сайрам и др.), но и служил важным звеном в между более крупными системами сухопутных коммуникаций Степного и Оазисного путей Великого Шёлкового пути.



Рис.1. Искандар на переправе через Сырдарью. Миниатюра. Максуд ибн Осман-и Кухистани. «Таърихи Абулхайрхани» («История Абулхайрхана). Рукопись ИВ АН Узбекистана, 9989, л.66. 1540-е гг. Самарканд.




Рис.2. Чиназ. Пристань на берегу Сырдарьи. Почтовая карточка. 1904 г.



Рис. 3. Худжанд, конец XIX в. Плот на Сырдарье, гружённый товарами для отправки.



Рис.4. Худжанд. Берег Сырдарьи. Живописная Россия. Т.10. Русская Средняя Азия (Часть 2). - СПб, М., 1885.

## ЛИТЕРАТУРА

1.Агеева Е.А., Пацевич Г.И. Из истории оседлых поселений и городов Южного Казахстана//Труды Института истории, археологии и этнографии АН КазССР, -Т.5. -Алма-Ата, 1958.

2.Ал-Истахри. Книга путей и стран//Материалы по истории киргизов и Киргизии, -М. 1973.

3.Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана//Сочинения.Т.2, ч.1. -М., 1963.

4.Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена, -М.-Л., 1950.

5.Брыкина Г.А. Юго-Западная Фергана в первой половине 1 тыс. н.э. -М., 1982.

6.Буряков Ю.Ф. Историческая топография древних городов Ташкентского оазиса (Историко-археологический очерк Чача и Илака), -Ташкент, 1975.

7.Буряков Ю.Ф. Генезис и этапы развития городской культуры Ташкентского оазиса, -М., 1982.

8.Буряков Ю.Ф. Торговые пути и их роль в урбанизации бассейна Яксарта//На среднеазиатских трассах Великого Шелкового пути. Очерки истории и культуры. -Ташкент, 1990, -С.82-100.

9.Гайдукевич В.Ф. Работы Фархадской археологической экспедиции в Узбекистане в 1943-1944 гг//Краткие сообщения Института истории материальной культуры. -Вып.14. - М.-Л., 1947, -С.93-107.

10.Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. В 2-х томах. -Душанбе, 1989,- Т.2.

11.Ибн Рузбихан. Записки бухарского гостя, -М., 1976.

В Пенджикенте, в местечке Чубистан близ озера Аловиддин, которое в то время входило в состав паргарского Буттамана, найдена бронзовая статуэтка согдийского царя, сидящего на коне. Отдельные ее части отлиты самостоятельно и затем соединены между собой. Размеры статуэтки: высота 37 см, длина 24 см, вес 2,54 г. Изящно выполнено изображение коня, где подчеркнуты даже сплетенные волосы на гриве. Царь показан в образе высокого молодого мужчины с мощными предплечьями. У него на руках булава с шестью ребрами. Оба запястья украшают браслеты, на шее гривна. Зрачки глаз были обозначены драгоценными камнями (не сохранились). Корона на голове царя имеет вид трилистника, с двух его сторон к ней подвешены кольца. К верхней части короны прикреплена фигурка птицы, которая удерживает в клюве колечко. По обеим щекам мужчины до уровня скул спускаются сплетенные косички. Его уши украшали большие серьги с подвесками, инкрустированными лазуритом (одна из серег утеряна) [10, 86-88].

Бронзовая статуэтка из Калаи Нофин (бассейн реки Магиан в верховьях Зеравшана) изображает женщину, скрестившую руки на груди [13,106-107].

В одном из Пенджикентских храмов (объект II) обнаружены два экземпляра округлой формы тонкостенного серебряного медальона (один из них фрагментированный). Всю лицевую поверхность медальона занимает чеканный мужской портрет в профиль. Мужчина средних лет, без бороды и усов, с треугольным разрезом горловины одежды. Его голову венчает диадема, украшенная декоративной лентой с развевающими концами. Очевидно, это изображение какого-то вельможи, возможно правителя [8, 233-234].

Заметное место в согдийской торевтике занимает изображение реальных и мифических животных. Некоторые находки железных изделий из городища Каратепа на Нурпайе изображают фантастические существа (змеи с головой козла или барана). Эти предметы имеют длину 14 - 15 см и изготовлены из витой проволоки толщиной 1-1,2 см. Их изнаночная сторона сплюснута. Можно полагать, что они служили частьями конского снаряжения [7, 52-53].

В Согде, как и сопредельных странах, в виде фигуры животного, нередко фантастического, делали также опоры престола. Об этом известно по ряду источников: настенной живописи Варахши, Пенджикента, Бунджиката, эпосу

«Шахнаме» и др. В устройстве этого важного символа власти находил применение и художественный металл. Золотисто-розовый цвет ножек трона, изображенного на одной из пенджикентских росписей, указывает, что они отлиты из золота или бронзы. Эти ножки имеют вид крылатых баранов. Мощные рога, завернутые назад, содержат возрастные бугры. В росписи двух частных домов (помещения 2 и 13 объекта XXIV) изображена чета богов, сидящими на тронах с опорами в виде животных: для мужского бога это верблюд, для его супруги - горный баран. Кроме того, они держат в своих руках фигурки соответствующих животных [16,151].

Бирюзовый трон в виде фигуры барана упомянут в «Шахнаме»: его подарил Кайкавус богатырю Рустаму.

Выше отмечалось, что трон правителя Бухарского Согда - бухархудата опирался на фигуры крылатых верблюдов. Трон правителя Уструшаны изображал фигуру золотистого коня. В одном из росписей Калаи Кахкаха показана скамья, ножки которой напоминают фигуры собак [9, 420-422].

Опора трона, на которых сидит четырехрукая богиня Анахита, в росписи пенджикентского храма II показана в виде фигур крылатых львов, которые смотрят в разные стороны [16,149-150].

Из ряда памятников этого периода, в том числе Пенджикента, Сарводы (Айнинский район). Наукета (в долине Ферганы), происходят бронзовые бубенчики разного вида, которые возможно, служили подвесками на одежде или в конском снаряжении. Некоторые из них сферообразные, имеют колечки для подвешивания и один или два разреза. Для воспроизведения звука служил размещенный внутри бубенчика металлический шарик.

Другой вид бубенчиков получали соединением вместе двух миниатюрных бронзовых «рюмок». Для их соединения служили колечки, выступающие на уровне венчика. Если внутри такого предмета разместить металлический шарик, он превратиться в своеобразный бубенчик. Хотя нельзя также исключить возможность использования таких предметов в качестве амулетов. Поверхность некоторых» рюмочек» содержит растительный узор [1, 36-39; 2, 36-38].

Бронзовые и железные бубенчики из Сарводы вместе с ювелирными изделиями, зеркалами и другими предметами лежали в ящике, который был спрятан в пещере вместе с деревянным идолом. Если эта статуя действительно изображает бога Митры, тогда вещи в сундуке могли быть жертвенными предметами. В таком случае, для последователей учения зороастризма бубенчики имели культовое значение.

Бубенчик составляет основу узора в орнаментированных бляхах сердцевидной формы, которые найдены на указанных городищах, а также в Сукулуке (в Ферганской долине). Фигуру бубенчика обрамляет гибкая ветка или лоза с гроздьями винограда [19, 39-45].

Это означает, что в раннем средневековье согдийцы, как и жители Ферганы, верили в свойство бубенчиков отгонять злые духи.

Один из вариантов применения бубенцов показан в живописи зала № 8 объекта II. На одном из сохранившихся фрагментов сохранились фигуры четырех сидящих людей, один из которых - обнаженная женщина, возможно танцовщица. На ее груди перекрещиваются две перевязи, перекинутые через плечи. Одна из перевязей увешена большим числом расположившихся в один ряд бубенцов. Еще один бубенец, но уже большего размера, подвешен к ожерелью, которое украшает шею женщины. Среди пенджикентских находок такие, сферической формы, бубенцы встречаются часто [3, 91-92].

Таким образом, в материальной культуре Тохаристана и, особенно, Согда эпохи раннего средневековья художественный металл занимал важное место. Тематика декора этих предметов, в целом, соответствовал направлениям, свойственным оформлению произведений других областей изобразительного и декоративно-прикладного искусства.

## ЛИТЕРАТУРА

1.Байпаков К.М. Бубенцы, полубубенец и амулеты-«самоварчики» из коллекции средневекового города Невакет//К.М. Байпаков, Г.А. Терновая//Археология и история Центральной Азии. –Самарканд, 2004. -С. 36-39.

2.Беленицкий А.М. Археологические работы в Пенджикенте//Краткие сообщения Института истории материальной культуры России. –Вып. 55. –М.: Изд-во АН СССР, 1954. -С. 31-47.

3.Беленицкий А.М. Раскопки на городище древнего Пянджикента (в 1953 г.)// Краткие сообщения Института истории материальной культуры. –Вып. 60. –М.: Изд-во АН СССР, 1955. - С. 80-96.

4.Каландарова О.И. Золотая брошь с сердоликом из Ляхша II//Проблемы археологии и истории Таджикистана. К 80-летию со дня рождения академика АН РТ Ю. Я. Якубова. - Душанбе: Дониш, 2017. - С. 110-117.

5.Кисляков Н.А. Бурх-горный козел (Древний культ в Таджикистане)//Н. А. Кисляков//Советская этнография. -1934. -№ 1-2. -С. 181-189.

6.Курбанов Ш.Ф. Раскопки объекта XXVI в 2013 г.//Ш. Ф. Курбанов, П. Б. Лурье// Материалы Пенджикентской археологической экспедиции. -Вып. 17. -СПб., 2014. -С. 4-16.

7.Манылов Ю. П. Археологические исследования городища Каратепе на Нарпае/Ю. П. Манылов//История материальной культуры Узбекистана. –Вып. 21. –Ташкент: Фан, 1987. - С. 45-55.

8.Маршак Б. И. Раскопки городища древнего Пенджикента в 1986 г./Б.И. Маршак, А.М. Беленицкий, В.И. Распопова//Археологические работы в Таджикистане. –Вып. 26 (1986 г.). –Душанбе – Худжанд, 2005. –С. 224-270.

9.Негматов Н.Н. Находки скульптурных головок и других изделий из Исфаринской долины/Н.Н. Негматов, А.К. Мирбабаев//Археологические работы в Таджикистане. – Вып. 19 (1979 г.). –Душанбе: Дониш, 1986. –С. 413-431.

10.Раззоқов А. Бозёфти муҷассамаи шоҳи суғдӣ/А. Раззоқов//Муаррих. -№3-4(8), 2016. – Душанбе, 2016. -С. 86-88.

11.Ремпель Л. И. Фрагмент бронзовой статуи верблюда из Самарканда и крылатый верблюд Варахши (к вопросу о природе согдийского искусства)/Л.И. Ремпель//Средняя Азия в древности и средневековье (История и культура). -М.: Наука, 1977. -С. 95-102.

12.Соловьев В. С. Раскопки на поселении Ширкент в 1984 г./В.С. Соловьев// Археологические работы в Таджикистане. –Вып. 24 (1984). –Душанбе: Дониш, 1993. –С. 326-334.

13.Ставиский Б.Я. Работы Магианской группы в 1959 г./Б. Я. Ставиский// Археологические работы в Таджикистане. -Вып. 7. -Душанбе, 1961. -С. 106-107.

14.Тревер К.В. Золотая статуэтка из селения Хаит (Таджикистан) (к вопросу о Кушанском

пантеоне) /К.В. Тревер//Культура и искусство античного мира и Востока. Т. 2. - Л.-М.: Искусство, 1958. -С. 130-146.
15.Шишкин В.А. Варахша. Опыт исторического исследования/В.А. Шишкин. -М., 1963. -250 с.
16. В.Г. Шкода, Б.И. Маршак и живопись Пенджикента (Метод исследователя)/В.Г. Шкода//Согдийцы, их предшественники, современники и наследники. На основе материалов конференции «Согдийцы дома и на чужбине», посвященной памяти Б.И. Маршака. - СПб.: Изд-во Государственного Эрмитажа, 2013. –С. 147-158.
17.Якубов Ю. Археологические памятники древнего Рашта и Дарваза (работы 1982 г.) / Ю. Якубов//Археологические работы в Таджикистане. –Вып. 22 (1982). –Душанбе: Дониш, 1990. – С. 291-300.
18.Якубов Ю. Археологические памятники Ляхша (исследование 1978 г.)/Ю. Якубов //Археологические работы в Таджикистане. –Вып.18 (1978). –Душанбе: Дониш, 1984. -С. 178-193.
19.Якубов Ю. Религия древнего Согда//Ю. Якубов. -Душанбе: Дониш, 1996. -251 с.

## ХУДОЖЕСТВЕННАЯ ОБРАБОТКА МЕТАЛЛА В ТОХАРИСТАНЕ И СОГДЕ ЭПОХИ РАННЕГО СРЕДНЕВЕКОВЬЯ

Статья посвящена разработке вопроса об использовании металла в производстве художественных изделий в период накануне арабского завоевания Бактрии - Тохаристана и Согда. Отмечается, что металл занимал важное место как материал для изготовления изделий изобразительного и декоративно-прикладного искусства.

Приводятся систематизированные сведения об археологических находках предметов художественного металла в каждом из регионов. Описанию подлежат посуда, курильница, предметы украшения и гигиены, статуэтки людей, фугурки животных, бубенцы. География находок предметов торевтики, в частности согдийских, далеко выходит за пределы рассматриваемых территорий, что обусловлено в развитым состоянием культурно-торговых связей. На конкретных материалах автор дает собственную трактовку согдийского происхождения ряда изделий художественного металла, сохранившихся на территории Российской Федерации или хранящихся в российских музеях.

Выполненный художественный анализ этих изделий показывает, что тематика их декора, в целом, соответствовала тем направлениям, которые господствовали и в других областях изобразительного и декоративно-прикладного искусства.

На основе проанализированного материала автор подчеркивает развитое состояние художественного металла в Тохаристане и, особенно, Согде эпохи раннего средневековья.

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, таджики, материальная культура, ремесло, художественный металл, статуэтка, бубенец, роспись, гравировка.*

## КОРКАРДИ БАДЕИИ ФИЛИЗ ДАР ТАХОРИСТОН ВА СУҒДИ ДАВРАИ АСРҲОИ МИЁНАИ БАРМАҲАЛ

Мақола ба масъалаи истифодабарии филиз дар истеҳсоли маснуоти бадеӣ, дар арафаи аз ҷониби арабҳо истило шудани Бохтар - Тахористон ва Суғд бахшида шудааст. Зикр карда мешавад, ки он замон филиз ҳамчун мавод дар тайёркунии маҳсулоти санъати тасвирӣ ва ороиши амалӣ мақоми муҳимро ишғол мекард.

Оид ба бозёфтҳои бостоншиносии ашёҳои филизи бадеӣ дар ҳар кадом минтақа маълумоти муназзам оварда мешавад. Маводи тафсиргаштаро зарфҳо, миҷмар, зеварҳо, ашёҳои маишӣ, ҳайкалчаҳои одамону ҳайвонот ва зангӯлачаҳо ташкил мекунанд. Ҷуғрофияи бозёфти ашёҳои торевтикаи суғдӣ сарзамини хеле дур аз минтақаро низ фаро мегирад, ки сабаби он тараққиёти робитаҳои фарҳангӣ-тиҷоратӣ мебошад. Муаллиф оид ба суғдӣ будани як қатор ашёҳои филизи бадеӣ, ки дар сарзамини Федератсияи Россия ёфт шуданд ё дар осорхонаҳои ин

кишвар маҳфузанд, нуқтаи назари худро бо овардани мисолҳои мушаххас пешниҳод мекунад.

Таҳлили бадеии чунин маснуот нишон медиҳад, ки мавзуи ороиши онҳо, дар умум, ба самтҳое, ки дар дигар соҳаҳои санъати тасвирӣ ва ороиши амалӣ низ ҳукмрон буданд, мувофиқат мекунад.

Дар заминаи маводи таҳлилшуда муаллиф вазъи мутараққии филизи бадеӣ дар Тахористон ва махсусан дар Суғди давраи асрҳои миёнаи бармаҳалро таъкил мекунад.

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Марказӣ, тоҷикон, фарҳанги моддӣ, ҳунармандӣ, филизи бадеӣ, ҳайкалча, зангӯла, мусаввара, ҳаккокӣ.*


## ARTISTIC METALWORKING IN TOKHARISTAN AND SOGD OF THE EARLY MIDDLE AGES

The article is devoted to the development of the issue of the use of metal in the production of artistic products in the period before the Arab conquest of Bactria - Tokharistan and Sogd. It is noted that metal occupied an important place as a material for the manufacture of fine and decorative arts. Systematized information about archaeological finds of objects of artistic metal in each of the regions is given. Dishes, incense burners, jewelry and hygiene items, figurines of people and animals, bells are subject to description.

The geography of finds of objects of Toreutics, in particular Sogdian, goes far beyond the boundaries of the territories under consideration, which is due to the developed state of cultural and trade relations. Based on specific materials, the author gives his own interpretation of the Sogdian origin of a number of artistic metal products preserved on the territory of the Russian Federation or stored in Russian museums. The performed artistic analysis of these editions shows that the theme of their decor, in general, corresponded to those trends that prevailed in other areas of fine and decorative arts. Based on the analyzed material, the author emphasizes the developed state of artistic metal in Tokharistan and, especially, Sogd of the early Middle Ages.


***Key words:*** *Central Asia, Tajiks, material culture, craft, artistic metal, figurine, tambourine, painting, engraving.*


**Сведения об авторе:**

**Сохибназаров Мирзоназар Давлятович**-кандидат исторических наук, зав. кафедрой история костюма и искусство моды Технологического университета Таджикистана, тел. 927792043. E-mail: mirzonazar.1970@mail.ru

**Information about the author:**

**Sohibnazarov Mirzonazar Davlyatovich**-Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of Costume History and Fashion Art of the Technological University of Tajikistan, tel. 927792043. E-mail: mirzonazar.1970@mail.ru


**УДК 930.23**

# САҲМИ Б.И. МАРШАК ДАР ТАҲҚИҚ, ТАҶДИД ВА ТАҲЛИЛИ БАДЕИИ ДЕВОРНИГОРАҲОИ ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ


**КАРИМОВА Г. Б.,**

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**


Борис Илич Маршак 9 июли соли 1933 дар шаҳри Лугаи вилояти Ленинградӣ (ҳоло Санкт-Петербург) Федератсияи Россия дар оилаи нависандагон М. Илйин ва Е. Сегал ба дунё омадааст. Ӯ набераи нависандаи маъруф Самуил Яковлевич Маршак мебошад. Давраи кӯдакии ӯ дар ватани

хурдаш гузашт, сипас оилаашон ба Осиёи Миёна муҳоҷират намуд. Баъди хатми мактаби миёна ба шуъбаи таърихи Донишгоҳи давлатии Маскав дохил шуда, онро соли 1956 хатм намуд. Соли 1954 ӯро ба сифати донишҷӯйи таҷрибаомӯз барои ҳафриёти шаҳркадаи Панҷа-кенти қадим равон карданд. Баъд аз ин ҳамасола Б.И. Маршак дар ҳайати Экспедитсияи бостоншиносии Панҷакент иштирок мекард. Танҳо соли 1956 истисно буд, чунки дастпарвари донишгоҳи номбурда, дар ҳозиршавиҳои ҳарбӣ ширкат дошт.

Баъд аз гирифтани диплом дар бораи маълумоти олӣ Б.И. Маршакро ба Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон ба кор қабул карданд. Тайи солҳои 1958-1961 дар аспирантураи Эрмитажи давлатӣ таҳсил кард ва баъди хатми таҳсил дар шуъбаи Шарқи ин осорхонаи маъруф ба ҳайси сарходими илмӣ ба кор қабул карда шуд. Аз соли 1978 ӯро роҳбари шуъбаи Осиёи Миёна ва Қафқози Эрмитажи давлатӣ таъйин намуданд.

Соли 1959 нахустин мақолаҳои ӯ дар Тоҷикистон рӯйи чопро диданд, соли 1965 бошад аввалин мақолааш дар заминаи деворнигораҳои ин шаҳркада нашр гардид [6]. Оғоз аз соли 1977 ӯ муаллифи ҳатмии маҷаллаи «Таҳқиқотҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон» гардида, ҳамроҳи А.М. Беленитский, В.И. Распопова ва В.Г. Шкода дар бораи ҳафриёти ёдгории дар сатҳи ҷаҳон маъруфгардида-Панҷакенти қадим ҳисоботи ҳарсола ба нашр мерасонид [1, 559].

Б.И. Маршак аз соли 1978 вазифаи сарвари Экспедитсияи бостоншиносии Панҷакентро ба зимма дошт. Дар муқоиса бо дигар олимони маъруф, ки қаблан фаъолияти ин экспедитсияро роҳбарӣ мекарданд ва аслан шарқшинос буданд (А.Ю. Якубовский, М.М. Дяконов, А.М. Беленитский), Б.И. Маршак бостоншиноси касбӣ буд. Ӯ раванди ташкили ҳафриёти Панҷакенти қадимро ба чаҳорчӯбаи илмӣ-ҳирфагӣ даровард ва бо назардошти ин заҳматҳояш ҳамчун муаллифи методикаи ҳафриёти ин шаҳри давраи асрҳои миёнаи бармаҳал пазируфта шуд [7, 25-26].

Аз нигоҳи ҷуғрофӣ таҳқиқоти ӯ сарзамини фарохро аз Рум то Чин дарбар мегиранд, хронологияи тадқиқот аз давраи антиқа сар карда то замони муғулҳоро фаро мегирад. Дар солҳои охири ҳаёт ӯ ба мавзуи «Суғдиёни берун аз Ватан» рӯ овард, ки онро дар заминаи мақбараҳои суғдии ҳудуди Чин ба роҳ монда буд.

Дар монографияи ӯ таҳти унвони «Достонҳо, афсонаҳо ва масалҳо дар санъати Суғдиён», ки соли 2002 дар Ню-Йорк ба забони англисӣ нашр гардид, саҳнаҳои адабии қадимӣ ва асримиёнагии сайёр дар деворнигораҳои Панҷакент таҳлил карда шудаанд [12].

Мавзуъҳои асотирӣ ва достонӣ, ки дар деворнигораҳои панҷакентӣ таҷассум ёфтанд, аз ҷониби ӯ хеле чуқур омӯхта таҳлил гардидаанд. Тафсирҳои ӯ вобаста ба сужаҳои алоҳида комилан нав буданд. Ӯ метавонист дар такя ба пораи хурди мусаввара мавзуи асари яклухтро пеши назар оварад ва соатҳо мафтунона оид ба ин саҳна андеша ронад [2, 251].

Асарҳои зиёди худро Б.И. Маршак дар ҳаммуаллифӣ бо устодаш А.М. Беленитский, ҳамсараш В.И. Распопова ва дигар ҳамкорону шогирдон таълиф намудааст. Ҳамзамон дар ин асарҳо возеҳ мушоҳида карда мешавад, ки ин муҳаққиқ донишманди барҷастаи мавзуъҳо ва вижагии услуби санъати тасвирии суғдӣ буд. Мавзуъҳои деворнигораҳои Панҷакенти бостониро ӯ асоснок ва бофазилат тафсир менамуд. Б.И. Маршак қобилияти хуби рассомӣ низ дошт ва чандин пораҳои мусавварaи девориро шахсан нусхабардорӣ карда, дар таҷдиди мавзуи ин асарҳо саҳми муносиби худро гузоштааст [7, 25-26].

Б.И. Маршак вобаста ба таърихи фарҳанг ва санъати Шарқ дониши хуб дошт, вале худро ҳаргиз шарқшинос намешуморид, ҳарчанд метавонист. Мехост, ки ӯро ба сифати мутахассиси бостоншинос қабул кунанд ва ҳамчун бостоншиноси ҳақиқӣ фаъолият мекард – шахсан ҳафриёт мебурду мекофт, расм мекашид, таҳқиқ мекард. Чунин мешуморид, ки дар боғи ҳайвонот мушоҳида кардани рафтор ва тарзи исти ҳайвонҳо мусоидат мекунад, ки моҳияти тасвирҳои қадими зооморфӣ дуруст дарк карда шаванд.

Б.И. Маршак дар самти таҷдиди деворнигораҳо фаъолияти пурсамар кардааст. Масалан, асоснoктарин варианти таҷдиди ҳамбастагии дар девори ғарбии манзили 3-юми хонаи шахсии объекти XXVI тасвиршуда (бо иштироки мутрибони таблнавоз, раққосони пӯсти буз пӯшида ва дигар қаҳрамонон) маҳз аз ҷониби ӯ пешниҳод шудааст. Дар натиҷаи муҳокимаи якчанд вариантҳо ӯ хулоса баровард, ки аз байни онҳо танҳо ду вариант қобили қабул буда метавонад. Сипас, якеи онро Б.И. Маршак ҳамчун варианти ниҳоӣ қабул карда, онро хеле нуктасанҷона ва дар ҷузъиёт эзоҳ дод. Ӯ баён намуд, ки деворнигораи мазкур ба мавзуи яке аз идҳо, аниқтараш, иди тақвимӣ бахшида шуда, мазмуни саҳнаҳои алоҳидаи он бо тасаввуроти зардуштӣ ва маросимҳои динӣ алоқаманд мебошад [11, 154-155].

Б.И. Маршак дар заминаи осори Панҷакенти қадим ба мавзуи ҷаҳонбинии ҷомеаи суғдӣ рӯ меорад, мекӯшад, то дар мисолҳои мушахас фарқияти онро аз фарҳанг ва равияҳои динии кишварҳои ҳамсоя муайян намояд. Ин тадқиқоти ӯ мавзӯи мақолаи «Санъати Суғд»-ро ташкил кард, ки соли 1987 ба тасвиб расид. Муҳаққиқ ҳамчун олими санъатшинос баромад намуда, кулли деворнигораҳои панҷакентиро ба се сатҳ (мартаба) тақсим мекунад. Санъати Суғд, ки арзу тӯли ин кишварро аз замони қадим роҳҳои тиҷоратии байналмилалӣ бурида мегузаранд, ба таъсири фарҳангии гуногун дучор гардида, дар он падидаҳои санъати эронӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва ғайра ба мушоҳида мерасанд.

Яке аз вижагиҳои санъати суғд аз он иборат аст, ки оилаҳо ё қавмҳои алоҳида худои ҳомии худро доштанд ва маҳз ӯро парастиш мекарданд. Онҳо дар мусавварaҳо симои худои ҳомиро бо миқёси калон тасвир карда, ба парастиши ин муқаддасоти оилавиашон садоқати бепоён зоҳир мекарданд. Тасвири худоҳо сатҳи якуми мусавварaи суғдиро ташкил мекунад. Мавҷудият ва сершумории парастишҳои хусусӣ дар бораи вуҷуд надоштани дини давлатӣ дарак медиҳад. Ин падида бархилофи фарҳанги Сосониён мебошад, чунки дар ҷомеаи сосонӣ дини зардуштӣ ҳукмронӣ мекард ва қоидаю муқаррароти ин

динро ба ҳукми қонун даровvarда буданд. Аз назари коҳинони давлати Сосониён суғдиён мебоист аҳли бидъат (ба мисли кофирҳо) ба шумор раванд.

Аз нигоҳи Б.И. Маршак, сатҳи дуюми деворнигораҳои Панҷакенти қадим тасвирҳое мебошанд, ки лаҳзаҳо аз достонҳои қаҳрамонӣ, саҳнаҳои зиёфат ва шикорро нишон медиҳанд ва тарзи ҳаёти наҷибонаро тарғиб мекунанд. Вале қаҳрамонҳои мазкур на танҳо ҳокимон ва ашрофон мебошанд. Онҳо бештар намояндагони омма мебошанд. Либоси шоҳ ва наздикони ӯ аз либоси аҳли ҷомеа қариб фарқ намекунад. Ва дар ин падида боз ҳам фарқияти қатъии санъати суғдӣ ва сосонӣ ба мушоҳида мерасад.

Қаҳрамони мусавварaи Сосониён шоҳаншоҳ мебошад, ки ӯро ба сатҳи худо баровардаанд. Мавзуи мусавварaи сосонӣ ба осонӣ дарк карда мешавад. Шоҳаншоҳ новобаста аз хусусияти набард (бо аскарони аҷнабӣ, дарандаҳо ҳайвонҳои тахаюлӣ) ҳатман ғолиб мебарояд. Аммо натиҷаи набард дар деворнигораи суғдӣ номуайян аст. Мусаввара мавзуи достонро қадам ба қадам мекушояд, аз ин рӯ, онро бомулоҳиза хондан мебояд. Қаҳрамон метавонад зафар ёбад, вале аз ҳаёт маҳрум шуданаш ҳам истисно нест. Б.И. Маршак қайд кардааст, ки ҳарчанд баъзе мусавварaҳои Шаҳристон аз назари шавқангезӣ ва гуногунии амалҳо, инчунин мумтозии рассом нисбат ба намунаҳои панҷакентӣ болотар меистанд, вале дар онҳо ҷӯшу хурӯши қаҳрамонӣ пасттар ифода шудааст.

Сатҳи сеюми деворнигораҳои Панҷакент, менависад Б.И. Маршак, танҳо хоси ҳамин шаҳркада мебошад. Сухан дар бораи аркаҳо ва лавҳаҳое меравад, ки ҳошияҳои нақшинро иваз карда, мавзуи масалу афсонаҳоро таҷассум мекунанд, даводави ҳайвонҳо, мутрибон ва раққосонро тасвир мекунанд.

Аз рӯйи чунин мушоҳидаҳо муҳаққиқ хулоса мебарорад, ки мусавварaҳои сатҳи якум одамро меомӯзад, ки ба кадом тариқ мақбулу писанди худояш шавад, деворнигораҳои сатҳи дуюм ӯро ба олиҳимматӣ ва ҷавонмардӣ даъват мекунанд ва ниҳоят, мусавварaҳои сатҳи сеюм хурсандибахш буда меомӯзанд, ки чӣ тавр дар ҳаёти ҳамарӯза кас муваффақ бошад [4, 233-248].

Б.И. Маршак масъалаи барои ҷаҳониён муаррифӣ намудани санъати Суғдро вазифаи хеле муҳим мешуморид. Тавассути лексияҳои дар Россия, Англия, Олмон, Испания, Италия, Фаронса, Маҷористон, Швейтсария, Қувайт, Чин ва ИМА доиркардааш ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар маводи бозёфтҳои панҷакентӣ дастовардҳои фарҳанги қадими Тоҷикистонро тарғиб намуда оммавӣ гардонад. Дар раванди ташкили намоишҳои «Осори қадими Тоҷикистон», ки дар Эрмитажи давлатӣ баргузор карда мешуданд, Б.И. Маршак ба сифати яке аз муаллифҳои доимӣ баромад мекард [2, 251-252].

Б.И. Маршак зиёда аз 200 асари илмӣ, аз ҷумла, якчанд монография, интишор кардааст. Якчанд мақолаҳои илмии ӯ бевосита ба деворнигораҳои Панҷакент бахшида шудаанд [4, 5,6].

Заҳматҳои олим бо орденҳои «Дӯстӣ» (1999) ва «Нишони Фахрӣ» (соли 2004) қадр карда шудаанд. Ӯро узви ифтихории Пажӯҳишгоҳи бостоншиносии Амрико, Ҷамъияти Шоҳонаи Осиёии Шоҳигарии Муттаҳид (Британияи Кабир),

узви вобастаи Пажӯҳишгоҳи италиёии Африқо ва Шарқ, узви хориҷии Академияи катибаҳо ва забоншиносии латифи Фаронса интихоб кардаанд. Профессори донишгоҳҳои Вена, Рим, Пенсилвания, Йел (ИМА). Ба унвони фахрии «Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ сарфароз гардидааст. Барандаи ҷоизаҳои академик Р. Гиршмани Академияи илмҳои Фаронса, Пажӯҳишгоҳи Смитсон (ИМА) ва Фирдавсии (Лондон, 2003) низ маҳсуб меёбад.

Б.И. Маршак 28 июли соли 2006 дар шаҳри Панҷакент аз дунё чашм пӯшид. Рамзист, ки оромгоҳи ӯ дар шаҳре ҷойгир аст, ки ба омӯзиши таърихи он 50 сол, яъне тамоми умри эҷодии худро, бахшидааст. Ҳамсари олим, муаррихи бостоншинос В.И. Распопова қайд кардааст, ки ҷасади ӯро дар назди девори истеҳкоми шаҳркадаи Панҷакенти қадим ба хок супориданд. Ҳарчанд Б.И. Маршак мехост, ки ҷасади ӯро ба оташ диҳанду хокистарашро ба дарёи Нева пошанд. Аммо, ин тавр нашуд.

Дар Эрмитажи давлатӣ истеъдоди илмии Б.И. Маршак ва заҳматҳои ӯро дар таҳқиқи нигораҳои ин осорхона, ки марбут ба таърихи Суғд мебошанд, қадр мекарданд. Соли 2008, яъне баъди 2 соли вафоти олим, маъмурияти Эрмитаж бахшида ба хотираи ӯ таҳти унвони «Суғдиён дар ватан ва диёри бегона» конфронси илмӣ баргузор намуд. Соли 2013 аз рӯйи маводи конфронси мазкур монографияи дастаҷамъӣ бо номи «Суғдиён, пешгузаштагон, ҳамзамонон ва меросбарони онҳо» рӯйи чопро дид. Дар сарсухани ин китоб Б.И. Маршак ҳамчун «яке аз мутахассисони барҷаста дар соҳаи фарҳанги Суғдиён ва дар умум, тамоми Осиёи Миёна» муаррифӣ карда шудааст [10].

Баррасии ҳаёти илмии Б.И. Маршак ҷудо аз фаъолияти ҳамсари меҳрубонаш В.И. Распопова аз рӯйи адолат нест. Онҳо дар давоми солҳои дароз дар ҳафриёти Панҷакенти қадим ҳамроҳ иштирок кардаанд ва дар омода намудани ҳисоботи ҷории экспедитсияҳои бостоншиносӣ саҳм мегирифтанд. Ғайр аз ин, бо ҳам чандин мақола ба чоп расониданд, ки баъзеашон ба таҳлилу тафсири мусавварахои монументалӣ бахшида шудаанд. «Тасвири суғдии Бобои Деҳқон» [5] ва «Ҷанг аз назари рассомони суғдӣ» [3] аз ҷумлаи ҳамин гуна асарҳо мебошанд.

Ҳамзамон В.И. Распопова тариқи махсус сохти истиқоматгоҳҳо, шаклу намудҳои маснуоти филизӣ, шишагӣ ва дигар масоили марбут ба фарҳанги моддии ҷомеаи суғдии ҳамон давраро омӯхтааст. Ду мақолаи дар алоҳидагӣ таҳиякардаи ин муҳаққиқ ба омӯзиши ёдгориҳои мусаввирии шаҳркадаи мазкур асос ёфта, дар заминаи ин асарҳо намуд ва таркиби камарбандҳо [9], инчунин сохти зинҳои асп [8] таҳқиқ карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, Борис Илич Маршак то охири умри бобаракати худ дар Панҷакенти бостонӣ таҳқиқот бурда, методикаи муназзами ҳафриёти ин шаҳркадаро таҳия кард ва дар заминаи осори ин ёдгории таърихӣ мактаби бадеии Суғдро берун аз Тоҷикистон дар сатҳи баланд тарғиб намуд. Ба шарофати донишу заковатмандии ӯ дар раванди омӯзиши ҷаҳонбинии ҷомеаи суғдӣ ва тафсири мавзуи деворнигораҳо қадами ҷиддӣ ба пеш гузошта шуд.

## АДАБИЁТ

1.Беленицкий А.М. Новые раскопки в Пенджикенте/А.М. Беленицкий, Б.И. Маршак, В.И. Распопова, А.И. Исаков//Археологические открытия 1976 г. –М., 1977. -С. 559.
2.Каримова Г. Р. Борис Ильич Маршак//Археологические работы в Таджикистане. – Вып. 31. – Душанбе, 2007. – С. 248-257.
3.Маршак Б.И. Война глазами согдийских художников / Б.И. Маршак, В.И. Распопова //Военная археология. Оружие и военное дело в исторической и социальной перспективе. - СПб., 1998. -С. 278-281.
4.Маршак Б.И. Искусство Согда/Б.И. Маршак//Центральная Азия: новые памятники письменности и искусства. -М., 1987. -С. 233-248.
5.Маршак Б. И. Согдийское изображение Деда-Земледельца/Б.И. Маршак, В.И. Распопова//Вопросы древней истории Южной Сибири. -Абакан, 1985. -С. 108-116.
6.Маршак Б.И. Язык пенджикентской живописи /Б.И. Маршак//Тезисы докладов сессии, посвященной истории живописи стран Азии. –Л., 1965.
7.Начальнику Пенджикентской экспедиции Б.И. Маршаку – семьдесят лет//АРТ. – Вып. 29. – Душанбе, 2004. –С. 25-26.
8.Распопова В.И. Вьючное седло в живописи Пенджикента VIII в/В. И. Распопова// ЗИИМК. -СПб.: ИИМК, 2015. -№11. -С. 125-138.
9.Распопова В.И. Поясной набор Согда VII-VIII вв/В.И. Распопова//СА. -1965. -№ 4. -С. 79-91.
10.Согдийцы, их предшественники, современники и наследники. На основе материалов конференции «Согдийцы дома и на чужбине», посвященной памяти Б. И. Маршака. - СПб.: Изд-во Государственного Эрмитажа, 2013. – 504 с.
11.Шкода В.Г. Б.И. Маршак и живопись Пенджикента (Метод исследователя) / В. Г. Шкода//Согдийцы, их предшественники, современники и наследники. На основе материалов конференции «Согдийцы дома и на чужбине», посвященной памяти Б. И. Маршака. - СПб.: Изд-во Государственного Эрмитажа, 2013. – С. 147-158.
12.Marshak B. I. Legends, Tales, and Fables in the Art of Sogdiana. -New York. 2012.

## САҲМИ Б.И. МАРШАК ДАР ОМӮЗИШИ ДЕВОРНИГОРАҲОИ ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ

Мақолаи мазкур ба фаъолияти илмии бостоншиноси барҷастае бахшида шудааст, ки тамоми умри бобаракати худро ба омӯзиши шаҳркадаи Панҷакенти қадим бахшидааст. Б.И. Маршак солҳои зиёд сарварии Экспедитсия бостоншиносии Панҷакентро сарварӣ карда, барои таъмини ҳафриёти муназзами ин шаҳркада методикаи хоси бостоншиносиро таҳия кард. Ҳамзамон дар заминаи осори ин ёдгории таърихӣ мактаби бадеии Суғдро барои ҷаҳониён тарғиб мекард.

Ӯ махсусан дар самти омӯзиш ва тафсири ёдгориҳои бадеӣ, аз ҷумла, мусавварaҳои деворӣ, хизмати шоиста кардааст. Дар самти тафсири деворнигораҳо тобонтарин паҳлӯи фаъолияти Б.И. Маршакро омӯзиши мавзуъ, таҳқиқи муқаддаснигорӣ, таҷдид ва ошкоркунии рамз ташкил карданд. Ба шарофати донишу заковатмандии ӯ дар раванди омӯзиши дин ва ҷаҳонбинии ҷомеаи суғдӣ қадами ҷиддӣ ба пеш гузошта шуд. Муаллиф хулоса мекунад, ки олими номбурда дар таҳқиқ, таҳлил ва тарғиби дастовардҳои барҷастаи санъати тасвирии Панҷакенти қадим хизматҳои бузург кардааст.

***Калидвожаҳо:*** *асрҳои миёнаи бармаҳал, бостоншиносӣ, Тоҷикистон, ёдгории таърихӣ, Панҷакенти қадим, ҳафриёт, санъати тасвирӣ, мусавварaи деворӣ, таҷдид, тафсири асар.*

## ВКЛАД Б. И. МАРШАКА В ИЗУЧЕНИЕ НАСТЕННЫХ РОСПИСЕЙ ДРЕВНЕГО ПЕНДЖИКЕНТА

Данная статья посвящена научной деятельности выдающегося археолога, который всю свою плодотворную жизнь посвятил изучению городища древнего Пенджикента. Б. И. Маршак в течение многих лет руководил Пенджикентской археологической экспедицией и с целью обеспечения системности раскопок разработал собственную методику археологического изучения этого памятника. Одновременно на основе пенджикентских артефактов он активно популяризировал художественную школу раннесредневекового Согда.

Особенно значителен его вклад в изучение и интерпретацию художественных памятников, в том числе настенных росписей. В вопросе толкования смысла росписей наиболее яркой сторона деятельности Б.И. Маршака проявилась в изучении сюжетов, исследовании иконографии, реконструкции произведений и выявлении в них символики. Благодаря его глубоким знаниям и одаренности был сделан значительный шаг в деле изучения религии и мировоззрения согдийского общества. Автор приходит к выводу, что указанный ученый внес большой вклад в исследование, анализ и популяризацию выдающихся достижений изобразительного искусства древнего Пенджикента.

***Ключевые слова:*** *раннее средневековье, археология, Таджикистан, исторический памятник, древний Пенджикент, раскопки, изобразительное искусство, настенная роспись, реконструкция сюжета, интерпретация произведения.*

## B.I. MARSHAK'S CONTRIBUTION TO THE STUDY OF WALL PAINTINGS IN ANCIENT PENJIKENT

This article is devoted to the scientific activity of an outstanding archaeologist who devoted his entire fruitful life to the study of the ancient settlement of Penjikent. B.I. Marshak led the Penjikent archaeological expedition for many years and in order to ensure systematic excavations developed his own methodology for the archaeological study of this monument. At the same time, on the basis of the Penjikent artifacts, he actively popularized the art school of the early medieval Sogd. His contribution to the study and interpretation of artistic monuments, including wall paintings, is particularly significant. In the matter of interpreting the meaning of murals, the most striking aspect of B. I. Marshak's activity manifested itself in the study of plots, the study of iconography, the reconstruction of works and the identification of symbolism in them. Thanks to his deep knowledge and talent, a significant step was taken in the study of religion and the worldview of Sogdian society. The author comes to the conclusion that this scientist has made a great contribution to the study, analysis and popularization of outstanding achievements of the fine arts of ancient Penjikent.

***Key words:*** *archeology, historical monument, interpretation of the work, early middle ages, research article.*

**Сведения об авторе:**

**Каримова Ганджина Бахтиёровна**-соискатель Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша НАНТ. Тел. 918 81 72 50, 2217260. E-mail: gancinkarimova@gmail.com

**Information about the author:**

**Karimova Ganjina Bakhtierovna -** candidate of the A. Donish Institute of history, archeology and Ethnography of the NANT. Tel. 918817250, 2217260. E-mail: gancinkarimova@gmail.com

УДК 9 (575.3) (092)

# НАМОИШГОҲ ҲАМЧУН ШАКЛИ МУАРРИФИИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ВА АСАРҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ

**ЮСУПОВА Ш. А.,**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Намоиши бадеӣ аз ҷолибтарин падидаҳои фарҳанги муосир мебошад. Намоиши бадеӣ маҷмуи дуруст ташкилшудаи унсурҳои ғоявӣ, маънавӣ, эстетикӣ ва моддӣ буда, дар қаламрави худ чандин зуҳуроти мубрами санъат ва фарҳангро сарҷамъ мекунад ва дар ташаккулёбӣ ва рушди арзишҳои умумибашарии ҷамъиятӣ иштирок мекунад. Ба сифати воситаи ифоданоки асосӣ аз объектҳои муаррифишаванда ҳамчун тарзи аз ҳама самараноки интиқоли иттилоот истифода намуда, намоиш ба спектри хеле васеъи мафҳумҳо ва эҳсосот дар соҳаҳои гуногуни соҳаи башардӯстонаи дониш мурочиат мекунад.

Падидаҳои нахустини фаъолияти намоишӣ дар фаҳмиши муосири он ҳанӯз дар давраи қадим зуҳур кардаанд. Ин амал барои барои расидан ба натиҷаи зарурӣ ин ё он шакли намоиши аёнии арзишҳои асосии ҷамъиятӣ - ғояҳои давлатӣ ва динӣ ба ғайр аз ин, муносибатҳои тиҷоратӣ роҳандозӣ карда мешуд. Бо ин мақсад объектҳои санъат ҷалб карда мешаванд ва барои ин принсипҳои мубрамкунии онҳо ташаккул меёбанд.

Намоиши бадеӣ таърихи қадими мавҷудият ва рушд дорад. Ин таърих аз коллексияҳое оғоз меёбад, ки ба шахсони соҳиби ҳокимияти дунявӣ ё маънавӣ буданд ва ё маблағҳои пулии зиёд доштанд.

Дар Россия осорхонаҳо дар охирҳои асри XIX–ибтидои асри XX пайдо шуданд (Галереяи Третяков ва Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ дар Москва, Эрмитажи давлатӣ, Осорхонаи давлатии Россия ва Осорхонаи антропология ва мардумшиносии ба номи Пётри Кабир дар Санкт-Петербург). Дар Тоҷикистон нахустин осорхонаҳо дар нимаи аввали асри XX ба фаъолият пардохтанд.

Объектҳои санъат, ки коллексияҳои осорхонаҳои мазкурро ташкил мекунанд, сифатҳои эстетикии худро бо ёрии хориқаи намоиш мубрам менамоянд, ки он дар назди тамошобин дар намуди фазои махсуси бадеӣ зуҳур мекунад. Намоиш мутобиқи ташкилоти дохилии ба худ хос, ки ба таъсири муҳити меъмории осорхона, объектҳои намоишӣ, барандаҳои онҳо ва ғояи консептуалӣ тобеъ ҳастанд, вуҷуд дорад.

Дар муддати мавҷудияташ намоиши бадеӣ шаклҳои муаррификуниро ба таври назаррас дигар кард ва васеъ намуд. Ҳанӯз чанде пеш сифати намоишҳои осорхонавӣ ба воситаи мувофиқаташон ба накшаҳои илмии анъанавӣ муайян

карда мешуд.Ин нақшаҳо ба ашёҳо ва коллексияҳои осорхонавӣ нигаронида шуда буданд. Ҳоло бошад, осорхона навгонӣ ва асолати шарҳи маҷмааро ҳамчун нишонаи арзишӣ мешуморад. Намоишҳои, ки ташкил карда мешаванд, ҳам натиҷаи омӯзиши илмӣ мебошанд ва ҳам натиҷаи ҷустуҷӯи эҷодии фардӣ [4, 139].

Нақши намоиш бадеӣ дар рӯзҳои мо аз сабаби пайдоиши чунин самти башардӯстӣ чун «тамаддуни фароғат» ба таври назаррас меафзояд. Ба ин самт дар консепсияҳои ҷамъияти баъдисаноатӣ нақши махсус дода мешавад. Фароғатро ҳамчун фазои рушд ва худтатбиқнамоии эҷодии шахсият ба қалам додаанд. Бо назардошти ин вазъият, мо метавонем бо итминони комил тарҳрезии намоиширо ҳамчун яке аз муҳимтарин ташкилдиҳандаҳои фазои иҷтимоии баъдисаноатӣ қабул намоем. Ва ба сифати яке низомҳои робитавии муассиртарини ин фазо намоиши осорхонавӣ баромад мекунад [7].

Намоишҳои осорхонавӣ барои муаррифии таъриху фарҳанги Тоҷикистон ва дар умум, миллати тоҷик аҳаммияти хеле калон доранд. Тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин мардумон мебошанд ва таърихи бойи онҳо ҳодисаҳои фаровони диққатҷалбкунандаро дарбар мегирад. Дар давоми ҳазорсолаҳои сипаришуда ин миллат дар фазои фарҳангии динҳои гуногун вуҷуд дошт ва дорад: парастишҳои протозардуштӣ, зардуштӣ, буддоӣ, эллинистӣ, исломӣ. Дар ин бобат осори бостоншиносии сершумор, ки дар маъхазҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон маҳфузанд ва ба намоиш гузошта мешаванд.

Муассиси Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад. Ин осорхона аз соли 2001 инҷониб фаъолият менамояд. Ҳарчанд таърихи он ҳамагӣ 20 солро ташкил мекунад, маводи намоишии осорхона аз ҷониби бостоншиносон дар давоми 60 сол ҷамъоварӣ карда шудааст.

Осорхона иморати дуошёнаро мемонад, ки дар маркази шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст. Хазинаи он асосан аз ҳисоби экспедитсияҳои ҳамасолаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва ҳафриёти муштараки байналмилалӣ бо иштироки олимони Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои хориҷӣ ғанӣ мешавад.

Маҷмуи ашёҳои намоишӣ зиёда аз 5000 номгӯйро дарбар мегиранд: маҳсулоти сафолӣ, осори коркарди бадеии санг, устухон, шиша, фулузот, ҳайкалҳои сангию ҳайкалчаҳои терракота, зеварҳо, асарҳои санъати тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ. Маводи бостоншиносии қиматбаҳо аз қабили сиккаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва ҳоказо дар гӯшаи «Хазинаи ашёҳои нодир» нигаҳдорӣ карда мешавад.

Бозёфтҳо ба давраҳои гуногуни таърихӣ муносибат доранд, сар карда аз замони қадимтарин то асрҳои миёна. Қадимтарини онҳо (аз Кулдара) қариб 1 млн сол дорад.

Дар бораи давраҳои энеолит-асри биринҷӣ маводи шаҳркадаи Саразм

маълумот медиҳад. Ин ёдгории панҷакентӣ ба Феҳристи «Мероси умумиҷаҳонӣ»-и ЮНЕСКО ворид карда шудааст. Дар Саразм сафолпораҳои мунаққаш, ҳайкалчаҳои терракота, зарфҳо ва асбобҳои сангӣ, муҳраю шаба, овеза ва дигар ашёҳо боқӣ мондаанд, ки аз мармар, стеатит, лоҷувард, ақиқ, фирӯза санги сулаймонӣ, шишаи вулқонӣ тайёр шудаанд. Филизи бадеии Саразм ашёҳои тиллоӣ, нуқрагӣ, қӯрғошимӣ, биринҷӣ ва мисиро дарбар гирифта, ин ашёҳо таъиноти гуногун доранд. Дар байни онҳо шаббаҳо ва муҳраҳои тиллоӣ, косагули нигинаш фирӯзагӣ, дастмонаҳои тасмаашон васеъ ҷолибанд. Дар Саразм осори моддии ҳунарҳои ресандагӣ, бофандагӣ,ҷуроббофӣ, намадмолӣ, рангдиҳии ресмон ва матоъ низ ошкор гардидааст [3, 124-125].

Замони эллинистии сарзамини моро маводи нодири бостоншиносӣ аз маъбади Вахши шаҳркадаи Тахти Сангин (ноҳияи Қубодиён) муаррифӣ мекунад. Дар байни ин мавод қисми болои ҳайкалчаи Искандари Мақдунӣ, ғилофи ороишаш зооморфӣ барои ханҷар, лавҳачаҳо бо тасвири саҳнаи шикор ва дигар ашёҳои санъати бадеӣ мавҷуданд. Як қисми ин осор аз устухон бо маҳорати воло иҷро карда шудааст. Баъзе асарҳои санъати тасвирӣ хусусияти динӣ ва асотирӣ доранд. Мутахассисон ин бозёфтҳоро намунаҳои шоҳкориҳои ҷаҳонӣ мешуморанд. Боиси тазаккур аст, ки маводи маъбади Вахш дар омезиши ду фарҳанг – юнонӣ ва маҳаллӣ эҷод карда шудааст [9].

Дар осорхона намунаҳо аз мусавварахои девории шаҳркадаи Панҷакенти Қадим ба намоиш гузошта шуда, ба ин тариқа санъати тасвирии Суғди асрҳои миёнаи бармаҳал (V-VIII) ба ганҷинаи тиллоии тамаддуни ҷаҳонӣ ворид карда шудаанд. Нафистарин тасвири ин маҷмуа - «Бонуи уднавоз» чандин маротиба дар осорхонаҳои маъруфи ҷаҳон ба намоиш пешниҳод карда шудаанд. Саҳнаҳо аз достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ тамошобинонро мафтун мекунанд. Осори санъати аз Панҷакенти қадим ёфташуда хеле сершумор ва гуногун аст: муҷассамаҳо ва лавҳаҳои чӯбӣ, сағонаҳо, ҳайкалчаҳои терракота, ашёҳои филизи бадеӣ, зарфҳои сафолӣ ва ғайра. Бо инобати ин шаҳркадаи мазкур барои тамоми ҳудуди Осиёи Миёна ҳамчун ёдгории бостоншиносии намунавӣ қабул карда шудааст.

Мусавварахои деворӣ дар шаҳркадаҳои Аҷинатеппа, Кофирқалъа, Қалъаи Кофарниҳон, Қалъаи Шодмон, Бунҷикат, Ҳулбук, Сайёд кашфшуда арзиши баланди илмӣ доранд. Мусавварахои деворӣ Аҷинатеппа дар омезиши санъатҳои ҳиндӣ ва бохтарӣ-тахористонӣ эҷод шудаанд. Деворнигораҳо роҳравҳои дайри буддоиро оро медоданд. Пораҳои ёфташуда симоҳои Буддо ва нафарони ҳадякунандаро тасвир мекунанд. Дар байни ин расмҳо махсусан саҳнаҳои хутба гуфтани Буддо ва саҳнаи пешкашкунии қурбонӣ ҷолибанд [9, 47-53].

Дар маъбади буддоии Қалъаи Кофарниҳон бо мусаввара деворҳои роҳравҳо ва сатҳи гунбазро пӯшонида буданд. Дар яке аз деворҳо порае аз мусавварaи дузинагӣ боқӣ мондааст. Дар зинаи боло буддои нишаста дар байни ду нафар тасвир шудааст, зинаи поёнии мусаввара маросими пешкаши

қурбониҳоро нишон медиҳад [9, 47-53].

Дар сатҳи деворҳои толорҳои маросимӣ, ҳуҷраҳо ва роҳравҳои қасри Бунҷикат даҳҳо метри мураббаъ саҳнаҳои мусаввирӣ боқӣ мондаанд. Дар байни деворнигораҳои арзиши бадеияшон махсусан баланд саҳнаҳои зерин шоистаи зикранд: олиҳаҳои адар дастҳояшон рамзҳои офтобу моҳ, ки ба шерҳои оташин савор шудаанд, иблисони сесара; аскарон - иблисон; задухӯрди аскарони пиёда, аспсаворон ва фойтунҳо; аскар - табиби ҳайвонот; мутрибони ҳарбӣ; бонуи уднавоз; қадамзании парандаҳо ва ҳайвонот, модагургро макидани тифлон [5, 183-202].

Бояд қайд кард, ки деворнигораҳои антропоморфӣ ва ороишии Ҳулбук ва Сайёд, ки ба асрҳои IX-XI муносибат доранд, аз нуқтаи назари идомаёбии анъанаҳои мусаввирии тоисломии Тоҷикистони Ҷанубӣ аҳаммияти махсус доранд [2, 202-210].

Муҷассамаи «Буддо дар вазъи нирвана» нодиртарин намунаи санъати бостонӣ мебошад, ки 12,7 м дарозӣ дорад. Маҳз ҳамин асар миқдори зиёди парастандагони дини буддоиро аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба Тоҷикистон ҷалб мекунад. Ин муҷассамаи аз лой сохташуда аз маъбади Аҷинатеппа ёфт гардидааст [8].

Дар даромадгоҳи осорхона меҳмононро муҷассамаҳои биринҷии барзаговҳо ва бузҳои кӯҳӣ, ки аз деҳаи Дараи ноҳияи Ваҳдат ёфт шудаанд, пешвоз мегиранд. Дар арафаи истилои араб ин муҷассамаҳо тахти ҳокимеро оро медод, ки қасри ӯ дар Қалъаи Шодмон ҷойгир шуда буд [1, 91-93].

Осори кандакорӣ дар чӯб, ки аз қасри афшинҳо дар Қаҳқаҳа (ноҳияи Шаҳристон) ёфт шуданд, бо маҳорати воло иҷро гардидааст. Дар аркаю лавҳаҳо ҳамбастагиҳои сужавӣ ба назар мерасанд, ки иштирокчиёнашон одамон, ҳайвоноту парандаҳо, нимзан-нимпарандаҳо мебошанд. Дар лавҳае маросими роҳравии шерҳо кандакорӣ шудааст. Ороиши манзили асосии Қалъаи Қаҳқаҳа аз ҳисоби чӯби бадеӣ ва мусаввара дар як вақт иҷро шудааст. Дар онҳо ваҳдати мавзуъҳои тасвирӣ дида мешавад. Яъне, рассом ва устои кандакор дар мувофиқаи байни ҳамдигар эҷод кардаанд. Аз ҷониби дигар, чӯби бадеии Шаҳристон шабеҳи осори кандакорӣ дар чӯби Панҷакенти қадим мебошад [6, 205-217].

Ҳамарӯза тамошобинони сершумор аз осорхона дидан мекунанд. Дар қатори онҳо сайёҳон, мактаббачагону донишҷӯйён ва дигар шаҳрвандони ҳавасмандро метавон дид. Ҳайати кормандони осорхона тамошои умумӣ ва мавзуиро ба роҳ мондаанд. Маводи осорхона вобаста ба ин ё он мавзуъ дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ низ муаррифӣ карда мешавад.

Тамошо ва омӯзиши ашёҳои таърихии Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон, ки ба сифати шоҳасарҳои таъриху фарҳанги ҷаҳонӣ пазируфта шудаанд, касро мафтун карда, аз таърихи қадими тоҷикон огоҳ мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити муосири фарҳангӣ таваҷҷуҳи ҷамъиятӣ нисбати намоишҳои таърихӣ ва бадеӣ ҳамчун шакли мубодилаи байналмилалии фарҳангӣ, дастрасӣ ба ғояҳои башардӯстонаи абадӣ, вохӯрӣ бо шоҳасарҳои

санъати ҷаҳонӣ ё таҷрибаҳои эҷодии ҳунармандони навкор кам намегардад.

### АДАБИЁТ


1.Атаханов Т. Царский трон правителя Шумана//Мероси ниёгон. -Вып. 1. -Душанбе, 1992. -С. 91-93.
2.Гулямова Э. Раскопки городища Сайёд в 1980 г//Арх. раб. в Тадж. –Вып. 20 (1980). – Душанбе: Дониш, 1987. –С. 202-210.
3.Исаков А. И. Исследование Саразмского отряда в 1984 г//Археологические работы в Таджикистане. – Вып. 24 (1984 г.). –Душанбе: Дониш, 1993. –С. 117-130.
4.Исаков А. И. Исследование Саразмского отряда в 1984 г//Археологические работы в Таджикистане. – Вып. 24 (1984 г.). –Душанбе: Дониш, 1993. –С. 117-130. -С. 124-125.
5. Мастеница Е. Н. Новые тенденции развития музея и музейной деятельности// Триумф музея? -СПб., 2005.
6.Негматов Н. Н. О живописи дворца афшинов Уструшаны (Предварительное сообщение)//Советская археология. -М., 1973. -№ 3. -С. 183-202.
7.Негматов Н., Зеймаль Т. И. Уструшанский замок в Шахристане//Советская археология. -М., 1959. -№ 2. -С. 205-217.
8. Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон. Саҳифаи асосии суроғаи электронии муассиса.
9. Пчелянская Т. М. Музеи и музейные экспозиции в новом спектре сетевых коммуникаций.
10.Шедевры древнего искусства и культуры Таджикистана. Материалы Южно-Таджикистанской археологической экспедиции. Каталог выставки /Ред. Б.А. Литвинский. -М.: Советский художник, 1983. -80 с. -С. 21-30.


## НАМОИШГОҲ ҲАМЧУН ШАКЛИ МУАРРИФИИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ ВА АСАРҲОИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ


Дар мақола аҳаммияти намоишҳои мақсаднок дар раванди ба ҷомеа пешниҳод кардани асарҳои таърихӣ ва муосир баён карда шудааст. Ташкили ин гуна чорабиниҳо дар осорхонаҳои ватанӣ ва берун аз кишвар имкон фароҳам меорад, ки шаҳрвандон ва хориҷиён аз саҳифаҳои пурифтихор ва фоҷиавии таърих ва фарҳанги миллат ва таҳаввулоти ҷаҳонбинии он воқиф шаванд.

Муаллиф вобаста ба баъзе ёдгориҳои таърихии дар ҷаҳон маъруфи кишвар, аз ҷумла, Саразм, Панҷакенти қадим, Аҷинатеппа, Қалъаи Кофарниҳон, қасри Бунҷикат ва ғайра маълумоти кӯтоҳ оварда, нодиртарин асарҳои бадеии ҳангоми ҳафриёти онҳо ёфтшуда номбар кардааст.

Дар мақола ба ғайр аз маводи назариявӣ, вобаста ба фаъолияти Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон маълумоти амалӣ оварда мешавад. Тафсири кӯтоҳи баъзе ашёҳои осорхона нишон медиҳад, ки хазинаи он хеле бой ва нодир буда, арзиши калони илмӣ дорад. Ин осор барои иҷрои тадқиқоти таърихӣ, фарҳангшиносӣ, санъатшиносӣ ва ғайра сарчашмаи қиматбаҳо ба шумор меравад. Осорхона инчунин дар тарбияи маънавии насли навраси тоҷикон, дар онҳо ташаккул додани ғояҳои худшиносӣ ва меҳанпарастӣ саҳми арзанда мегузорад.



***Калидвожаҳо:*** *намоишгоҳ, бостоншиносӣ, санъати тасвирӣ, муаррифии асар, Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонӣ, парастишҳо, мероси умумиҷаҳонӣ.*

## ВЫСТАВКА, КАК ФОРМА ПРЕЗЕНТАЦИИ ИСТОРИЧЕСКИХ ПАМЯТНИКОВ И ПРОИЗВЕДЕНИЙ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА

В статье раскрывается роль целевых выставок в презентации обществу исторических и современных произведений. Проведение таких мероприятий в отечественных музеях и за пределами страны способствует тому, что наши соотечественники и жители зарубежья узнают о славных и трагических страницах истории народа, его культуры, эволюции мировоззрения.

Автор дает краткую характеристику некоторых всемирно известных исторических памятников Таджикистана, в том числе Саразма, древнего Пенджикента, Аджинатеппе, Калаи Кофарнихон, дворца в Бунджикате, и упоминает о найденных во время раскопок наиболее уникальных художественных произведених.

Помимо материалов теоретического характера, в статье приводятся сведения о деятельности Национального музей древностей Таджикистана. Краткое описание некоторых артефактов музея показывает, что его богатая и уникальная сокровищница имеет большую научную ценность. Эти произведения служат ценным источником для выполнения исторических, культурологических, искусствоведческих и других исследований. Кроме того, музей вносит достойный вклад в дело воспитания подрастающего поколения, формирования в нем идеи самопознания и любви к отчизне.

***Ключевые слова:*** *выставка, археология, изобразительное искусство, презентация произведения, Таджикистан, Национальный музей древностей, верование, всемирное наследие.*

## EXHIBITION AS A FORM OF PRESENTATION OF HISTORICAL MONUMENTS AND WORKS OF FINE ART

The article reveals the role of targeted exhibitions in the presentation of historical and contemporary works to society. Holding such events in domestic museums and outside the country contributes to the fact that our compatriots and residents of abroad become aware of the glorious and tragic pages of the history of the people, their culture, the evolution of the worldview. The author gives a brief description of some of the world-famous historical monuments of Tajikistan, including Sarazm, ancient Penjikent, Ajinatepe, Kalai Kofarnihon, Bunjikat Palace, and mentions the most unique works of art found during excavations in them.

In addition to theoretical materials, the article provides information about the activities of the National Museum of Antiquities of Tajikistan. A brief description of some of the museum's artifacts shows that its rich and unique treasury has great scientific value. These works serve as a valuable source for historical, cultural, art history and other research. In addition, the museum makes a worthy contribution to the education of the younger generation, the formation of the idea of self-knowledge and love for the motherland in it.

***Key words:*** *exhibition, archeology, fine art, presentation of the work, Tajikistan, National Museum of Antiquities, belief, world Heritage.*

**Сведения об авторе:**

**Юсупова Шахноза Азизбековна** – ассистент кафедры дизайна костюма и искусства моды Технологического университета Таджикистана (734061, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева, 63/3. Тел.: 2340654).

**Information about the author:**
**Yusupova Shakhnoza Azizbekovna**-assistant of the Department of costume design and fashion art Of the technological University of Tajikistan (734061, Dushanbe, Ph. D. Karabaeva, 63/3. Tel: 2340654).

**УДК: 78 (575.3) (092)**

# ГУЛЧЕҲРА СОДИҚОВА ВА АНЪАНАИ ИҶРОИИ МУСИҚИИ МАРДУМӢ[12]

**АМРОЕВ У. М.,**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

Санъати мусиқии мардуми тоҷик бо суннату русуми вижа ва бунёду неруи фарогираш аз дер боз машҳури олам аст. Ибтидои рушд ва нумӯи ҳунари мусиқии тоҷикро дар замони бостон ва садаҳои миёна бояд ҷуст. Санъати сарояндагӣ марбут ба «Фалак» дар таърихи фарҳанги мардуми тоҷик ҷое вижа дорад. Ин ибора дар фарҳанги мардуми тоҷик маъно ва мафҳуми гунонгунро аз қабили «гунбади осмон», «кайҳон», «дунё» ва «гетӣ»-ро ифода мекунад [5,6].

Фалак яке аз жанрҳои машҳури овозхониву сознавозии қадимаи мардуми тоҷик буда, роҳи пайдоишу инкишоф ва тағйиру такомули тӯлониро тай намудааст. Аз нуқтаи назари академик Бартелс Е. Э. (1890-1957) «Мафҳуми фалак – (чархи фалак) бисёр қадима буда, аз зардуштиён реша мегирад» [2,543].

Фалакхониву фалакнавозӣ асосан дар байни мардуми қисмати шарқу ҷануби Тоҷикистон: Дарвозу Рашт, Хатлону Бадахшон ва дар қисме аз сарзамини Чину Афғонистон арзи вуҷуд дошта, маъмулу машҳур аст [11,18].

Дар суннати мусиқии тоҷик «Фалаки даштӣ» ва «Фалаки роғӣ» басо ҳам маъруф аст. Фалаки даштӣ жанри фалаки якқисма буда, бо тарзи озод, бидуни қолабзарб ва асбоби мусиқӣ хонда шуда ва таърихи хеле қадимаи худро дорад. Вобаста ба таърихи ин жанри фалак доктори илмҳои санъатшиносӣ Аслиддин Низомов чунин ибрози андеша намуда: «Фалаки даштӣ, ки то имрӯз дар Тоҷикистон маъмул аст, шояд таърихи зиёда аз дувоздаҳҳазорсола дорад ва давоми ҳамон суннатҳои яккахонии қадим ба шумор меравад» [4,39].

Содиқова Гулчеҳра аз аввалин занони кӯҳистонист, ки бо шеваи овозхонии мардумӣ (фалаки даштӣ) кори ҳунарию пуровоза шуда аст. Саҳми ин бонуи ҳунар дар рушди санъати мусиқии мардумӣ хеле ҳам назаррас мебошад. Ӯ баробари фалаксароёни дорои сабки хоси иҷроӣ будан, инчунин давомдиҳандаи мактаби анъанавии сарояндагони ин жанри мусиқии мардумӣ

[12] Мақола дар асоси лоиҳаи «Таърих ва назарияи санъати халқи тоҷик» (барои солҳои 2021-2025), рақами қайди давлатӣ 01011TJ0454 навишта шудааст.

Одина Ҳошимов (1937-1993), Ҳошим Қосимов (1886-1964) ва Бобохалил Одинаев (1878-1968) ба шумор меравад.

Ҳангоми мактабхонӣ ба дастаи ҳаваскорони мактаби ба номи «Коммунизм»-и ноҳия шомил шуда, бештари вақташро он ҷо ба тамринҳо сипарӣ карда, дар озмунҳои ноҳиявӣ ширкат варзида, фалаксарой мекард. Аз ҷумла, соли 1957 дар озмуни ҷумҳуриявии эҷодиёти мардумӣ ширкат намуда, барандаи озмун мегардад ва фаъолияти ҳунарии ӯ аз ин солҳо ибтидо мегирад [6,51].

Гулчеҳра Содиқова соли 1960 ба Театри халқии ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) ба кор омада, муддати се сол дар театри мазкур фаъолият намуда [1], сипас соли 1962 ба Театри халқии ноҳияи Москва (ҳоло ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) ба кор омада, ҳунари сарояндагии худро дар назди устодони фалаксаро Ҳофизони халқии Тоҷикистон Одина Ҳошимов, Ҳошим Қосимов ва инчунин Бобохалил Одинаев такмил бахшида, аз мактаби ин ҳунармандони мардумӣ сабақ меомӯзад.

Он солҳо роҳбари бадеии театрро Одина Ҳошимов ба зимма дошта, бо падараш Ҳошими Қосим, Бобохалили Одина, бародараш Абдулхайр, навозандагону сарояндагони хушсалиқа Дӯстӣ Орзуев, Гулчеҳра Содиқова ва дигарон маҳфили бадеии муназзам таъсис менамояд. Барномаҳои ҳунарии театри халқӣ бештар суруду оҳангҳои халқиро фаро мегирифт [12, 60].

Гулчеҳра Содиқова фаъолияти ҳунариашро то соли 1968 дар театри халқии ноҳия идома дода, ҳамон сол бо даъвати директори Театри вилоятии мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб, Корманди хизматнишондодаи маданияти ҶШС Тоҷикистон Қурбон Зардаков (1929-1993) ба кор меояд. Дар театр ӯ бо ҳунармандони соҳибкасб Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Убайдулло Раҷабов (1941-2021), Раҳмондӯсти Қурбониён (1944-2020), Сурайё Қосимова, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Саъдулло Каримов (1918-1990) ва дигарон ҳамқадаму ҳаммаром гашта, ҷиҳати баланд бардоштани фаъолияти эҷодии театр кӯшишҳо ба харҷ медиҳад. Мавсуф дар назди театр дастаи духтарони дуторнавозро иборат аз 15 нафар ташкил медиҳад. Соли 1969 саркоргардони театр Мирзо Шаропов таъйин мегардад. Номбурда ду гурӯҳи сайёр, яке драмавӣ дигаре мусиқӣ таъсис медиҳад. Бо гурӯҳи мусиқӣ барномаҳои рангини консертӣ омода месозанд, ки дар ин барномаҳо Гулчеҳра Содиқова, Дӯстӣ Орзуев, Неъматуллоҳ Тиллоев (1930-2022), Зебӣ Бегаҳмадова (1952-2009), Сурайё Қосимова ва ҳамчунин дастаҳои духтарони думбуранавоз, таблакнавоз ва лабчангнавоз шомил буданд [9,12]. Г. Содиқова бо ин дастаи мазкур қариб, ки ба тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, ба мардум хизмати маънавӣ расониданд.

Соли 1979 Г. Содиқова ҳамроҳи Д. Орзуев аввалин ансамбли оилавиро бо номи «Орзу» дар назди шуъбаи фарҳанги шаҳри Кӯлоб таъсис медиҳанд. Дар муҳлати кӯтоҳ бо роҳбарии Д. Орзуев ҳайати ансамбл аз ҳисоби оила мукаммалу пешрафт менамояд ва дар вилоят шуҳратёр мегардад [10,24].

Гулчеҳра Содиқова дар санъати иҷрои сабки хоси худро дошта, сурудҳояш

эҳёгари анъанаҳои қадими мусиқии халқӣ буда, бо оҳанги нав эҷод гардидаву садо медиҳанд. Мувофиқати комили мазмуни шеъру оҳанг, дарки хуби тарҳу вазн, усулу савт, нолаю ороишҳои оҳангӣ бозгӯйи ҳунари ин бонуи санъаткор аст.

Воқеан мавсуф қувваи ҳофизаи баланд дошта, ашъори шоирони зиёдеро аз ёд медонад. Дар баробари сурудани таронаҳои мардумӣ, инчунин аз эҷодиёти классикони адабиёти форсу тоҷик, аз қабили Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Камоли Хуҷандӣ, Соиб, Сайидо, Бедил, Шоҳин ва суханварони муосир Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ Шералӣ ва дигарон суруду таронаҳо месарояд.

Ӯ хостори дар мардум завқи шеърдонию шеърфаҳмиро парваридан буда ва барномааш саршор аз мавзӯоти ишқу муҳаббат, зебоӣ, ҳаёт, дӯстӣ, панду ахлоқ, ҷавонӣ, сулҳ, Ватан, меҳнат ва ғайраро мебошанд. Бастакорони машҳури кишварамон Хайрулло Абдулло (1930-2008), Фаттоҳ Одина (1938-2010), Анвари Барот (1937-2019), Шарифи Бедак, Абдусаломи Раҳим, инчунин шавҳараш Достӣ Орзуев (1932-1984) ва фарзандаш Орзу Орзуев ва дигарон барояш оҳангҳо эҷод кардаанд.

Сурудаҳои ӯ, аз ҷумла, «Ғам махур», «Юсуфи гумгашта», «Маро маҳҷур медорӣ», «Сӯзи дил», «Ёрам чу қадаҳ ба даст гирад», «Магар ҳеҷ», «Насиҳати падар», «Духтари тоҷик», «Тоҷикистон», «Ба Ватан», «Ширин аст», «Навои ишқ», «Куртат гули гулинай» байни мардум маъруфанд [13, 53].

Комёбии эҷодии Гулчеҳра Содиқоваҳамчун сарояндаи хушовоз, дар эҳёи мусиқии мардумӣ «Фалак» назаррас аст. Ӯ бо сурудҳои фалакӣ ба кишварҳои Осиёву Аврупо Ҳиндустон, Фаронса, Олмон, Ҳолланд, Шветсария, Федератсияи Русия ва Туркманистон ва ғайра сафарҳои ҳунарӣ анҷом додааст [3,79]. Инчунин номбурда иштирокчии фестивалу озмунҳои ҷумҳуриявию байналхалқӣ: Озмуни ҷумҳуриявии театрҳои халқӣ (1963), «Дурдонаҳо» (1986), Фестивали умумииттифоқии театрҳои халқии мусиқӣ (1967), Конгресси байналхалқии мусиқӣ (1971), Конгресси байналхалқии «Оилаи санъаткор» (1978), Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқ (ВДНХ) дар шаҳри Москва (1979), Фестивали эҷодиёти халқӣ дар Ҷумҳурии Олмон (1987), Лауреати Конгресси байналхалқӣ дар шаҳри Москва ва Фестивали эҷодиёти халқ дар Олмон буда, ҳамзамон барандаи ва ҷоизаи ифтихорӣ маҳсуб меёбад [15, 461].

Хизматҳои бисёрсолаву пурсамари эҷодию иҷроии Гулчеҳра Содиқова бо медали «Барои меҳнати шоён», ордени «Дӯстии халқҳо» (1970), унвонҳои «Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1980)», «Ҳофизи халқии Тоҷикистон (1990)», барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008)» [14], Ҷоизаи сулҳи «Симурғ» (2015) ва ифтихорномаҳои давлатӣ сарфароз шудааст.

Санъати иҷроии Гулчеҳра Содиқова мавриди тавсифи донандагони мусиқӣ, ходимони санъат шуда ва композитор Хайрулло Абдуллоев чунин гуфтааст: «Овози софу тозаи Гулчеҳра, думбранавозии нозуку нолааш дар санъати фалаксароӣ саҳифаи тозаест. Агар мо маънавиёти ниёгонамонро

тавассути ин гуна устодони асил ба наслҳои имрӯза фаҳмонида надиҳем, минбаъд ҳеҷ кас дар ҳифз ва пойдор мондани он кафолат нахоҳад дод. Пас хато намекунем, агар Гулчеҳра Содиқоваро яке аз ситораҳои ҳунари суннатии тоҷик ном барем» [3,80].

Актёр ва режиссёри театр Убайдулло Раҷабов ҳам дар идомаи нукоти болоӣ ишора намуда: «Вақте, ки садои апаи Гулчеҳраро мешунавам, хаёл мекунам, ки осмон дар зери овои ӯ гирд мегардад, ахтарон ба ваҷд омада ба садояш гӯш медиҳанд. Зуҳраи чанги панҷа ба чанг мезанаду бо ӯ ҳамнаво мегардад. Дар зери садои мусиқии фалак оламе ниҳон аст, ки танҳо садои фалакгир метавонад асрори онро ба мо бикушояд ва садои апаи Гулчеҳра чунин қудратро дорост. Ӯ бо сози фалак ба кӯи дилҳо роҳ ёфтааст. Бемуҳобот апаи Гулчеҳра гулест дар чамани миллат ва саҳнаи ҳунари тоҷик, ки ҳеҷ гоҳ хазонро нахоҳад дид» [8,9].

Устоди мусиқӣ, Артисти халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷӯрабек Муродов дар иртибот ба сабки хоси иҷроии Гулчеҳра Содиқова чунин гуфта: «Дар миёни занҳои ҳунарманд симои Гулчеҳраи Содиқ бароям ҳамеша муборак ва ғарқи нур менамояд. Баробари ба саҳна баромадан қадамзании маҳинаш, нигоҳи пурмеҳру чеҳраи рӯшанаш, мавҷи докаи сафед ва ҷилваи либоси миллиаш садои дили моро тақвият мебахшад, ин аст модари ҳунарманди тоҷик» [8, 8].

Ба андешаи драматург Нур Табаров маҳорати иҷроӣ, шахсияти Гулчеҳра Содиқова дигаргунатар аст: инсонест басо нексиришт, ки дилаш аз меҳр саршор аст. Зоҳиран як шахсест камгапу фурӯтан, вале ҳине, ки думбра ба даст мегираду нохун мезанад, гӯё ӯ созро маҳз ба он хотир ба наво меорад, ки соз вайро ба хониш оварад. Гулчеҳра, гули сари сабади фарҳанги мардуми тоҷик аст [8,7].

Актёр ва режиссёри театр Толиб Бобоев бошад дар санъати иҷрои ин зани таронсаро нукоти дигареро иброз дошта: воқеъан фикр мекунам, ки дар ҷумҳурии мо маҳбубтарин зани ҳунарманд апаи Гулчеҳра ба ҳисоб мераванд. Зеро ҳар дафъае, ки он кас дар саҳна ҳунарнамоӣ мекунанд, ҳатман як тобиши нав, гардиши тозае дар хондани авҷ ё фуроварди сурудаш ҳис карда мешавад. Оре, чунин аламноку пуртаъсир ва ҷаззобу гуворо сароидани ин ҳунарпешаи нотакрор ҳосили дарки ғаму шодии мардум, заҳмати бисёрсолаи ӯ дар роҳи омӯзишу эҷоди оҳангу сурудҳои халқист [7, 94].

Аз нуктаҳои ишоранамудаи устодони санъат метавон чунин хулоса кард, ки Гулчеҳра Содиқова дар санъати иҷроии муосири тоҷик, жанри эҷодиёти шеърию мусиқии фалаксароӣ шахсияти камназир аст. Воқеан, корномаи ин зани некном мактаби зиндагиест, ки саршор аз меҳру вафо ва садоқату матонат аст. Фаъолияти ҳунарӣ ва рӯзгори ин зани ҳунарманд намунаи ибрат барои насли нави занон буда, шоистаи пайравист.

**АДАБИЁТ**

1.Абдуқодири Раҳим. Ман ин тулӯъро муборакбод мегӯям//Ҷумҳурият 12 апрели 2008.
2.Бартелс Е. Э. История. Персидско – таджикской поззии. М. 1960. Т.1, С.543.
3.Қурбони Қурбониён. «Фалак» ва системаи лаҳнии он. Рисолаи таҳқиқӣ ва таълимӣ (бо забони

тоҷикӣ), Душанбе, 2006. 258 с.
4.Низомов А. Таърих ва назарияи «Шашмақом», Душанбе, 2006. С.39.
5.Саъдулло Каримов. «Фалак». Китоби дарсии амалӣ. Китоби 1. –Душанбе, 2019. 400 с.
6.Сипеҳри Ҳасанзод. Парастуҳои саҳна, Кӯлоб, 1992. 96 с.
7.Толиби ҳунар. (Маҷмуаи мақола, мусоҳибаҳо, шеърҳо ва хотирот аз ҳаёт ва фаъолияти Толиб Бобоев), -Душанбе, 2018, 472 с.
8.Файз Ашӯр. Гулчеҳраи дуторӣ (маҷмуаи дастаҷамъии шеъру мақолаҳо). –Душанбе, 2014. 64 с.
9.Файз Ашӯр, Мунаввара Аминова. Даргоҳи ҳунар. Душанбе, 2008. 24 с.
10.Фалак. Албоми мусаввир (бо забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), -Душанбе, -2004. 48 с.
11.Фаттоҳ Одина. Гулчине аз гулзори Фалак. Душанбе, -2004. 95 с.
12.Ш. Шарифов. Сипоҳсолори суруду мусиқии тоҷик//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), №3/7. Қисми II, –Душанбе, 2017. –С. 59-64.
13.Ҳафизов Абдурауф. Нуктае аз таърихи Кӯлоб ва соҳибунвонҳои соҳаи фарҳанги он. Душанбе, 2018.130 с.
14.Электронный ресурс. -Режим доступа: https://sputnik.tj. com.Gulchehra Sodigova- Modar. 31.10.2009.
15.Энсиклопедияи Кӯлоб, Душанбе, -2006. 636 с.

## ГУЛЧЕҲРА СОДИҚОВА ВА АНЪАНАИ ИҶРОИИ МУСИҚИИ МАРДУМӢ

Гулчеҳра Содиқова аз зумраи ҳунармандонест, ки умри пурбаракаташро ба иҷро ва тарғиби мероси мусиқии мардумӣ сарф намуда, сабки овозхонӣ (фалаки даштӣ)-ро пеша кардааст. Саҳми ӯ дар тарғибу ғанӣ гардонидани санъати суннатии мусиқии мардумӣ мондагор аст. Ӯ яке аз сарояндагони муваффақи жанри мусиқии мардумӣ фалак буда, идомадиҳандаи сабки устодони зиндаёд Одина Ҳошимов (1937-1993), Ҳошим Қосимов (1886-1964) ва Бобохалил Одинаев (1878-1968) мебошад.

Самараи дурандешиии ин зани ҳунарманд буд, ки санъати иҷроияш рушд ёфту обрӯю эътибораш рӯз аз рӯз миёни мардум меафзуд.

Комёбии эҷодии Гулчеҳра Содиқова ҳамчун сарояндазан, дар эҳёи мусиқии мардумӣ «Фалак» назаррас аст. Ӯ бо сурудҳои фалакӣ ба кишварҳои Осиёву Аврупо Ҳиндустон, Фаронса, Олмон, Ҳолланд, Шветсария, Федератсияи Россия ва Туркманистон ва ғайра сафарҳои ҳунарӣ анҷом додааст.

Гулчеҳра Содиқова дар санъати иҷроӣ сабки хоси худро дошта, сурудҳояш эҳёгари анъанаҳои қадими мусиқии халқӣ буда, бо оҳанги нав эҷод гардидаву садо медиҳанд. Мувофиқати комили мазмуни шеъру оҳанг, дарки хуби тарҳу услуб, усулу савт, нолаю ороишҳои оҳангӣ бозгӯйи ҳунари ин бонуи санъаткор аст.

Дар мақола доир ба фаъолияти эҷодии ин бонуи ҳунар, яке аз эҳёкунандагони анъанаҳои қадими мусиқии халқӣ, фалаксарои маъруфи халқи тоҷик мухтасар хотирнишон шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *санъати сароядагӣ, ромишгари мумтоз, театри халқӣ, ансамбли оилавӣ, фестивал- озмун, ҳунарпеша, оҳанг, мусиқии фалак, дастаи ҳаваскорон.*

## ГУЛЬЧЕХРА СОДИКОВА И ТРАДИЦИИ ИСПОЛНЕНИЯ НАРОДНОЙ МУЗЫКИ

Гульчехра Содикова – одна из тех, кто посвятила свою жизнь исполнению и популяризации наследия народной музыки, разработав свой стиль пения (степной фалак). Её вклад в популяризацию и обогащение традиционного искусства народной музыки непреходящ. Она является одной из самых успешных исполнителей в жанре народной музыки, продолжая стиль ныне ушедщих мастеров Одины Хошимова (1937-1993), Хашима Косимова (1886-1964) и Бобохалила Одинаева (1878-1968).

Результатом предусмотрительности этой ремесленницы стало то, что ее исполнительское искусство развивалось, а ее репутация росла день ото дня.

Творческий успех Гульчехры Содиковой, как певицы значителен в возрождении народной

музыки «Фалак». Выступала в Азии, Европе, Индии, Франции, Германии, Нидерландах, Швейцарии, Российской Федерации, Туркменистане и других странах.

Гульчехра Содикова обладает уникальным стилем в исполнительском искусстве, а ее песни возрождают древние традиции народной музыки, созданные и исполненные на новую мелодию. Совершенная гармония содержания поэзии и мелодии, хорошее понимание стиля и звучания, заунывных мелодий и орнаментов составляют суть её искусства.

В статье кратко упоминается о творческой деятельности этой дамы искусства, одного из возрожденцев древних традиций народной музыки, известного философа таджикского народа.

***Ключевые слова:*** *искусство пения, умелый музыкант, народный театр, семейный ансамбль, фестивал-конкурс, артист, мелодия, музыка фалак, музыкант, самодеятельный коллектив.*

## GULCHEHRA SODIQOVA AND THE TRADITION OF PERFORMING FOLK MUSIC

Gulchehra Sodikova is one of those who devoted her life to the performance and popularization of the heritage of folk music, developed a singing style (steppe falak). His contribution to the popularization and enrichment of the traditional art of folk music is timeless. He is one of the most successful performers in the folk music genre, continuing the style of the living masters Odina Khoshimov (1937-1993), Khashim Kosimov (1886-1964) and Bobokhalil Odinaev (1878-1968).

The result of this craftswoman's foresight was that her performing arts developed and her reputation grew day by day.

The creative success of Gulchekhra Sodikova as a singer is significant in the revival of folk music "Falak". He has performed in Asia, Europe, India, France, Germany, the Netherlands, Switzerland, the Russian Federation, Turkmenistan and other countries.

Gulchehra Sodikova has a unique style in the performing arts, and her songs revive the ancient traditions of folk music, created and performed to a new melody. The perfect harmony of the content of poetry and melody, a good understanding of style, style and sound, mournful melodies and ornaments are the essence of this artist's art.

The article briefly mentions the creative activity of this lady of art, one of the revivalists of the ancient traditions of folk music, a famous philosopher of the Tajik people.

***Key words:*** *singing, folk theaters, family ensemble, festival-competition, craftsman, song, falak music, amateur group, artistic activity.*

**Сведения об авторе:**

**Амроев Умедджон Мамадхонович** – соискатель Института истории, археологии и этнографии имена А. Дониша НАНТ. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ, 33. Телефон: (+992) 918 12 53 49. E-mail: umed-08@mail.ru

**Information about the authors:**

**Amroev Umedjon Mamadkhonovich** – applicant of the Institute of history, archeology and ethnography by named A. Donish of NAST. Address:734025, Republic Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 33. Tel: (+992) 918 12 53 49.E-mail: umed-08@mail.ru

# БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Муаррих» нашрияи илмӣ-назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, маводи соҳаи илмҳои таърихро дар бар мегирад ва тибқи «Қо-нун дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори омма» ба нашр омода мешавад.

## ҲАДАФҲОИ МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ «МУАРРИХ»

-инъикоси саривақтии натиҷаҳои фаъолияти тадқиқотии олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин олимони мамолики хориҷии наздику дур, аз рӯйи соҳаҳои зерини илм: таърихшиносӣ, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, сиккашиносӣ, таъ-рихи илм ва техника, таърихи муносибатҳои байналмиллалӣ ва сиёсати хориҷӣ, таърихи санъат, фарҳанг, фалсафа.

-инкишофи ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаҳои таърихшиносӣ, бостонши-носӣ ва мардумшиносӣ;

-ба муҳаққиқон фароҳам сохтани имкони нашри натиҷаҳои ҷустуҷӯйҳои илмӣ;

-инъикоси масоили мубрам ва самтҳои ояндадори илмҳои таърихшиносӣ;

-ҷустуҷӯйи донишҳои нав барои рушди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он;

-тарғиби дастовардҳои фаъолияти илмию тадқиқотии олимони институт, ҳамчунин олимони донишгоҳҳои дигар ва муассисаҳои соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ШАРТҲОИ НАШРИ МАҚОЛА ДАР МАҶАЛЛАИ «МУАРРИХ»

-ҳайати таҳририяи маҷалла мақолаҳои илмӣ, тақризҳо, тавзеҳҳои илмии қаб-лан дар нашрияҳои чопию электронӣ нашрнашударо барои баррасию нашр қабул мекунад, ки ғояҳои илмӣ, натиҷаю дастовардҳои тадқиқоти бунёдии назарию амалиро оид ба соҳаҳои дониш дар илми таърихшиносӣ дар бар гиранд;

-қарор дар бораи нашр ё радди нашр дар асоси муҳиммият, навоварӣ ва аҳаммияти илмии маводи пешниҳодгардида қабул карда мешавад;

-муаллифон (ҳаммуаллифон) масъулияти саҳеҳии иттилооти илмии пешниҳодгардида ва ҳамаи маълумотеро, ки мақола, тавзеҳ ва тақризҳо дар бар меги-ранд, ба зимма доранд;

-ҳамаи маводи ба идораи маҷалла ворид гардида ҳатман дар сомонаи antiplagiat.ru мавриди тафтиш қарор мегиранд, сипас ҳайати таҳрир муаллифон (ҳаммуаллифон)-ро дар бораи натиҷаи арзёбии дастнавис ва ба тақризи минбаъда қабул шудани мавод ё радди пешниҳоди он ба тақриз огоҳ мекунад;

-ҳамаи мақола, тавзеҳ ва тақризҳои ба идора омада дар сурати ҷавоби мусбат баъди тафтиш дар сомонаи antiplagiat.ru ба мақсади арзёбии онҳо аз ҷониби мутахассисони пешбари соҳаҳои дахлдори илм ба тақризи дохилӣ ирсол мегарданд;

-мақолаҳои ба тақризи дохилӣ пешкашшуда бояд пурра тибқи талаботе, ки дар сомонаи маҷалла: http:istorik.tarena.tj зикр гардидаанд, таҳия карда шаванд;

-агар дар тақриз оид ба ислоҳу такмили мақола тавсияҳо пешниҳод шуда бошанд, ба муаллиф эроду мулоҳизаҳои муқарриз (бе сабти ному насаби ӯ) барои такмилу ислоҳи мавод ирсол мешавад;

-муаллиф маводи такмилдодаро ба идораи маҷалла мефиристад ва идора он-ро

якҷоя бо ҷавоби муаллиф тибқи ҳар моддаи эродҳо ба тақризи такрорӣ мефи-ристад;

-ҳайати таҳририя ба таҳрири мақола бидуни тағйир додани муҳтавои илмии он ҳақ дорад. Хатоҳои имлоию техникӣ ва услубиро мусаҳҳеҳ бидуни мувофиқа бо муаллиф (ҳаммуаллифон) ислоҳ мекунад. Дар мавридҳои зарурӣ ислоҳҳо бо муаллиф (ҳаммуаллифон) мувофиқа карда мешаванд;

-нусхаи барои такмил ба муаллиф (ҳаммуаллифон) фиристода бояд дар муҳ-лати муқаррааргардида, баъди ворид сохтани ислоҳу тағйирот дар намудҳои элек-тронӣ ва чопӣ бояд ба идора баргардонда шавад;

-мақолаҳое, ки ба чоп қабул нашудаанд, ба муаллиф (ҳаммуаллифон) баргар-донда намешаванд. Дар мавриди радди чопи мавод идораи маҷалла ба муаллиф (ҳаммуаллифон) раддияи асоснок ирсол мекунад;

-тибқи дархости шӯроҳои коршиносии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идораи маҷалла ба онҳо тақризҳоро пешниҳод мекунад.

## ТАЛАБОТ БА ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО (ТАВЗЕҲҲО, ТАҚРИЗҲО), КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ «МУАРРИХ» -И ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ЧОП ИРСОЛ МЕГАРДАНД:

1. Барои ҷойгир кардан дар маҷалла мақола, тақриз ва тавзеҳҳои илмӣ тибқи ихтисосҳои илмии **07.00.02**-таърихи Ватанӣ; **07.00.03**-таърихи умумӣ (мувофиқи давра); **07.00.06**-бостоншиносӣ; **07.00.07**-мардумшиносӣ, этнология ва симоши-носӣ; **07.00.09**-таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ; **07. 00. 10**-таърихи илм ва техника; **07.00.15**-таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, ки қаблан дар ҳеҷ ҷой чоп нашудаанд, қабул мегарданд.

2. Муаллифон ба идораи маҷалла ҳатман бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кунанд:

-матни мақола ба забонҳои русӣ ва англисӣ (ба таври имконият бо тарҷумаи русӣ) ё забони тоҷикӣ, ки дар мактуби роҳнамо бо имзои ректор (ноиби ректор) ё роҳбари муассиса ва ё ин ки ташкилот ба шакли чопии он муаллиф (ҳаммуал-лифон) имзо гузоштаанд;

-тақризи доктор ё номзади илм, ки онро мудири шуъбаи кадрҳои ҷойи кори муқарриз муҳр ва имзо гузоштааст;

-маълумотнома аз ҷойи таҳсил (барои аспирантҳою магистрантҳо);

-шакли чопии ҳуҷҷатҳо ба идора ба суроғаи зерин ирсол мешавад: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мар-думшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, бинои асосӣ, ошёнаи 1, ҳуҷраи 21, тел.:(+992) 221-37-42.

-шакли электронии мақоларо ба почтаҳои электронии manzura_h@mail.ru, (агар мавод ба забони русӣ бошад) ва (агар мавод ба забони тоҷикӣ бошад) ба **mukhbirjon.kendzhaev@mail.ru** ирсол намоед. Телефон барои маълумот: (+992 37) 221-37-42; суроғаи сомонаи маҷалла: **http:istorik.tarena.tj**

# ТИБҚИ ТАЛАБОТИ КОА НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАҚОЛА БОЯД УНСУРҲОИ ЗЕРИНРО ДАР БАР ГИРАД:

-индекси УДК (дар аввали мақола дар шакли сатри алоҳида, дар тарафи чап гузошта мешавад);

-индекси ББК (дар аввали мақола дар шакли сатри алоҳида, дар тарафи чап гузошта мешавад);

-ному насаби пурраи муаллиф (ҳаммуаллифон) ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

-унвони илмӣ, дараҷаи илмии муаллиф (ҳаммуаллифон), ном ва рамзи ихтисоси илмӣ (тибқи номгӯй), ки тадқиқот тибқи он сурат мегирад, ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

-аспирантон, унвонҷӯён, омӯзгорон, докторантҳо номи муассисаи илмиро (магистрантҳо-самти тайёриро) ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷикию русию анг-лисӣ зикр мекунанд;

-зикри мансаб, ҷойи кор, шаҳру мамлакат ба забонҳои русию англисӣ ё тоҷи-кию русию англисӣ;

-e-mail ва телефони робитавии муаллиф ва ё ҳаммуаллифон барои тамос;

-номи мақола бо забонҳои тоҷикию русию англисӣ бо ҳарфҳои калон, ҳуруфи Times New Roman 14 ё Times New Roman Tj 14, тароз дар марказ);

-фишурда ба забонҳои русӣ ва англисӣ ҳуруфи Times New Roman 14, аз 100 то 250 вожа бо сабти мақсаду вазифаи таҳқиқ, баёни мухтасари кор ва хулосаҳои асосие, ки навоварии илмии корро дар бар мегирад;

-калидвожаҳо ба забонҳои русию англисӣ оварда мешаванд, 5-7 калима ё ибора, ки ду ё се вожаро дарбар мегирад; ҳуруфи Times New Roman 14, тарҳаш-курсив, тароз дар бар, вожаҳо ё ибораҳои калидӣ бо вергул аз ҳам ҷудо карда мешаванд);

-мақола ҳатман бояд номгӯйи адабиёти истифодашударо бо зикри танҳо сарчашмаҳои иқтибосгардида дар бар гирад. Рӯйхати адабиёт дар охири мақола бо назардошти саҳифаи умумии сарчашмаи истифодашуда навишта мешавад. Ҳангоми навиштани рӯйхати мазкур тартиби ҳуруфи алифбо ва талаботи ГОСТ бояд ҳатман риоя карда шаванд;

-иқтибосҳо дар қавсайни квадратӣ бо қайди рақами адабиёт мутобиқи рӯй-хати сарчашмаҳо ва саҳифаи он бояд ишора шаванд, масалан: [5, 25] ё [5,25; 6,77];

Матни мақолаи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд пурра аз назари таҳрир гузаронида шавад ва аз ғалат орӣ (тоза) бошад.

Мақолаҳое, ки ба идораи маҷалла бо нақзи талаботи мазкур ирсол мегар-данд, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Масъулияти салоҳият, боэътимодии аснод ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллифон ва муқарризон мебошад.

**Идораи маҷалла**

# К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

«Историк» - научно-теоретический журнал Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана пуб-ликующий материалы серии исторических наук, издаётся согласно закону Республики Таджикистан «О печати и средствах массовой информации».

## ЦЕЛЬЮ И ЗАДАЧАМИ НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКОГО ЖУРНАЛА «ИСТОРИК» ЯВЛЯЮТСЯ:

-оперативное освещение результатов исследовательской деятельности учёных Республики Таджикистан, а также учёных стран ближнего и дальнего зарубежья по следующим отраслям науки: история, историография, археология, этнография, антропология, источниковедение, нумизматика, история культуры, история литературы, история философии и история религии;

- развитие международного сотрудничества в сфере истории, археологии и этнографии;

- предоставление возможности исследователям публиковать результаты научных изысканий;

- освещение актуальных проблем и перспективных направлений исторических наук;

- поиск новых знаний для духовного и социального развития населения Республики Таджикистан в целом и её регионов;

-пропаганда достижений научно-исследовательской деятельности учёных Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана, а также исследователей других ВУЗов и учреждений образования и науки Республики Таджикистан.

## УСЛОВИЯ ПУБЛИКАЦИИ СТАТЕЙ В ЖУРНАЛЕ «ИСТОРИК»:

-редакционная коллегия журнала принимает для рассмотрения и публикации ранее не опубликованные в печатных и электронных изданиях научные статьи, рецензии, научные обзоры, отзывы, содержащие научные идеи, результаты и достижения фундаментальных теоретических и прикладных исследований по следующим отраслям исторической науки: история, историография, археология, этнография, антропология, источниковедение, нумизматика, история культуры, история литературы, история философии и история религии;

- решение о публикации или об отказе в публикации принимается на основе актуальности, новизны и научной значимости представленных материалов;

- авторы (соавторы) несут всю полноту ответственности за достоверность представляемой научной информации и всех данных, содержащихся в статьях, отзывах, обзорах и рецензиях;

- все представленные в редакцию журнала материалы в обязательном порядке проходят проверку на сайте antiplagiat.ru, после чего редколлегия извещает ав-торов (соавторов) о результатах оценки рукописи и сообщает о приёме материала к дальнейшему рецензированию или об отказе от рецензирования;

- поступившие в редакцию статьи, отзывы, обзоры и рецензии в случае поло-

жительного ответа после проверки на сайте antiplagiat.ru направляются на внутреннее рецензирование с целью их экспертной оценки ведущими специалистами в соответствующей отрасли науки;

- статьи, допущенные к внутреннему рецензированию, должны быть оформ-лены в полном соответствии с требованиями, предъявляемыми к публикациям, которые размещены на сайте журнала: **http:istorik.tarena.tj**

- если в рецензии содержатся рекомендации по исправлению или доработке статьи, автору направляются замечания и предложения рецензента (без указания сведений о нём) для доработки и исправления материала;

-доработанный материал представляется автором в редакцию журнала и направляется на повторное рецензирование вместе с ответом автора по каждому пункту замечаний;

- редколлегия имеет право на редактирование статей без изменения её научного содержания. Орфографические и стилистические ошибки исправляются корректором без согласования с автором (авторами). При необходимости правка согласуется с автором (авторами);

- вариант статьи, направленный автору (авторам) на доработку, должен быть возвращён в редакцию в оговоренный срок с внесёнными исправлениями и изменениями в электронном и распечатанном виде;

- статьи, не принятые к опубликованию, автору (авторам) не возвращаются. В случае отказа от публикации материала редакция направляет автору (авторам) мотивированный отказ;

- редакция предоставляет рецензии по запросу экспертным советам ВАК при Президенте РФ.

## ТРЕБОВАНИЯ
## К ОФОРМЛЕНИЮ СТАТЕЙ (ОБЗОРОВ, ОТЗЫВОВ, РЕЦЕНЗИЙ), ПРИСЫЛАЕМЫХ ДЛЯ ПУБЛИКАЦИИ В НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ «ИСТОРИК» ИНСТИТУТА ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ ИМ. А. ДОНИША НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

Для размещения в журнале принимаются ранее нигде не опубликованные научные статьи, обзоры, рецензии, отзывы, соответствующие научным специаль-ностям: 07.00.02 - отечественная история; 07.00.03 - всеобщая история (соответствующего периода); 07.00.06 - археология; 07.00.07 - этнография, этнология и антропология; 07.00.09 - историография, источниковедение и методы исторического исследования; 07.00.10 - история науки и техники: 07.00.15 - история международных отношений и внешней политики.

Авторы в обязательном порядке предоставляют в редакцию следующие документы:

-текст статьи на русском или английском (по возможности с переводом на русский язык), или таджикском языке с обязательной подписью автора (авторов) на печатном варианте статьи;

-рецензию доктора или кандидата наук, заверенную в отделе кадров по месту его работы;

-справку с места учёбы (для аспирантов и магистрантов).

Печатные варианты документов направляются в редакцию по адресу: 734025,

Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Тад-жикистана, главный корпус, 1-этаж, кабинет 21. Электронные версии по адресу элект-ронной почты:**manzura_h@mail.ru,** или **mukhbirjon.kendzhaev@mail.ru** Телефон для справок:(+992 37) 221-37-42; адрес сайта журнала: **http:istorik.tarena.tj**

**В СООТВЕТСТВИИ С ТРЕБОВАНИЯМИ ВАК ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РТ, СТАТЬЯ ДОЛЖНА СОДЕРЖАТЬ:**

- индекс УДК (размещается в начале статьи отдельной строкой слева);
- индекс ББК (размещается в начале статьи отдельной строкой слева);
- фамилию, имя, отчество автора (авторов) полностью на русском и английском или таджикском, русском и английском языках;
-учёную степень, учёное звание автора (авторов), наименование и шифр научной специальности (согласно номенклатуре), по которой ведётся исследование, на русском и английском или таджикском, русском и английском языках;
-аспиранты, соискатели, преподаватели, докторанты указывают кафедру и учебное заведение (магистранты-направление подготовки) на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках;
- указание на должность, место работы, город, страну на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках;
- e-mail и телефона автора или соавторах для связь;
- название статьи на русском и английском или на таджикском, русском и английском языках (заглавными буквами, шрифт Times New Roman 14 или Times New Roman tj 14, выравнивание по центру);
- аннотация на русском и английском языках (шрифт TNR 14, выравнивание по ширине, от 100 до 250 слов с указанием цели и задач исследования, краткого хода работы и основных выводов, содержащих научную новизну);
- ключевые слова на русском и английском языках (5-7 слов или словосочетаний из двух или трёх слов, через запятую, шрифт TNR 14, начертание - курсив, выравнивание по ширине);
- статья в обязательном порядке должна содержать список использованной лите-ратуры с указанием только цитируемых работ. Список литературы приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника. Список использованной литературы оформляется в алфавитном порядке в соответствии с ГОСТ.
- ссылки даются в скобках, в которых указывается номер использованного источника сог-ласно списку использованной литературы, а затем цитируемая страница.

Статьи принимаются в течение года. Редакция оставляет за собой право отбора мате-риала, а также право сокращения публикуемой статьи. Текст, присылаемой рукописи яв-ляется окончательным и должен быть тщательно выверен и исправлен. Статьи, направ-ляемые в редакцию с нарушением вышеперечисленных требований, к рассмотрению не принимаются. За компетентность и содержание публикуемых материалов несут полную ответственность авторы и рецензенты.

**Редакция журнала**

**ИНДЕКСИ ОБУНА: 77771**

**МУАРРИХ -** маҷаллаи илмӣ-назариявӣ

**Муассис:** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ақидаи ҳайати таҳририя метавонад ба нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ наояд. Барои мазмуни мавод ва маълумоти саҳеҳ муаллифон масъуланд. Истинод ба сарчашма, муаллиф ва шумора ҳатмист.

Мусаҳҳеҳ: **Манзура ҲАСАНОВА**
Котиби масъул: **Мухбирҷон КЕНҶАЕВ**
Муҳаррири техникӣ: **Илҳом БАҲРОМОВ**
Саҳифабанд ва ороишгар: **Тӯрахӯҷаи ТОҲИРЗОДА**

Ба матбаа 31. 03. 2022 сол таҳвил шуд. Ба чопаш 14.04. 2022 имзо шуд. Андозаи 70х100$^{1}/_{8}$.
Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 12. Адади нашр 100 нусха. Супориши №39

ҶДММ матбааи «Ганҷи хирад»
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел: 227-71-01

**ИСТОРИК-** научно-теоретический журнал

**Учредитель:** Институт истории, археологии и этнографии
им. Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана

Мнение редакционной коллегии может не совпадать с точкой зрения авторов публикаций. Ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов несут авторы. При полной или частичной перепечатке или воспроизведения любым способом ссылка на источник обязательна.

Корректор: **Манзура ХАСАНОВА**
Ответственный секретарь: **Мухбирджон КЕНДЖАЕВ**
Технический редактор: **Илҳом БАҲРОМОВ**
Дизайн и верстка: **Турахуджаи ТОХИРЗОДА**

Сдано в типографию 8. 07. 2022 г. Подписано в печать 00. 07. 2022 г. Формат 70х100$^{1}/_{8}$.
Офсетная бумага. Офсетная печать. Печатный лист 11. Тираж 100 экземпляр. Заказ № 39
Отпечатано в типографии ООО «Ганҷи хирад»
734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 21. Тел: 227-71-01